**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Махмадрасулов Бободжон Саймахмудович*** **-** Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе, номзади илмҳои таърих, омӯзгори калони фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1. Телефон:**918-80-84-84**, E-mail: ***bobojonsport@mail.ru**

***Махмарасулов Мухамед Саймахмудович*** – донишгоҳи техники Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ, ассистенти кафедраи итарбияи ҷисмонӣ, Устоди варзиши сатҳи байналмилалӣ аз рӯи муҳорибаи самбо. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи академик Раҷабовҳо, 10. Телефон: **908-22-88-34**.

**Сведение об авторах:** ***Махмадрасулов Бободжон Саймахмудович*** - Филиал Московского государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе, кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры социально-гуманитарных дисциплин,Заслуженный тренер Республики Таджикистан. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Бохтар, 35/1.
Телефон:**918-80-84-84**, E-mail: ***bobojonsport@mail.ru**

***Махмарасулов Мухамед Саймахмудович*** – Таджикский технический университет имени академика М. С. Осими, ассистент кафедры физического воспитания, Мастер спорта международного класса Республики Таджикистан по борьбе самбо**. Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Академиков Раджабовых, 10. Телефон: **908-22-88-34**.

**Information about the authors: Makhmadrasulov Bobojon Saimakhmudovich -** Branch of the Lomonosov Moscow State University in Dushanbe, Candidate of Historical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Social and Humanitarian Disciplines, Honored Trainer of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Bokhtar street, 35/1. Phone: **918-80-84-84,** E-mail: ***bobojonsport@mail.ru**

***Makhmarasulov Mukhamed Saimahmudovich*** **-** Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, assistant of the Department of Physical Education, Master of Sports of the International Class of the Republic of Tajikistan in Sambo wrestling. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Academician Radjabov street, 10. Phone: **908-22-88-34.**.

УДК: 327.01 (575.3)

# ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ ТАЪМИНИ АМНИЯТ
## (дар қаринаи вазъияти Афғонистон)

*Шарипов С.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тағйиротҳои ду даҳаи охир баёнгари он аст, ки вазъи муносибатҳои байналхалқӣ рӯз то рӯз мураккаб гардида, дигаргуниҳои сиёсиву иқтисодӣ ва амниятӣ аз кишварҳо тақозо менамояд то ҷиҳати таъмини амнияти миллӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ диққати амиқ зоҳир намуда, дар ин самт сиёсати дурусту оқилонаро роҳандозӣ намоянд.

Бо ин ҳол вазъи баамаломада ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи хоси роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифта, гувоҳи он суханрониҳои сатҳи байналмилалию минтақавӣ ва паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Парлумони мамлакат ба ҳисоб меравад.Бешубҳа, асоси пешрафти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии дилхоҳ кишварро бе сулҳу субот ва оромии сартосарӣ дар давлат тасаввур намудан ғайриимкон аст. Вобаста ба ин Ҳукумати Тоҷикистон бахусус Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи таъмини суботи сиёсӣ ва амнияти давлатии кишвар диққати махсус зоҳир менамоянд.

Ҳоло масъалаи таъмини амнияти миллӣ дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон мавқеи муҳимро соҳиб аст. Дар ин росто бояд таъкид намуд, ки таъмини суботи дохилӣ аз вазъи минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла субот дар марзҳои давлатӣ вобастагии калон дорад. Ба ин мазмун, сиёсати хориҷӣ давоми мантиқии сиёсати дохилӣ ба ҳисоб рафта, мақсади он расидан ба аҳдофи миллии кишварҳо ба ҳисоб меравад.

Дар ин замина, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмоалӣ Раҳмон вобаста ба вазъи байналмилалӣ ва таъмини сулҳу суботи ҷаҳонӣ ҳамеша, ҷомеаи ҷаҳонро барои ҳамкории муштарак бо хатарҳои замони муосир, аз ҷумла мубориза бар зидди се "изм"*-и[*] байналмилалӣ даъват менамояд. Бо ин ҳол, маҳз дар ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, аз ҷумла, Консепсия сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон вусъати терроризми байналмилалӣ, қочоқи воситаҳои нашъадор ва силоҳ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ба сифати таҳдиду чолишҳое ном бурда мешавад, ки дар пасманзари таъсири бевоситаи раванди ҷаҳонишавӣ ба амал омада, хусусияти глобалӣ касб намудаанд ва ба омилҳои нигаронкунандаи ҷомеаи инсонӣ табдил ёфтаанд. [6]

Дар ин радиф, бояд иброз дошт, ки "хатарҳои замони муосир, вазъият дар Ховари Миёна ва Афғонистони ҳамсоя моро водор месозанд, ки ба масъалаи таъмини амният диққати аввалиндараҷа диҳем".[10] Охиран, ҳоло ҷомеи ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк намудааст, ки вазъи кишвари Афғонистон ё минтақаи Ховари Миёна натанҳо ба вазъи минтақавӣ ва кишварҳои алоҳида халал ворид менамояд, балки вазъи тамоми ҷаҳонро ноором месозад. Дар ин ҳол барҳақ шеъри шоири бузурги форсу тоҷик Саъдии Шерозӣ ба хотир меояд, ки гуфта буд:

*Бани Одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узверо ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор...*

---

*Терроризм, экстремизм ва сепаратизм.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини амнияти миллӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ва пешгирии хатарҳои фазоянда аз вазъи сиёсӣ дар Афғонистон алоқамандии зич дорад.

Дар алоқа бо ин масъалаи таъмини сулҳу субот дар ин кишвар натанҳо барои Тоҷикистон, балки дигар кишварҳои Осиё ва Аврупо муҳим мебошад. Ҷониби Тоҷикистон, аз ҷумла Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз минбарҳои баланд иброз доштааст, ки масъалаи таъмини сулҳу субот дар Афғонистон барои мо аҳамияти муҳим дорад ва "Тоҷикистон аз Ҳукумати Афғонистон дар доираи талошҳои пайвастаи он ҷиҳати истиқрори сулҳу субот ва бозсозии кишвар ҳамеша пуштибонӣ мекард ва дар ин мавқеъ минбаъд низ устувор хоҳад монд". [13]

Бояд тазаккур дод, ки аввалин ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон зиёда аз 20 сол муқаддам вобаста ба масъалаи Афғонистон анҷом дода шуда буд. Ҳанӯз 8 июни соли 1998 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи махсуси 20-уми Маҷмаи Умумии СММ баромад намуда, ҷомеаи ҷаҳонро барои ҳамкории муштарак ва таъсиси "камарбанди амниятӣ дар атрофи Афғонистон" даъват намуда буд. [3. С-15]

Дар он замон, аксари донишмандон ва сиёсатмадорони сатҳи баланд дар ғарб бар он назар буданд, ки мушкилоти Афғонистон ин мушкилоти минтақа аст, на аз онҳо. Илова бар ин, чунин мешумориданд, ки сабабҳои пайдо шудани ин мушкилот рақобатҳои носолими қавмиву этникӣ дар минтақа мебошанд.

Лекин вақт нишон дод, ки ҳама он ҳушдорҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон воқеӣ будаанд ва натиҷаи беэътиноии сиёсӣ буд, ки мушкилоти он вақт имрӯз ба хатару таҳдиди глобалӣ табдил ёфтанд.

Қайд намудан зарур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини сулҳу субот дар Афғонистон ҳамеша мавқеи холисона дошта, он дар муҳимтарин ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ ва суханрониҳои роҳбарияти олии мамлакат инъикоси худро ёфтааст. Мавқеи кишвари мо таъмини шароити мусоид ҷиҳати рушди иқтисодии ин мамлакат ва ба ин васила таъмини рушди устувори Афғонистон мебошад. Масалан дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки "Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳукумати Афғонистонро дар ҳалли ҳамаҷонибаи қазияи кишвар ва эҳёи иқтисодии он дар марҳалаи гузариш ба Афғонистони худкифо пуштибонӣ мекунад ва тавсеаи ҳамкориҳои гуногунсоҳаи мутақобилан судмандро бо ин кишвари дӯсту ҳамсоя бар мабнои муштаракоти таърихӣ, забонӣ ва фарҳангии миёни ду халқ аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии худ мешуморад." [6]

Омили асосии таваҷҷӯҳ дар самти таъмини амният ва сулҳу субот, инчунин пешгири аз тамоми хатарҳое, ки натанҳо ба Тоҷикистон, балки ба тамоми кишварҳои қораи Осиё ва Аврупо таҳдид менамояд ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори ҳарчи зудтар барқарор гардидани сулҳи пойдор дар Афғонистон буда, оромӣ, амният ва суботи сиёсии ин кишвари ҳамҷаворро ҷавобгӯи манфиатҳои миллии худ медонад.

Имрӯзҳо бар асари ноамниҳо дар нуқтаҳои гуногуни олам, аз ҷумла дар Афғонистон таҳдидҳои амниятӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ рӯ ба афзоиш мебошанд. Тоҷикистон, бинобар мавқеи ҷуғрофии худ, дар марзи аввали муқовимат бо таҳдиду хатарҳои муосир қарор дорад.

Ба ҳама маълум аст, ки таъмини сулҳу субот дар Осиёи Марказӣ бо вазъи амниятӣ дар Афғонистон робитаи ногусастанӣ дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Афғонистон сарҳади тӯлонӣ (зиёда аз 1400 километр) дорад, нисбат ба вазъияти кунунӣ дар ин кишвари дӯсту ҳамсоя, аз ҷумла дар минтақаҳои шимоли он бетафовут буда наметавонад. [17]

Ҷиддияти вазъият дар Афғонистон танҳо баъди амалҳои террористии даҳшатовари 11 сентябри соли 2001 дар Ню-Йорк таваҷҷуҳи кишварҳои оламро ба худ ҷалб намудааст. Аммо ин падидаи номатлуб, аллакай, хислати ҷаҳонӣ касб намуда, пеши роҳи онро гирифтан хеле мушкил шуд. [12]

Дар самти мусоидат ба таъмини суботи сиёсӣ дар Афғонистон аз моҳи октябри соли 2001 баъди амалиётҳои зиддитеррористӣ дар Афғонистон Тоҷикистон таъмини бемамонияти кӯмакҳои башардӯстиро ба аҳолии Афғонистон ба уҳда гирифта, тартиби гумрукӣ ва сарҳадиро содда намуда, фазои хушкӣ ва ҳавоии худро барои анҷоми амалиётҳои наҷотдиҳӣ ва башардӯстии аҳамияти фароимиллидошта пешниҳод менамояд. [4. С-39]

Дар ин замина, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо қайд намудаанд, ки "кумак ба эҳёи иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии Афғонистон беҳтарин роҳи истиқрори сулҳу субот дар ин кишвар ва таъмини амният дар минтақа мебошад» ва «бо дарназардошти воқеияти кунунӣ ва бо мақсади таъмини амнияти устувор ҷиҳати пешгирӣ аз хатарҳои афзояндаи терроризму ифротгароӣ ва дигар таҳдидҳои замони муосир мо омодаем ҳамкории густурдаро бо созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва кишварҳои шарик тақвият бахшем».[16]

Бояд иброз намуд, ки солҳои охир пойтахти Тоҷикистон ш. Душанбе борҳо ҷиҳати таъмини субот дар Афғонистон ва амнияти минтақавӣ макони баргузории бузургтарин ҳамоишҳои сатҳи байналхалқӣ гардидааст, ки зимни онҳо намояндагони доираҳои гуногуни илмӣ-таҳқиқотӣ, созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ васоити ахбори оммаи ҷаҳонӣ ва минтақавию миллӣ ба ҳам омадаанд, ки ин аз мавқеи калидии Тоҷикистон дар самти ба эътидол овардани вазъият дар Афғонистон дарак медиҳад.

Дар алоқа бо ин метавон якчанд ташаббуси дигари Тоҷикистонро дар самти баргузори ҳамоишҳои сатҳи байналхалқӣ ба монанди, Конфронси байналмилалии сатҳи баланд, «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез» (3-4 майи соли 2018, Душанбе) ёдовар шуд.

Дар рафти конфронс 400 нафар аз 46 кишвари олам, 30 созмонҳои минтақавию байналхалқӣ, инчунин намояндагони ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иштирок намуданд. [2]

Дар раванди кори Конфрнс Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон баромад намуда иброз доштанд, ки "таърих ва таҷрибаи талхи бисёр кишварҳои олам, аз ҷумла Тоҷикистон гувоҳ аст, ки дар мубориза бо қувваҳои бадхоҳи ҷаҳонӣ ва таҳдидҳои глобалӣ танҳо бо роҳи ҳамкорӣ ва фаъолияти муштарак метавон пирӯз гардид. Гуфта шуд, ки ки мутаасифона то ба ҳол аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеъгирии ягона нисбат ба мафҳумҳои терроризм ва экстремизм ба назар намерасад. Инчунин, Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки хусусияти глобалии хатари терроризм ва ифротгароӣ ҷиддан тақозо менамояд, ки нисбат ба ин ду мафҳум мавқеъ ва меъёрҳои ягонаву умумӣ таҳия ва қабул карда шаванд." [12]

Инчунин, 17 майи соли 2019 бо ташаббуси Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Душанбе конфронси дурӯзаи сатҳи баланд «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил» баргузор гардид. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин чорабиниро дар ҳамкории зич бо САҲА, Созмони Миллали Муттаҳид ва Иттиҳоди Аврупо баргузор намуд. [8]

Дар рафти баргузории конфонси мазкур намояндагони 50 кишвар ва беш аз 27 созмони байналмилалӣ ва минтақавӣ дар он ҳамоиш ширкат намуд.

Ҳадафи Конфронс таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, муайян кардани усулҳои самараноки мубориза бо маблағгузории терроризм, табодули

донишу таҷриба дар ин самт, ҳамчунин мусоидат ба муҳокимаи коршиносон дар мавриди вокуниш ба шаклҳои тағйирёбандаи маблағгузории созмонҳои террористӣ буд. Конфронси мазкурро беш аз 200 рӯзноманигорони дохилӣ ва хориҷӣ бозтоб намуданд. [5]

Дар робита ба манбаъҳои маблағгузории терроризми байналмилаӣ, аз ҷумла, гардиши ғайриқонунии маводи мухадир ва ҷинояткории муташаккил бояд зикр намуд, ки соли 1998 дар баромади Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷмаи Умумии СММ боло рафтани нархи воситаҳои нашъадор омили фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати афзоиши сатҳи ҷинояткорӣ ва дастгирии терроризми байналхалқӣ дониста шуд. Гуфта мешуд, ки агар соли 1991 гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир 10 килограммро ташкил менамуд, чунин нишондода дар соли 1997 ба 4,5 тонна ва дар се моҳи соли 1998 тақрибан 1189 килограммро ташкил медод. [3. С-15]

Аз соли 1994 то имрӯз аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии Тоҷикистон беш аз 120 тонна маводи нашъаовар мусодира гардидааст.[10] Тибқи иттилоъи Оҷонсии назорати маводи нашъаовари ҷумҳурӣ дар соли 2018 кормандони ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 3,6 тонна маводи мухаддир мусодира намуданд. Нишондоди мазкур дар соли 2019 ба 1,6 тонна баробар мебошад, ки ин таносуб нисбат ба соли 2018 тақрибан ду баробар кам мебошад. [11]

Дар соли 2021 аз ҷониби тамоми ниҳодҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 4 тоннаву 83,2 кг қочоқи маводи мухаддир мусодира гардидааст. [1]

Дар ин радиф метавон гуфта, ки Тоҷикистон аз солҳои аввали Истиқлолият стретегияҳои миллӣ ва барномаҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддатро дар мубориза бар зидди маводи мухадир қабул намуда, ҳуҷҷатҳои заминавии минтақавӣ ва байналхалқӣ аз қабили конвенсия ва ёддоштҳоро дар мубориза бар зидди маводи мухаддир ба тасвиб расонидааст. Тоҷикистон ҳамкории судмандро бо Барномаи СММ оид ба назорати байналмилалии маводи мухадир ба роҳ монда дар асоси тавсияҳои он қонунҳои марбутаро қабул менамояд. [3]

Пӯшида нест, ки дар вазъият душвор ва печидаи байналхалқӣ кишварҳои дунё дар танҳоӣ наметавонанд дар муқовимат бо хавфу таҳдидҳои афзояндаи амнияту осоиш комёб гарданд ва сулҳу суботро таъмин намоянд.

Дурустии роҳи интихобкардаи кишвари мо бар асоси татбиқи манфиатҳои миллии он дар асоси таҳлили вазъи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тамоюлҳои муносибатҳои байналмилалӣ собит мегардад.

"Сиёсати «дарҳои кушода» чун меҳвари аслии муносибатҳои мо бо ҷаҳони муосир воқеӣ, дуруст ва судовар будани худро нишон дода, доираи шарикони Тоҷикистонро афзоиш бахшид ва барои таъмин намудани иштироки густурдаи кишварамон дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ заминаи мусоид фароҳам овард."[10] Масъалаи мазкур бо манфиатҳои миллии мо, тақвияти шинохти мусбати Тоҷикистон ба ҳайси давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд, инчунин инкишофи муносибатҳои боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо тамоми кишварҳои олам дар асоси манфиатҳои мутақобила ҷавобгӯ мебошад. [6]

Тақвияти ҳамкориҳои густурда бо шарикони байналмилалиро мо яке аз омилҳои муҳими татбиқи ҳадафҳое медонем, ки дар Стратегияҳои миллии мо оид ба муқовимат бо терроризм ва ифротгароӣ барои солҳои 2016-2020 [14] ва Стратегияи нави муқовимат бо зуҳуроти мазкур дар кишвар барои солҳои 2021-2025", дарҷ гардидаанд. Стратегияи нави муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳое, ки дар Паёми Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 зикр гардида буд, мутобиқ ба икдомоти Тоҷикистон оид ба амалисозии

Стратегияи глобалии зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид ва қатъномаҳои Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидааст.

Стратегия мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян намуда, ба муттаҳид намудани тадбирҳои мақомоти давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ин самт равона шудааст. [7]

Стратегия дар самти таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ, васеъ намудани заминаҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, тақвият бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар соҳаи муқовимат ба экстремизм, терроризм, сепаратизми байналмилалӣ, ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигари хусусияти байналмилалидоштаро фаро мегирад.[14]

Инчунин такмили ҳамкориҳо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти махсуси кишварҳои хориҷӣ ва ташкилоту хадамоти махсусгардонидашудаи байналмилалӣ доир ба ташкили муқовимат ба экстремизм ва терроризм, аз ҷумла оид ба масъалаҳои пайгирӣ ва назорат бурдан ба ҷойивазкунии экстремистони таҷовузкор, мусоидат ба тақвияти зарфиятҳои субъектони муқовимат ба экстремизм ва терроризм, муҳимтарин масъалаҳое мебошанд, ки инъикоси худро дар стратегия ёфтаанд.

Мавқеи аслии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нисбат ба таъмини сулҳу суботи сартосарӣ дар Афғонистон дар шакли зерин баён намудан мумкин аст:

**Якум,** мубориза самарабахш алайҳи терроризму ифротгароӣ ва тундгароии хушунатангез дар Афғонистон ба ҳеҷ ваҷҳ сиёсати “меъёрҳои дугона”-ро намепазирад ва кишварҳои манфиатдор бояд аз истифодаи он қатъиян худдорӣ намоянд; [12]

**Дуюм,** истифодаи сиёсати “меъёрҳои дугона” боиси тавсеаи ҷуғрофияи хатару таҳдидҳои хатарбор дар шаклу усулҳои пешгӯинашаванда гардида, вазъиятро дар Афғонистон боз ҳам даҳшатнок мегардад;

**Сеюм,** Ҷумҳурии Тоҷикистон сарҷамъ сохтани тамоми мардум ва таъсис додани ҳукумати фарогири манфиатҳо ва намояндагони ҳамаи қавму миллатҳо, инчунин нерӯҳои сиёсро ягона роҳи расидан ба суботу оромӣ дар Афғонистон медонад;

**Чаҳорум,** Тоҷикистон бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва суботи сартосарӣ дар Афғонистон таъмини бемамонияти кӯмакҳои башардӯстонаро ба аҳолии ин кишвар ба уҳда гирифта, тартиби гумрукӣ ва сарҳадиро содда намудааст. Инчунин фазои хушкӣ ва ҳавоии худро барои анҷоми амалиётҳои наҷотдиҳӣ ва башардӯстии аҳамияти фаромиллидошта пешниҳод менамояд, ки аз мавқеи хайрхоҳонаи Тоҷикистон нисбат ба ин мамлакати ҷангзада дарак медиҳанд. Кишвари мо расонидани кумакҳои саривақтиро ба мардуми Афғонистон, бахусус, дар давраи даҳсолаи гузариш дар Афғонистон (солҳои 2015-2024) дар чаҳорчӯби ҳама гуна муколамаву ҳамоишҳои мавҷуда амри муҳим меҳисобад.

**Панҷум,** сохти давлатдорӣ ва тарзи идораи давлат бо майлу ирода ва раъйи худи мардуми Афғонистон муайян ва муқаррар карда шавад. [9]

Бо ин ҳол, мушкилоти Афғонистон натанҳо ҳушдор барои кишварҳои минтақаи мо, балки омили дарёфти роҳҳои муассири ҳамкории судманд дар самти манофеи тамоми минтақа мебошад, ки бешубҳа Афғонистон низ як ҷузъи он ба ҳисоб меравад.

Тоҷикистон дастгирии раванди талошҳо ҷиҳати ҳамгироии кишварҳои минтақаро аз тарафи кишварҳои хориҷӣ ки дар самти мушкилоти Афғонистон таҷриба ва имконоти кофӣ доранд ва метавонанд барои таъмини амният ва суботи

байналхалқи мусоидат намуда, омили расидан ба аҳдофи дар назди кишварҳо гузошташуда ва ба мақсад мувоффиқ медонад.

Дар ин замина, Тоҷикистон ҳамкории судмандро бо кишварҳои бузурги минтақа ва ҷаҳон, аз қабили Россия, Чин [18. С.41.] ва дигар кишварҳои ҳамшарики мо дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ, ба мисли Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай роҳандозӣ намуда, ҳамеша дар пайи дарёфти роҳҳои самарабахш ҷиҳати таъмини сулҳу субот дар Афғонистон мебошад. [12]

Дар маҷмуъ, чунин мавқеъгирии Ҷумҳурии Тоҷкистон одилона ва холисона буда, ҳам ба меъёрҳои дунявӣ ва ҳам меъёрҳои исломи воқеӣ мувоффиқат менамояд. Зеро, бо назардошти сохтори сиёсии Афғонистон ва такя ба меъёру арзишҳои воқеии исломӣ ба ҳеҷ ваҷҳ имкон намедиҳад, ки қавму миллатҳо ва гурӯҳҳои этникӣ аз ҳам ҷудо карда шуда, манофеи ин ё он тараф ба инобат гирифта нашавад. Маҳз мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъсиси ҳукумати фарогири манфиати намояндагони ҳамаи қавму миллатҳо ва нерӯҳои сиёсӣ баёнгари эҷоди фазои солими пешбурди сиёсати дохилӣ ва хориҷии Афғонистон, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва сулҳу суботи сартосарӣ дар ин кишвар мебошад.

**Муқарриз: Нуриддин П.Р.. – н.и.с., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. В АКН рассказали сколько наркотиков было изъято в 2021 году. [электронный ресурс]. URL: http://avesta.tj/2022/02/17/v-akn-rasskazali-skolko-narkotikov-bylo-izyato-v-2021-godu. (дата обращение: 10.02.2022).
2. В Душанбе состоится международная конференция по противодействию терроризму. [электронный ресурс]. URL: https://vestikavkaza.ru/news/V-Dushanbe-sostoitsya-mezhdunarodnaya-konferentsiya-po-protivodeystviyu-terrorizmu.html. (дата обращение: 01.01.2022).
3. Генеральная ассамблея. Выступление Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона. Двадцатая специальная сессия. 2-е пленарное заседание. Официальные отчеты. 8 июня 1998. Нью –Йорк. A/S-20/PV.2.- С.15.
4. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. В двух томах. Том 1. (Под общей редакцией Хамрохона Зарифи) Серия: Внешняя политика Таджикистана. Душанбе: «Ирфон», 2009, 296 с.
5. Душанбинский процесс - новый этап в борьбе с современными вызовами и угрозами. [электронный ресурс]. URL: http://narodnaya.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=9061:2019-06-12-11-01-36&Itemid=216. (дата обращение: 10.02.2022).
6. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332. [манбаъи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/988/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston. (санаи муроҷиат: 15.02.2022).
7. Қабули стратегияи муқовимат ба терроризм ва экстремизм. [манбаъи электронӣ]. URL: http://www.prokuratura.tj/point22/66-to-ik/news/1229-piramidai-moliyav-19.html. (санаи муроҷиат: 12.02.2022).
8. ОБСЕ поддерживает конференцию в Душанбе по противодействию терроризму. [электронный ресурс]. URL: https://www.osce.org/ru/programme-office-in-dushanbe/420092. (дата обращение: 16.01.2022).
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 21.12.2021. [манбаъи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/27417. (санаи муроҷиат: 20.02.2022).
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2017. Душанбе. [манбаъи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/16771. (санаи муроҷиат: 22.02.2022).
11. Свыше 1,6 тонн наркотиков изъято в 2019 году в Таджикистане. [электронный ресурс]. URL: http://avesta.tj/2020/02/17/svyshe-1-6-tonn-narkotikov-izyato-v-2019-godu-v-tadzhikistane. (дата обращение: 21.02.2022).
12. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи "Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез". 04.05.2018. Душанбе. [манбаъи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/17564. (санаи муроҷиат: 11.01.2022).

13. Суҳбати телефонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон. [манбаъи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/7134/suhbati-telefonii-prezidenti-jumhurii-tojikiston-bo-prezidenti-jumhurii-islomii-afgoniston. (санаи муроҷиат: 12.01.2022).
14. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Замимаи 1 ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187. [манбаъи электронӣ]. URL: https://www.anticorruption.tj/images/PDF/ter-ek.pdf. (санаи муроҷиат: 10.03.2022).
15. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №776 аз 12.11.2016, Дар бораи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020. [манбаи электронӣ]. URL: https://mit.tj/sites/default/files/strategiyai_milli.pdf. (санаи муроҷиат: 10.01.2022).
16. Шарипов С. Паёми Пешвои миллат ва таҳлили воқеияти ҷаҳони муосир. 26.12.2017. [манбаъи электронӣ]. URL: http://khovar.tj/2017/12/payomi-peshvoi-millat-va-ta-lili-vo-eiyati-a-oni-muosir. (санаи муроҷиат: 20.02.2022).
17. Шарипов С.С. Аз паём то паём- таҳлили баъзе аз ҷанбаҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои он. [манбаъи электронӣ]. URL: 11.03.2022. https://mo.tnu.tj/tj/az-pajom-to-pajom-ta-lil-baze-az-anba-oi-rushdi-um-urii-to-ikiston-va-durnamoi-on/. (санаи муроҷиат: 25.03.2022).
18. Шарипов С.С. Аҳамияти кишварҳои Осиёи Маракзӣ барои Ҷумҳурии мардумии Чин. Паёми ДМТ. 2020. №6. – С.41.

## ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ ТАЪМИНИ АМНИЯТ

**(дар қаринаи вазъияти Афғонистон)**

Дар мақолаи мазкур воқеияти ҷаҳони муосир бо назардошти тамоюлҳои нав дар низоми таъмини амнияти байналхалқӣ ва минтақавӣ инъикоси худро ёфтааст. Яке аз чунин воқеиятҳо дар замони муосир вазъи пурпечутоби амниятӣ дар Афғонистон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон, ки бо Афғонистон 1400 километр хатти сарҳад дорад ва он 60 фоизи сарҳади умумии минтақаи Осиёи Марказиро бо ин кишвар ташкил медиҳад, масъалаи таъмини сулҳи пойдор ва рушди минбаъдаи он, ки ба ташаккули ҳамкориҳои мутақобилаи мо мусоидат менамояд, аҳамияти аввалиндараҷа дорад.Вобаста ба зарурати таъмини сулҳу субот дар Афғонистон ва таъсири он ба амнияти Осиёи Марказӣ дар мақола аввалин талошҳои ҷониби Тоҷикистон, аз ҷумла, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои баланди созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, баргузории ҳамоишҳои сатҳи баланд, вобаста ба мубориза бар зидди се “изм”, ки “устухоне дар гулӯи башарият” мебошанд ва онҳо дар аксар вақт монеи рушди босуботи ҷомеаҳои гуногун, минҷумла Афғонистон гаштаанд, инъикоси худро ёфтаанд.Зиёда аз ин, дар мақола муҳимтарин масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ ва байналхалқӣ, муборизаи воқеӣ бар зидди хатарҳои ғайрианъанавӣ, мавқеи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба қазияи Афғонистон оварда шудааст, ки натанҳо ҷавобгӯи манофеи Тоҷикистон, балки кишварҳои минтақа ва ҷаҳон мебошанд.Дар маҷмуъ, мавзӯи баррасишаванда дорои мубрамияти хоса ва аҳамияти муҳими илмӣ буда метавонад ба сифати таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби доираҳои гуногуни таҳқиқотӣ омӯхта шавад.

**Калидвожаҳо:** се «изм», субот, тамоюл, амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ, сулҳи пойдор, таҳдидҳои ғайрианъанавӣ, Афғонистон, ташаббусҳои амниятӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаҳони муосир, сиёсати “меъёрҳои дугона”.

## ИНИЦИАТИВЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОБЛАСТИ МЕЖДУНАРОДНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ (в контексте ситуации в Афганистане)

В данной статье отражены реалии современного мира с учетом новых тенденций в системе международной и региональной безопасности. Одной из таких ситуаций в наше время является сложная ситуация с учетом безопасностьи в Афганистане.Поэтому для Таджикистана, который имеет 1400-километровую границу с Афганистаном, что составляет 60 процентов общей границы Центральной Азии с этой страной, вопрос обеспечения прочного мира и его дальнейшего развития, что способствует развитию нашего сотрудничества имеет первостепенное значение.Относительно необходимости обеспечения мира и стабильности в Афганистане и его влияния на безопасность Центральной Азии в статье описываются первые усилия таджикской стороны, в том числе Лидера Нации Эмомали Рахмон изображаенных с трибун международных и региональных организаций, проводящих совешанями на высшем уровне по борьбе с тремя «измами», которые являются «костью в горле человечества» и часто мешают устойчивому развитию различных обществ, в том числе и Афганистана.Более того, в статье освещаются важнейшие вопросы региональной и международной безопасности, реальная борьба с нетрадиционными угрозами, официальная позиция Республики Таджикистан по Афганистану, что отвечает интересам не только Таджикистана, но и стран региона и мира. В целом рассматриваемая тема

имеет особую актуальность и важное научное значение и может быть изучена в качестве научного исследования различными исследовательскими кругами.

**Ключевые слова:** три «изма», стабильность, тенденция, региональная и международная безопасность, прочный мир, нетрадиционные угрозы, Афганистан, инициативы в области безопасности, Республика Таджикистан, современный мир, политика «двойных стандартов».

## INTERNATIONAL SECURITY INITIATIVES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
## (in the context of the situation in Afghanistan)

This article reflects the realities of the modern world, taking into account new trends in the system of international and regional security. One of such realities in modern times is the complicated security situation in Afghanistan.Therefore, for Tajikistan, which shares a 1,400-kilometer border with Afghanistan, which accounts for 60 percent of Central Asia's total border with this country, the issue of ensuring lasting peace and its further development, which promotes the development of our cooperation, this is of paramount importance.Regarding the need to ensure peace and stability in Afghanistan and its impact on the security of Central Asia, the article describes the first efforts of the Tajik side, including the Leader of the Nation E. Rahmon has been portrayed from the rostrums of international and regional organizations, holding high-level rallies to combat the three "isms" that are "bones in the throats of humanity" and often hinder the sustainable development of various societies, including Afghanistan.In addition, the article highlights the most important issues of regional and international security, the real fight against non-traditional threats, the official position of the Republic of Tajikistan on Afghanistan, which is not only in the interests of Tajikistan, but also the region and the world.In general, the topic under consideration has a special relevance and important scientific significance and can be studied as a scientific research by various research circles.

**Key words:** three "isms", stability, trends, trends, regional and international security, lasting peace, non-traditional threats, Islamic Republic of Afghanistan, security initiatives, Republic of Tajikistan, modern world, “double standards” policy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарипов Сайҳомид Сафармадович-*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи минтақашиносии хориҷӣ**. Суроға:**734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **(+992) 985-48-58-46**. E-mail: **sayhomid.tj.93@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Шарипов Сайхомид Сафармадович*** **-** Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры зарубежного регионоведения.
**Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **(+992) 985-48-58-46**. E-mail: **sayhomid.tj.93@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sharipov Sayhomid Safarmadovich*** **-** Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Foreign Regional Studies. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.Phone: **(+992) 985-48-58-46**. E-mail: **sayhomid.tj.93@mail.ru**

УДК:93.1:297 (575.3)

# САҲМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАВСЕАИ РОБИТАҲОИ КИШВАР БО СОЗМОНИ ҲАМКОРИҲОИ ИСЛОМӢ

*Ғуломов А.М.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Раванди асосии замони муосир падидаи ҷаҳонишавӣ мебошад ва он мантиқан тақозо мекунад, ки давлатҳо барои ҳалли масоили муҳимми иҷтимоиву иқтисодӣ равобити худро бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ пурзӯр намоянд. Яке аз чунин созмонҳо, ки мақоми байналмилалиро ба худ касб кардааст Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ мебошад. Дар марҳилаи ҳозираи рушду такомули муносибатҳои байналмилалӣ Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ ҳамчун посухгӯи ниёзҳои кишварҳои мусулмоннишин дар ҳоли тағйиру таҳаввули босуръат қарор дорад.

Бояд дар назар дошт, ки дар барқарор ва тавсеа бахшидани равобити худ бо СҲИ ҳамеша аз чунин муқаррароти илмӣ истифода ба амал меоварад, ки ҷиҳати сатҳи созмонӣ шудани як ниҳод ва ё созмони байналмилалӣ чунин хислатҳо ба инобат гирифта шаванд: «Мизони мутобиқ ё созгории як созмони байналмилалӣ бо тағйироти муҳити байналмилалӣ; чандбуъдии як созмони байналмилалӣ; истиқлол ё озодии амал, як созмони байналмилалӣ ҷудо аз кишварҳои узв дорои маҷмуае аз арзишҳо ва усуле аст, ки махсуси созмон мебошад; иртибот ё ҳамбастагии органҳои дохилии созмон бо якдигар ва мавқеи усулии он нисбат ба кишварҳои узвро дорад» [3,с.99].

Аз нигоҳи методологӣ арзёбии фаъолияти як созмони байналмилалӣ мумкин аст, аз дидгоҳҳои назариявии гуногун мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирад. Аммо аксари муҳаққиқон ва таҳлилгарони фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ аз назарияи С. Хатингтон оид ба сатҳи созмонӣ шудани як ниҳод барои арзёбии созмонҳои байналмилалӣ истифода менамоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси кишвари мусулмоннишин, ки бештар аз 99 % аҳолии онро мусулмонон ташкил медиҳанд, равобити худро бо СҲИ рушду тавсеа мебахшад. Дар ин замина Ҷумҳурии Тоҷикистон равобити дипломатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии хешро бо мамлакатҳои ҷаҳони ислом, ба монанди Эрон, Туркия, Малайзия, Арабистони Саудӣ, Уммон, Яман, Қатар ва монанди инҳо, сарфи назар аз навъи хукумат ва дараҷаи тараққиёташон, тавассути СҲИ тақвият мебахшад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 декабри соли 1992 (дар ҳоле, ки кишвар дар вазъияти ҷанги шаҳрвандӣ қарор дошт) дар мулоқоти панҷуми фавқулодаи вазирони корҳои хориҷии кишварҳои мусулмоннишин ба узвияти СҲИ пазируфта шуд. Аз ин сол шуруъ намуда, раванди ҳамкориҳо бо ин созмон оғоз меёбад, вале тавсеаи ин муносибатҳо дар оянда ба кӯшишишу заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобастагии амиқ дорад.

Дар ин мақола бо таваҷҷуҳ ба хронологияи таърихӣ муруре дар ин замина сурат гирифтааст, ки ба таври маҷмуӣ нишебу фарозҳои динамикаи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Ҳамкориҳои Исломиро нишон медиҳад.

Нигоҳи куллӣ ба ин масъала маълум месозад, ки мулоқотҳои роҳбари давлати Тоҷикистон хеле пурмуҳтаво буда, масъалаҳои гуногун, аз ҷумла, ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ, ҳамкориҳои илмиву фарҳангӣ, тақвияти мақоми Тоҷикистон дар СҲИ, пешгирӣ аз терроризм ва ифротгароии динӣ, тавсеаи ҳамкориҳои муштарак дар ҳалли қазияи Афғонистон, рушди энергетика, масоили тиҷоратӣ, эҳёи суннатҳои қадим ва монанди инҳоро дар бар гирифтааст. Ба назари мо, ин худ ифодакунандаи мавқеи дурусти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи чанд андешаи сиёсӣ мебошад, ки мавқеъгирии усулии кишвари моро оид ба татбиқи манфиатҳои миллӣ ба исбот мерасонад.

Роҳбари давлати Тоҷикистон дар ҳашт мулоқоти сарони кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ (мулоқотҳои 7-11- ва 3-и фавқулода) иштирок ва суханронӣ карда, ҷанбаҳои гуногуни масоили байналмилаливу минтақавиро арзёбӣ карда, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳаллу фасли онҳо даъват ба амал овардааст. Ба таври намуна, метавон аз чунин мулоқотҳои арзишманд ёдрас шуд: солҳои 1994 дар шаҳрҳои Касабланка (Марокаш); 1997 – Теҳрон (Ҷумҳурии Исломии Эрон); 13- ноябри соли 2000 - Дуҳа ( Катар); 2003 - Куала –Лумпур (Малайзия); моҳи декабри соли 2005 - Макка (Арабистони Саудӣ); моҳи марти соли 2008 - Дакар (Сенегал) ва ғ. [5,с.72-76]. Дар ин мулоқотҳо Э. Раҳмон иштирок карда, ки онҳо заминасози тавсеаи муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ мебошанд. Ҳамзамон, кишвари мо тавонист дар ин росто стратегияи сиёсати хориҷии худро таҳрир ва такмил намояд. Тавре ки муҳаққиқи тоҷик З. Саидзода менигорад: «Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни узвият дар СҲИ нишон дод, ки ҷумҳурии мо танҳо иштирокчии нозир набуда, балки дар корҳои он ширкати фаъол дошта, барои боз ҳам тақвият додани кори бахшу ниҳодҳои таркибии ин ташкилоти бонуфуз ва ҳаллу фасли масъалаҳои умдаи ҳаётии халқҳои кишварҳои мусулмоннишин ва умуман, сайёра пешниҳодҳои судманд ироа менамояд» [8,с.34].

Қайд кардан бамаврид аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ чунин андеша дорад, ки ин созмон имкониятҳои густурдаи таъсир расондан ба авзои сиёсии ҷаҳонро дорад ва ҳамзамон, метавонад дар ба амал баровардани кӯшишу талоши давлатҳои мусулмоннишин ба хотири таъмини сулҳу субот, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва густариши ҳамкориҳои минтақавӣ нақши муассир дошта бошад. Аз нигоҳи Э. Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабабҳои гуногун ин имкониятҳоро ҳанӯз ба таври бояду шояд истифода накардааст. Ин ба фаъолияти СҲИ низ дахл дорад. Зеро, тавре ки ба мушоҳида мерасад, ин мақом барои халқҳои кишварҳои мусулмонншин он гунае, ки тақозо мегардад, вазоифи худро иҷро накарда истодааст. Ба назари роҳбари Тоҷикистон СҲИ, бояд мутобиқ ба дигаргуниҳои босуръати авзои сиёсиву иҷтимоии сайёра амал намояд ва ба равандҳои асосии замони муосир қобилияти вокуниш нишон доданро дошта бошад. Роҳбари

Тоҷикистон чунин мешуморад, ки Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ ва сохторҳои иҷроияи он бояд яке аз ниҳодҳои фаъол, зудҳаракат ва созгор бо дигаргуниҳои рӯзафзун дар арсаи байналмилалӣ бошад.

Дар ин росто, кишвари мо пешниҳодҳои арзишмандеро оид ба додани салоҳияти бештар ба бахшу ниҳодҳои таркибии созмон, таъсиси сохтори намояндагии доимӣ аз ҳисоби сафирони давлатҳои аъзо, кушодани бахшҳои минтақавӣ ва намояндагиҳо дар хориҷ аз ҳудуди кишварҳои аъзоро маъқул мешуморад. Тавре мебинем, таъсис додани сохтори ҳамоҳангсозии миллӣ дар ҳар кишвари аъзо дар шахси як нафар аз роҳбарони масъули вазоратҳои хориҷӣ, ки котиботи генералии созмон бо онҳо тамос ва робитаи мустақим дошта бошад, чанде баъд татбиқи амалии худро пайдо мекунад.

Пешниҳодҳои дигари судманд ба масоили мубрами замони муосир дахл доранд. Тавре ки маълум аст, пешрафти бесобиқаи илмиву технология ва рушди босуръати мубодилаи иттилоот хислати умдаи ҷаҳони муосир аст, вале бо таассуф бояд зикр намуд, ки дар соҳаи илму техника ва технология, пешрафтҳои зеҳнӣ, дастовардҳои кишварҳои мусулмоннишин маҳдуд ва хоксоронаанд. Аз ин хотир, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Рахмон пешниҳод намуд, ки дар чаҳорчӯбаи СҲИ, ҳамзамон бо тақвият додани ниҳодҳои илмӣ ва технологии мавҷуда, сохтори нав – Бунёди рушди илм ва технологияи навин таъсис дода шавад [18,с.189].

Ин як ҳақиқат аст, ки тамаддуни халқҳои кишварҳои мусулмоннишин дар рушди тамаддуни умумибашарӣ, илму маърифат ва фалсафа таъсири зиёд расонидааст. Намунаи хуби он инкишофи рушди фарҳанги мардуми тоҷик мебошад. Ба ҳамин муносибат, сарвари Ҷумҳурии Точикистон дар иҷлосияи СҲИ, ки моҳи декабри соли 2005 дар Арабистони Саудӣ баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуд. Э. Раҳмон зимни суханронии худ бори дигар ба масъалаи тақвияти ҳамкориҳои дипломатии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои Араб, пешрафти ҷаҳони ислом, бахусус, дар рушду пешрафти иқтисодӣ, техникӣ, технологӣ ва илмии он таъкид ба амал овард.

Ҳаллу фасли қазияҳои пурпечутоби давр, рушди устувор ва сатҳи баланди зиндагии мардум яке аз мақсадҳои асосӣ ва сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз ҷумла, бунёди неругоҳҳои барқи обӣ дар Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бузургтарин ва арзонтарин мебошад, бо сармоягузорӣ ба анҷом расонида хоҳад шуд, ки он дар ҳалли масоили таъмини қувваи барқ ба Афғонистону Покистон низ мусоидат хоҳад кард. Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояшон чунин қайд намуда буданд: «Ҳамагӣ бо маблағи 5-7 миллиард доллари амрикоӣ сохтани неругоҳҳои барқии обӣ дар мамлакат на танҳо эҳтиёҷоти Тоҷикистон, балки эҳтиёҷоти кишварҳои Осиёи Миёна, Покистон, Афғонистон ва қисман Эронро ба неруи арзони барқ комилан қонеъ мегардонад» [14,с.1].

Дар ин замина, агар кишварҳои пешрафтаи узви созмон сармоягузорӣ намоянд, кишварҳои ақибмондаи узви созмон аз назари иқтисодӣ рушд карда, барои мардумашон сатҳи зиндагии хуб фароҳам карда мешавад. Чун аксари аҳолии кишварҳои узви созмон мусулмон мебошанд, бояд эҳсоси бародарӣ пайдо

намуда, дастгирию кумакҳои худро дар соҳаҳои гуногун дареғ надоранд, то ин ки бародарону хоҳарон ва модарони мусулмонашон дар дигар кишварҳо соҳиби зиндагии шоиста гарданд. Аз ин рӯ, ҳамкорӣ дар ин соҳа яке аз самтҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Ба назари мо, оғози робитаҳои дипломатӣ бо Кувайт, Ироқ ва Аморати Муттаҳидаи Араб (соли 1995), бо Ҷумҳурии Лубнон ва Яман (соли 1996), Алҷазоир ва Урдун (соли 1997) намунаҳои татбиқи ин сиёсат аст. Илова бар ин, сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба давлатҳои араб ба таъсиси намояндагиҳои дипломатӣ мусоидат кард.

Иштирок ва суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи декабри соли 1994 дар мулоқоти 7-уми сарони кишварҳои узви СҲИ дар шаҳри Касабланка бисёр муҳим буда ва то ба имрӯз аҳамияти худро аз даст надодааст. Сарвари давлат ба ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ барои ҳалли мушкилоти иқтисодию сиёсӣ, кумаку дастгирии Ҷумҳурии Тоҷикистон, изҳори миннатдорӣ намуд. Ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияи 8-уми сарони давлатҳои аъзо, ки моҳи сентябри соли 1997 дар шаҳри Теҳрон- пойтахти Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардида буд, иштирок ва суханронӣ намуд. Президенти кишвар зимни суханронияш таваҷҷуҳи кишварҳои аъзоро ба яке аз масъалаҳои доғи минтақа ҷалб намуда, гуфт: «Вазъи ноустувори сиёсӣ ва идома ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари ҳамсоя - Афғонистон боиси нигаронии амиқи Тоҷикистон ва ташвиши зиёди кишварҳои Осиёи Миёна ва минтақа гардидааст» [19,с.302]. Ҷониби Тоҷикистон даъват ба амал овард, ки тарафҳои даргири Афғонистон бояд дар сари мизи музокирот нишаста, ихтилофот ва низоъҳои байниҳамдигариро бо роҳи осоишта ва гуфтушунид ҳаллу фасл кунанд. Вақти он расидааст, ки СҲИ дар ҳамкорӣ бо СММ ва кишварҳои минтақа тамоми имкониятҳои худро ҷиҳати ҳалли мусолиматомези масъалаи Афғонистон равона намояд. Дар ин маврид муҳаққиқи тоҷик М. Сафолзода чунин менигорад: «Сарвари давлат нисбат ба идомаи ҷанги дохилӣ дар Афғонистон интиқол ва ворид шудани маводи нашъаовар ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, инчунин, халал расондан ба таъмини амнияти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишварҳои Осиёи Миёна иштирокчиёнро ихтор дод» [10,с.124].

Оид ба роҳҳо ва усулҳои расидан ба сулҳу амният дар Афғонистон бошад, таъкид ба амал омад, ки амнияти кишвари Афғонистон барои давлатҳои Осиёи Марказӣ, хусусан, Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои зиёд мерасонад.

Президенти кишвар дар бораи низоъҳои минтақавӣ сухан ронда, таваҷҷуҳи кишварҳои узвро ба қазияи Афғонистон, ки ба амнияти минтақа ва ҷаҳон таҳдид мекунад, ҷалб менамояд ва аз СҲИ даъват ба амал меорад, ки нисбат ба ҳаллу фасли қазияи Афғонистон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд. Мавқеи расмии Тоҷикистон доир ба ин масъала чандин бор возеҳу равшан аз минбарҳои баланди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва СҲИ баён гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми марҳалаҳои даргириҳои тулонии дохили Афғонистон, ҷонибдори хотима додани даргириҳо ва ҳалли низоъ бо роҳи сулҳ, дар асоси оштии миллӣ, бо дарназардошти манфиатҳои хамаи гурӯҳҳои этникӣ ва мазҳабии мардуми Афғонистон мебошад.

Яке аз масъалаҳои ҷиддие, ки Сарвари давлат дар иҷлосияи сарони давлатҳои узви СҲИ моҳи ноябри соли 2000-ум оид ба он суханронӣ намуд, низоъҳои минтақавӣ, хатари паҳн гардидани ифротгароӣ, терроризми байналмилалӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид чунин таъкид ба амал омад: «Хатари паҳн гардидани ифротгароӣ ва терроризми байналмилалӣ дар минтақа мавриди нигаронии махсуси кишварҳои тоза ба истиқлолрасидаи Осиёи Марказӣ гардидааст. Ин падидаҳо, ки мутаассифона, бештар таҳти шиорҳои исломӣ зуҳур мекунанд, дар асл бо ҳадафҳои волои таълимоти исломи ҳақиқӣ, ки ба сулҳу дӯстӣ, созандагӣ ва таҳаммул ҳидоят мекунанд, ҳеҷ умумияте надоранд» [10,с.310]. Тавре ки дида мешавад, дар ҳоли хозир терроризм ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Мутаассифона, баъзе аз одамон ин амали номатлуб ва зиштро, ки барои мардуми кишварҳои ҷаҳон ҳамеша зиён мерасонад, ба дини мубини ислом нисбат медиҳанд. Ҳол он ки таълимоти исломӣ ин гуна амалҳоро маҳкум намуда, пайравонашро аз ин амалҳо, ки натиҷааш бадбахтию саргардонист, барҳазар дошта ва онҳоро ба корҳои ободонию созандагӣ, зиндагии шоиста ва инсондӯстӣ ташвиқ мекунад. Аз ин рӯ, чунин нуқтаи назари Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле муассир ва мавриди қабули ҳамаи сарони кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ гардид.

Агар ҷанбаҳои дигари пешниҳодҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро баррасӣ намоем, онҳо масоили авзои иқтисодии кишварро дар бар мегиранд. Тавре мушоҳида мегардад, мутобиқ ба барномаҳои давлатии рушду такомули иқтисоди миллии Тоҷикистон мо бояд дар ибтидо мушкилоти давраи гузаришро ҳаллу фасл намоем. Дар шароити давраи гузариш дар танҳоӣ ҳал намудани мушкилоти мавҷудаи иҷтимоию иқтисодӣ ба кишварҳои ҷангзада ва ақибмонда хеле душвор аст. Бояд ҷомеаи ҷаҳонӣ, СҲИ ва муассисаҳои махсусгардонидашудаи он ва дигар сохторҳои байналмилалӣ ва молиявӣ кумакҳои худро барои ҳалли проблемаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва амсоли ин дареғ надоранд. Қобили зикр аст, ки яке аз ҳадафҳои созмонҳои байналмилалӣ, хусусан СҲИ низ, ҳамин мебошад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рафъи масъалаҳои иқтисодӣ рӯ ба ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ меоварад. Дар ин замина, Бонки Рушди Исломӣ (БРИ) барои тараққиёт ва азнавсозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон кумак расонида, корҳои зиёдеро ба сомон расонидааст.

Ҳамкориҳо дар сурате тавсеа пайдо мекунанд, ки амният таъмин бошад. Сарвари давлат дар ин маврид рӯзи 16 октябри соли 2003 дар иҷлосияи сарони давлатҳои аъзои СҲИ, ки дар кишвари Малайзия баргузор гардида буд, пешниҳодҳои судманде кард. Кишвари мо терроризмро таҳдид ба амнияти миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ медонад. Терроризми байналмилалӣ ҳоло ба ҳамаи ҷаҳони мутамаддин таҳдид мекунад. Тоҷикистон терроризмро дар ҳамаи шаклҳои зуҳуроташ, қатъиян маҳкум мекунад.

Дар ин росто, бо ташаббуси Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ таҳти рақами 10/27 қарори махсус қабул намуд ва мувофиқи ин қарор аз ҳамаи давлатҳо ва ташкилотҳои аъзои СҲИ даъват ба оварда шуд, ки дар барқарор ва гузаронидани ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври фаъолона ширкат биварзанд.

Дар таърихи 7 декабри соли 2005 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Макка бо як қатор сарони давлатҳои мусулмоннишин, аз ҷумла сарвазири Малайзия Абдулло Аҳмад Бадавӣ, шоҳи Баҳрайн Малик Ҳамид ибни Исо, президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Парвиз Мушарраф дидор ва гуфтугӯ намуд. Дар ин мулоқотҳо мавзуъҳои ҳамкориҳои дуҷонибаи байни Тоҷикистону Малайзия, Тоҷикистону Покистон ва Тоҷикистону Арабистони Саудӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд [1,с.1].

Ҳамин тариқ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор мулоқотҳои дигареро анҷом доданд, ки ин мулоқотҳо боиси ба зинаи нави сатҳу сифат баромадани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ гашт. Аз он ҷумла, моҳи декабри соли 1995 бо президенти Ҷумҳурии Арабии Яман Абдуллоҳ Солеҳ, бо президенти Ҷумҳурии Мисри Араб Ҳусни Муборак, бо раиси ҷумҳури Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод, шоҳи Арабистони Саудӣ Абдулло ибни Абдулазиз Оли Сауд, президенти Ҷумҳурии Сенегал Абдулло Вад мулоқот ва гуфтугӯ намуданд. Натиҷаи ин мулоқотҳо мунҷар ба он шуд, ки эрониҳо неругоҳи барқии обии «Сангтӯда»-ро сохта, дар сохтмони нақби «Истиқлол» фаъолона ширкат варзиданд. Бонки Исломии Рушд бошад, дар навбати хеш маблағи 65 миллион динорро барои рушди соҳаҳои тандурустӣ ва маорифи Тоҷикистон тахсис дод [11,с.1].

Дар иҷлосияи 35-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ, ки дар шаҳри Кампалаи Ҷумҳурии Уганда соли 2008 доир шуда буд, Ҷумҳурии Тоҷикистон мизбонии яке аз ҳамоишҳои СҲИ-ро ба уҳда гирифт. Ҳамин тариқ, ин ҳамоиш тасмим гирифт, ки иҷлосияи 36–уми Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ соли 2009 дар шаҳри Димишқи пойтахти Сурия ва иҷлосияи 37–уми Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ соли 2010 дар шаҳри Душанбе, пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда шавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки суханронӣ ва пешниҳодҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 35 - уми Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ мавриди таваҷҷуҳ ва пуштибонии ҷиддии аҳли толор қарор гирифтанд.

Дар поёни навиштаи хеш афкор ва пешниҳодҳои созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар заминаи таҷдиду ҷоннок кардани фаъолияти СҲИ ба се бахш тақсим кардан мумкин аст:

а) ислоҳоти сохтории созмон ба хотири самаранок намудани фаъолияти он ва таҳкими нақши он дар арсаи байналмилалӣ; б) вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои густурдаи давлатҳои аъзои созмон; в)пайдо кардани роҳҳо ва усулҳои расидан ба сулҳу амнияти умумӣ дар Афғонистон ва мубориза алайҳи ҳама гуна зуҳуроти терроризм, бунёдгароии динӣ, таҳдидҳои нав, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва монанди инҳо.

**Муқарриз: Розиқов Фарҳод – н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Анҷуман дар сарзамини муқаддас // Ҷумҳурият, 10.12. 2005. № 129 (21 048), с.1
2. Владиславлева Т. Б. Особенности международных интеграционных процессов и международные организации арабских стран / Т. Б. Владиславлева, Т. А. Карасева. – М., 2017.

3. Муҳаммад Сайиди Салим, Абдулмунхими Машот. Созмони Конфронси Исломӣ дар ҷаҳони мутағайир – Теҳрон, 2007. –С. 99-104.
4. Устав ОИС. -М., 2019.
5. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А. Сатторзода. - Душанбе: Ирфон, 2006.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Дар бораи дин. -Душанбе: Шарқи озод, 2006. -С. 257-258.
7. Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. -Душанбе: Ирфон, 2001. -Ҷ. 2.
8. Саидзода З. Тоҷикистон дар ҳавзаи ҷаҳони ислом. - Душанбе, 2001. 208с.
9. Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в условиях глобализации / З.Саидов. - Душанбе: Авасто, 2004.
10. Сафолзода М. Инициативы Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона по урегулированию проблемы Афганистана (1992 – 2002 гг.) (Книга первая).–Душанбе, 2020.- 224 с.
11. Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ бояд посухгӯи тақозои уммати ислом ва ҷаҳон бошад // Ҷумҳурият, № 34 (21 391) 15.03.2008. -С. 1.
12. Умаров Ф. Таджикистан и исламский мир / Ф. Умаров. - Душанбе, 2011.
13. Умаров Ф. Таджикистан: сотрудничество с ведущими международнымы исламскими организациями / Ф. Умаров //Россия и мусульманский мир. -2008. -№ 10 (196).
14. Фарҳанги исломӣ моҳиятан инсондӯстона аст // Ҷумҳурият, 10.12. 2005. -№ 129 (21 048). -С.1.
15. Шерязданова К. Интеграционные учреждения: от Организации Исламская Конференция к Организации Исламского Сотрудничества / К.Шерязданова, Г.Смагулова. — Казань, 2016. -141 с.
16. Эмомалї Раҳмон – Тољикистон: даҳ соли истиќлолият, ваҳдати миллї ва бунёдкорї. –Душанбе: Ирфон, 2001. - Љ. 2. -С. 462- 467.
17. Эмомали Рахмон. Политика мира и созидания - Душанбе: Ирфон, 2011.
18. Эмомали Рахмонов. В новое тысячелетие, с новыми надеждами. Выступление на IX-й сессии совещания глав правительств и государств – членов Организации Исламская Конференция. Катар, 13 ноября 2000 г.// Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации: В 11 т., т.3. – Душанбе, 2006.
19. Эмомали Рахмонов. Мы выступаем за укрепление сотрудничества и дружбы со всеми странами. Выступление на 8-й встрече глав государств-участников Организации Исламская Конференция. Тегеран, декабрь 1997 г. // Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации: В 11 т. – Душанбе, 2006.

## САҲМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАВСЕАИ РОБИТАҲОИ КИШВАР БО СОЗМОНИ ҲАМКОРИҲОИ ИСЛОМӢ

Дар мақолаи мазкур саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди ҳамкориҳо бо Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ дар давраи аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин давра барои Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи бисёр мураккаб дар таърихи муносибатҳои байналмилалӣ маҳсуб меёбад, чунки Тоҷикистон тоза аз ҷанги шаҳрвандӣ берун омада, ҳокимияти қонуниро барқарор карда буд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари баланди СҲИ оид ба ҳаллу фасли масоили ҷаҳони ислом ва тақвияту нуфузи СҲИ ибрози назар карда буд. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ дар солҳои 1994, 1997, 2000, 2005 ва 2008 тақвият ёфта дар ин дарв як қатор санадҳои ҳамкорӣ дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ ба имзо расида буданд. Дар ин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои гуногуни исломӣ муносибатҳои дипломатиии барқарор кард.Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ибтикороти хеш дар рушду тақвияти ин созмон ва ҳаллу фасли масоили гуногуни ҷаҳони ислом нақши бориз гузоштанд.

**Калидвожаҳо:** СҲИ, саҳм, сарвари давлат, пешниҳод, ҳамкорӣ, Бонки Исломии Рушд, ислоҳоти сохторӣ, амният, низоъҳои минтақавӣ, бунёдгароии динӣ, созишнома, масоили байналмилалӣ.

## ВКЛАД ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМОНА В РАСШИРЕНИЕ ОТНОШЕНИЙ С ОРГАНИЗАЦИЕЙ ИСЛАМСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА

В статье рассматривается вклад Основателя мира и Национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона по развитию отношению страны с Организация Исламского Сотрудничества на начальном этапе приобретение независимости Таджикистана.Данное время, оценивается как самый сложный период в истории отношений международных отношений таджикского государства, когда в Таджикистане только, что приостановили гражданскую войну и

восстановили законную власть. Выступая с высокой трибуни авторитетного международного организация - ОИС, Лидер нации привлекал внимание международного сообщества к проблеме усиление роли и места этого организация в решение актуальные проблемы исламского мира.Особый импульс в отношениях между РТ и ОИС прослеживается в течение 1994, 1997, 2000, 2005 и 2008 годы когда было подписано многочисленные документы о сотрудничества с ОИС, реализация которых в области торговли и экономики, образования, науки, энергетики открыли новую, яркую страницу в отношениях Республики Таджикистан с многими госуларствами мусульманского мира.Высокий авторитет Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, способствовали тому, что эти инициативы относящиеся к злободневным вопросам планеты, касающиеся не только государств-члены ОИС, но всего мира: мир и политическая стабильность, борьба с проявлениями международного терроризма и религиозного экстремизма, незаконного оборота наркотических веществ встречены мировым сообществом с одобрением.

**Ключевые слова***:* ИОС, вклад, руководитель страны, предложение, взаймодействие, Исламский банк развития, структурная реформа, региональные кофликты, религиозный фундаментализм, соглашение, междунраодные проблемы.

## THE CONTRIBUTION OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN, RESPECTED EMOMALI RAHMON, TO THE EXPANSION OF RELATIONS WITH THE ORGANIZATION OF ISLAMIC COOPERATION

The article discusses the contribution of the Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to the development of the country's relations with the Organization of Islamic Cooperation at the initial stage of the acquisition of the independence of Tajikistan. This time is assessed as the most difficult period in the history of international relations of the Tajik state, when in Tajikistan, only that they suspended the civil war and restored legitimate power. Speaking from the high tribune of an authoritative international organization - the OIC, the Leader of the Nation drew the attention of the international community to the problem of strengthening the role and place of this organization in solving urgent problems of the Islamic world. 2008, when numerous documents on cooperation with the OIC were signed, the implementation of which in the field of trade and economics, education, science, energy opened a new, bright page in the relations of the Republic of Tajikistan with many states of the Muslim world. The high authority of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon contributed to this that these initiatives related to the burning issues of the planet, concerning not only the OIC member states, but the whole world: peace and political stability, the fight against manifestations of international terrorism and religious extremism, illegal drug trafficking were welcomed by the world community with approval.

**Key words**: Organization of Islamic Cooperation, contribution, country leader, proposal, interaction, Islamic Development Bank, structural reform, regional conflicts, religious fundamentalism, agreement, international problems.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Гуломов Абдуқодир Маҳмадраҳимович*** **–** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айни, 67. E-mail: **Ghulomil9@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Гулямов Абдукадыр Махмадрахимович*** **-** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры история таджикского народа. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, проспект Айни, 67. E-mail: **Ghulomil9@mail.ru**

**Information about the author:** ***Gulyamov Abdukadyr Mahmadrakhimovich*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant for the department of history of the Tajik people. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini avenue, 67. E-mail: **Ghulomil9@mail.ru**

УДК:930(581)

# ҲАМКОРИИ СММ БО АФҒОНИСТОН БАРОИ ҲАЛЛИ НИЗОЪ ДАР ИН МАМЛАКАТ ДАР АВВАЛИ АСРИ XXI

*Ҳошимов С. Ҳ.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар аввалҳои асри XXI ҳамкориҳо байни Афғонистон ва СММ асосан барои ҳалли низоъ дар ин кишвар равона шуда буд. Аз ҷониби СММ якчанд қадамҳои ҷиддӣ дар ин самт барои ҳалли низоъ дар ин кишвар тибқи Оинннома, гузошта шудаанд. Муфофиқи Оинномаи СММ, ки аз 24 октябри соли 1945 ба ҳукми қонунӣ даромадааст ва мақсади асосии ин ташкилот иборат аст: "аз барқарории сулҳ ва таъмини бехатарӣ дар тамоми мамалакатҳо ва бо ин мақсад андешидани як қатор чораҳои самараноки дастаҷамъӣ бо мақсади аз байн бардоштани таҳдидҳо ва хомӯшсозии таҷовузкорию дигар таҳдиду амалётҳо алайҳи сулҳ "мебошад. Бо назардошти он ки СММ баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон таъсис ёфтааст, мақсадаш ба нишон додани кӯшиши давлатҳо барои бартарафсозии ҷанги нав ва дар мадди аввал ба таъмини низоми сулҳофарини байналмилалӣ равона гаштааст. Мақсади асосии СММ, беҳтарин самти фаъолияти ин ташкилот ҳамкориҳои мутақобила байни ҳамаи давлатҳои ҷаҳон бо мақсади таъмини амният ва пойдории сулҳ буда, муҳимтарин дастгоҳи таъмини бехатарӣ ва пойдории сулҳ ин сулҳофарӣ мебошад.

Мақоми асосие, ки ба воситаи он роҳандозӣ ва идоракунии фаъолияти сулҳофарӣ СММ амалӣ карда мешавад, ин Шӯрои Бехатарӣ мебошад. Депортаменти амалисоз оиди дастгирии сулҳ "роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирӣ ва омодагии амалишавиро" таъмин мекунад. Депортамент безараргардонии минаҳо, методологияи амалишавиро коркард менамояд, аз болои татбиқшавии он назорат бурда, оид ба масъалаи дастгирии сулҳ маъруза омода мекунад [6].

Комиссия оиди барқарории сулҳ – ин ташкилоти СММ дар бахши сулҳофарӣ мебошад. Ин комиссия ба масъалаи барқарорсозӣ дар кишварҳои ҷангзада, ҳангоми бартараф шудани низоъ, ки дар онҳо ҷой доштани як қатор масъалаҳои ҷиддӣ ба мисли сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳо ҷой доранд, иқдом мекунад. Комиссия як қатор корҳои муҳимро ба сомон мерасонад: он фаъолияти пажӯҳишгоҳҳои гуногунро, ки ба ҳалли масъалаҳои баъдиҷангӣ сарукор доранд, ба танзим медарорад. Онҳо метавонанд ташкилотҳои дигари байналмилалӣ ва пажӯҳишгоҳҳои молиявӣ бошанд. Бар замми ин, Комиссия тавсия медиҳад ва ё стратегияи сулҳофариро муайян мекунад. Чуноне ки собиқ Котиби генералӣ Пан Ги Мун гуфтааст; "Таъсиси чунин Комиссия аз ҷониби аъзоёни Созмони Милали Муттаҳид як сохтори нави муҳиме мебошад, ки барои дастгирӣ ва барқарорсозии харобаҳои ҷанг равона шудааст". Мавқеъгири ва саҳми Котиби Генералии СММ дар сулҳофарӣ бағоят бузург аст. Ӯ метавонад таваҷҷуҳи Шурои Бехатариро ба бархӯрдҳои гуногун дар минтақаҳои алоҳида ҷалб намуда, андешаи худро барои ҳамроҳ шудан бо мақсади барқарорсозии сулҳ баён кунад. Котиби генералӣ шахсияти шинохтаи дипломатӣ буда, метавонад бо намояндагони ҳарду ҷониб вохӯрда, андешаҳои некбинонаашро пешниҳод намояд. Ҳамаи ин ба дипломатияи превентивӣ тааллуқ дорад. Ҳаҷми корҳоеро, ки Котиби Генералӣ дар хусуси сулҳофарӣ анҷом медиҳад, бештар ба шахсияташ вобастагӣ дорад. Чи тавре ки қайд кардем натиҷаҳои назаррас ба консепсияи сулҳофарии СММ собиқ Котиби генералӣ Б. Бутрос – Гали ворид кардааст. Ӯ соли 1992 дар маърузааш "Реҷаи рӯз

барои сулҳ. Дипломатияи превентивӣ, сулҳофарӣ ва дастгирии сулҳ”, назарияи амалкарди СММ дар барқарории сулҳ ва рушди назарияи сулҳофариро дар маҷмуъ муайян намуд [3].

Собиқ Котиби генералӣ Кофи Аннан ҳамчунин барои сулҳофарӣ хизмати зиёде кардааст. Ӯ бо истифода аз дипломатияи превентивӣ ба як қатор муваффақиятҳои назаррас ноил гардид. Ӯ якчанд маротиба сар задани низоъ ва ҳатто ҷангро пешгирӣ кард. Он чи дар бораи Пан Ги Мун метавон гуфт, ӯ бештар даъват ба онро дошт, ки таваҷҷуҳ ба ҳалли масъалаҳои баъдиҷангӣ дар барқарории сулҳ дода шавад. Дар яке аз баромадҳояш қайд кард, ки “дар ду даҳсолаи ахир СММ ба хулосае омад, ки ба давлатҳои баъдиҷангӣ ёрӣ расонид, то ки аз ҷанг ба сулҳ бирасанд, то ки дубора ба коми таҷовузу бенизомӣ фурӯ наравад”. Ҳамчунин, якчанд ғояҳоро оиди самаранокии бунёди баъднизоӣ пешниҳод кард. Имрӯз СММ 16 амалиёти сулҳофариро амалӣ сохта истодааст, ки дар ин кор тақрибан 107 ҳазор одам аз 122 давлатҳои аъзои СММ ( иштирокчиён аз ҳисоби хизматчиёни ҳарбӣ, политсайҳо, нозирони низомӣ, инчунин шаҳрвандони ихтиёрӣ мебошанд). Бузургтарин аз амалиётҳои амалкунанда – ин миссияи якҷояи Иттиҳоди Африқо ва СММ дар Дарфур (Судан) буд, ки ба ҳайати он беш аз 21 ҳазор нафар одамон шомил буданд. Бештар СММ фаъолияти сулҳофарияшро дар якҷоягӣ бо дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавии бонуфуз амалӣ месозад. Масалан, амалёти сулҳофариро дар Дарфур (ЮНАМИД) СММ дар якҷоягӣ бо Иттиҳоди Африқоӣ амалӣ намуд. Ҳамчунин, СММ оид ба масъалаҳои сулҳофарӣ бо ИА, САҲА, ИДМ ва НАТО ҳамкорӣ дошт [3]. Дар марҳиллаи кунунӣ, СММ яке аз ташкилотҳои байналмилалии пешоҳанг дар амалисозии амалҳои сулҳофарӣ шинохта шудааст. Дар паёми худ бахшида ба 60-солагии фаъолияти СММ оид ба барқарори сулҳ собиқ Котиби генералӣ Пан Ги Мун қайд кард, ки “имрӯз дар дар тамоми ҷаҳон дар он ҷойҳое, ки ихтилофҳо сар задаанд мо 110 000 занону мардонро сафарбар намудаем. Онҳо намояндагони қариб 120 давлат буда ва ин рақамҳои аслӣ ифодагари боварӣ ба фаъолияти сулҳофарии СММ мебошад”[4].

Ҳамзамон, СММ дар кори сулҳофарӣ бо проблемаҳои зиёде ҳам дар доираи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалисозӣ дучор мешавад,. Дар ҳисоби СММ амалётҳои зиёди сулҳофарӣ ба қайд гирифта шудаанд, вале метавон гуфт, ки қисмати ками онҳо бомуваффақият анҷом дода шудаанд. Ҷаҳони муосир доимо дар ивазшавӣ ҳаст ва дар қатори ҳама тағйиротҳо, ҷабҳаи сулҳофариниро низ ба эътибор мебояд гирифт. Аввалан, мушаххасоти истилоҳи сулҳофарӣ (Миротворчество) дар Оинномаи СММ дода нашудааст. Мавҷуд набудани базаи кофии назариявӣ ва амалишавии амалиётҳои сулҳофарӣ ба Оинномаи СММ мухолифат мекунад. Бар замми ин, мебояд консепсияи нави сулҳофариро коркард намуд, зеро ки таҳдидҳои нави глобалӣ, ки қаблан вуҷуд надоштанд, тақозои зуд андешидани чораҳои лозимиро доранд. Дувум, дар замони ҳозира бештари амалётҳои сулҳофарии СММ бо истифода аз қудрати низомӣ гузаронида мешаванд, ки ин амалёт номи “насли сеюмро” гирифтааст. Дар таърихи сулҳофарии СММ метавон се давраро мушоҳида кард: амалиёти “ насли якум”, “насли дуюм” ва “ насли сеюм”. Масалан, амалиёти “насли якум” (1948 - 1989) асосан дар бештари ҳолатҳо на ба истифода аз қувваи низомӣ, балки ба такя намудан ба дипломатияи превентивӣ асос ёфта буд ва таъкид бар он доштанд, ки қувваҳои низомиро вориди минтақаи низоъ мекунанд, дар бештари ҳолатҳо ин усул бо мақсади сулҳофарӣ истифода мешуд. Дар давраи ҳозира бошад СММ

барои сулҳофарӣ бештар ба методи истифодаи қувваҳои низомӣ таваҷҷуҳ мекунад ва таъкид мекунад, ки ин методи хело зарурӣ ва самаранок дар сулҳофарӣ маҳсуб меёбад [7].

Сеюм, бештари тадқиқотчиён механизми корбарии сулҳофарии СММ – ро ба он муттаҳам мекунанд, ки суст кор мекунад ва дар дохили он бюрократия зиёд буда, қобилияти зуд амал карданро надорад. Дар бештари ҳолатҳо ба давлатҳое, ки барои миёнҷигарӣ баҳри сулҳофарӣ ва идораи задухӯрд ва ҳифзи мардуми осоишта ниёз доранд, миссияи сулҳофарӣ саривақт фиристода намешавад.

Чорум, СММ ба ташкил намудани кувваҳои мусаллаҳи мустақил ниёз дорад. СММ қувваҳои низомии худро надорад, танҳо давлатҳои аъзо ихтиёран як қисми ҳайати шахсӣ ва техникаи заруриро барои гузаронидани амалиёт медиҳанд. Доштани ҳайати шахсии мустақил ва қувваҳои низомӣ метавонад зудамалӣ ва гузаронидани амалиётҳои сулҳофарии самаранокро дар он ҷойҳое, ки эҳтиёҷ ба дахолати низомиро доранд, саривақтӣ таъмин созад. Дар шароити ҳозира барои амалисозии чунин уҳдадорӣ СММ барои дастрасӣ ба кумак ба давлатҳои алоҳида ва ё дигар ташкилотҳои байналмилалӣ, ба мисли НАТО муроҷиат мекунад.

Панҷум, СММ ба душворӣ дар муайян намудани ҳаҷми дахолаташ дар бархӯрдҳои низомӣ мувоҷеҳ шудааст, зеро “дар байни саршавии ҷанг ва истифодаи қувваи минималӣ барои ҳалли ҳолати бархӯрд зуд гузоштани фарқиятҳо душвор аст” [5].

Ба ҳамин минвол дар доираи сулҳофарӣ СММ ба масъалаҳои зиёди ҳалталаб дучор шудааст. Ҳамаи ин масъалаҳо як далеле ҳастанд барои бознигарии ин ташкилот. Новобаста ба масъалаҳои мавҷуда, дар байни ҳамаи ташкилотҳои байналмиллалӣ СММ дар сулҳофаринӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад. “Ягон ташкилотҳои байналмилалӣ дар сулҳофарӣ, ба мисли СММ дар дахолат намудан ба корҳои дохилӣ ҳангоми сар задани задӯхурдро надоранд”. Он чи ба масъалаи Афғонистон марбут аст, масъалаи Афғонистон яке аз масъалаҳои муҳим дар самти кории СММ аз соли 1960 маҳсуб мешавад. Он замон СММ дар Афғонистон ҳар гуна лоиҳаҳоро оиди иҷтимоиёт, иқтисодиёт ва дигар масъалаҳои ҷойдошта рӯйи даст гирифта буд. Ҳангоми ҷанги сард Афғонистон меҳвари нави бархӯрдҳои геополитикӣ байни ИҶШС ва ИМА гардид [2]. ШБ СММ самаранокиашро аз даст дод. Баъди ҷанги сард муноқишаи Афғонистон на танҳо анҷом наёфт, балки ҳудудҳои дигареро ба худ касб кард ва дар асл аз доираи давлати Афғонистон берун баромад. Миссияи хизматрасонии некбинонаи СММ дар Афғонистон ва Покистон (солҳои 1988 -1990) ягон таъсире набахшид [1], ва баъд аз он дар Афғонистон танҳо намояндаи махсуси Котиби СММ, ки вазифаи роҳбарии котиботи Раёсати генералӣ дар Афғонистон ва Покистонро дошт, то моҳи марти соли 1990 амал мекард. Дар нимаҳои аввали солҳои 1990 мубориза бо терроризми байналмилалӣ яке аз даҳшатафкантарин таҳдид барои ҷомеаи ҷаҳонӣ қайд гардид. Муноқишаи тулонӣ дар Афғонистон, онро ба кишвари сарчашмаи таҳдидҳои бехатарии ҷаҳон табдил дод [9].

Дар моҳи июли соли 2001 ШБ СММ Резолютсияи 13631163 ва иҷрои маниторинги таҳрим нисбати ҳаракати “Толибон” терроризми байналмилалӣ шинохта шуданашро пазируфт. Дар назар дошта шуда буд, ки чунин механизми таҳрим барои баҳогузорӣ, бознигарии иттилоот оиди хатогиҳо дар бораи реҷаи таҳрим, ки ба муқобили ҳаракати “Толибон” равона гаштаанд, инчунин дасти ёрӣ дароз намудани давлатҳои ҳамсояи ҳаммарзи Афғонистон ба он ҷойҳое, ки зери тасарруфи “Толибон” қарор доштанд, мусоидат мекунанд. Дар маҷмуъ, ШБ СММ

ба он даст ёфт, ки бо дастгирии давлатҳои ҳамсояи Афғонистон амалисозии сиёсати таҳрим нисбати “Толибон” амалӣ гардид. Ҳодисаи даҳшатбори 11 сентябри соли 2011 дар ИМА ва оқибатҳои амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон, ҷомеаи ҷаҳониро ба андешидани чораҳо нисбати тероризм, ки аз қаламравӣ Афғонистон ибтидо мегирад, водор намуд. Вобаста ба ин вазифаи аввалиндараҷаи СММ мубориза бо терроризми байналмилалӣ ва ташкилотҳои террористӣ, ки дар қаламрави Афғонистон мавқеъ гирифтаанд, маҳсуб меёфт. Аз ҳама муҳимтарин вазифа барқарорсозии сохторҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар худи Афғонистон буд. Новобаста ба ҳамаи ин, тибқи баҳодиҳии тадқиқотчии узбекистонӣ Ш. И. Акмалов, “ба фаъолияти СММ дар Афғонистон, ки аз рӯйи ҳамаи ҳисобҳо хусусияти инертӣ дошт, таъсири муайяне дар он ҳодисаҳои аввали аср, ки хусусияти гузариш ба низоми нави ҷаҳониро доштанд, таъсиргузор будаанд” [1]. Ин мебоист ба паст шудани нуфузи СММ ва сохторҳои асосии он оварда расонад. Ин боиси он гардид, ки соли 2001 компанияи низомии амрикоӣ дар қаламрави Афғонистон бар зидди сохтори террористии “Ал - Қоида” ва режими “Толибон”, мубориза бурд. Дар ҳамин сол дар Бонн (Олмон) зери сарпарастии СММ конференсияи зидди “Толибон” бо иштироки ИМА ва иттифоқчиёни он, Россия ва давлатҳои минтақа доир гардид.

Дар натиҷаи ин конфренсия “Мувофиқатнома дар хусуси механизми ҳузури муваққатӣ дар Афғонистон то таъсис додани ниҳодҳои давлатӣ” байни афғонҳо ба имзо расид мувофиқи ҳуҷҷати қабулшуда дар муддати 6 моҳ идоракунии Муввақатӣ таъин гардид ва илова бар ин қабули Конститутсия ва гузаронидани интихоботҳо оиди аз роҳбарии идорӣ гузаштан ба интихоботи президентӣ ва парламентӣ мувофиқа ва баррасӣ гаштанд. Ба ғайр аз ин, дар асоси ин Мувофиқатнома ба қаламрави Афғонистон отрядҳои Алиянси Шимолӣ, аз рӯйи дархости ШБ СММ ба муддати ним сол, ба унвони Қувваҳои байналмилалии таъминкунандаи бехатарӣ, ки вазифаи онҳо ҳамкорӣ бо қувваҳои мусаллаҳи афғонӣ барои таъмини муҳофиза ва бехатарии Кобул ва ноҳияҳои атрофи он равона шуда буд, ворид шуданд.

Баъди конфренсияи Бонн дар сохторҳои СММ дар ҳама сатҳ баҳсу мунозираҳо оиди дар оянда дар Афғонистон ҳузур доштани СММ гузаронида мешуданд. Дар натиҷа, баҳори соли 2002 –ум Резолютсияи 1401 дар бораи таъсиси миссияи СММ дар Афғонистон қабул шуд (МООНСА) [9]. Мақсади асосии вай роҳбаладӣ, банақшагирӣ ва тақсими ёриҳои байналмилалӣ ба давлати Афғонистон, инчунин ба вазифаҳои он таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, аз он ҷумла баробарии гендерӣ дохил шуданд:

- мусоидат намудан ба оштии миллӣ ва ҳамдилӣ дар қаламрави Афғонистон;
- идора намудани ҳамаи чорабиниҳои башардӯстонаи СММ дар Афғонистон, инчунин дар самти барқарорсозӣ ва муътадил намудани вазъи иқтисодӣ ва сиёсии кишвар.

Масъулияти асосӣ барои фаъолияти СММ дар Афғонистон ба дӯши намояндаи махсуси Котиби генералии СММ дар Афғонистон, ки фаъолияти МООНСА- ро ба ухда дорад, вогузор шудааст. Ҳамзамон, СММ бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ дар қаламрави Афғонистон мувоҷеҳ шудааст. Дар мадди аввал ин маблағгузории як қатор барномаҳои амалишаванда мебошад. Новобаста ба ҳамаи ин, имрӯз метавон ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти СММ ва қисмҳои онро дар қаламрави Афғонистон дарҷ намуд [1]: масъалаи поксозӣ аз минаҳо; боспас овардани гурезаҳои афғон аз давлатҳои дигар; рушд ва мустаҳкамсозии ниҳодҳои

давлатӣ; ҳалли масъалаҳо дар самти бехатарӣ (терроризм ва қочоқи маводи мухаддир ва ғайра). Новобаста аз масъалаҳои ҷойдошта СММ дар тули солҳои фаъолияташ ба як қатор муваффақиятҳо дар ин кишвар даст ёфтааст. Асосан, дар соҳаи иҷтимоӣ ба комёбиҳо муваффақ шудааст. Масалан, теъдоди духтарони мактабхон афзоиш ёфта, ба кӯдакон емгузарониҳо саривақтӣ анҷом шуда, қариб 500 ҳазор мардуми афғон дастрасӣ ба оби ошомиданиро пайдо намуда, занҳо имкони фаъолона иштирок намудан дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии кишварро доранд [11].

Масъалаҳо хело зиёданд ва мутаассифона, муваффақиятҳои бадастовардаи СММ дар Афғонистон дар қиёс ба масъалаҳои ҷойдошта қиёснашаванда мебошанд. Аз ин лиҳоз вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ин кишвар мисли пештар мураккаб боқӣ мондааст. Илова бар ин, СММ ба ҷойи он, ки ташаббусро ба даст гирифта, дар якҷоягӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ аз рӯйи масъалаҳои ҷойдошта ва вазифаҳои мавҷуда кор намояд, дар бештари ҳолатҳо ҳамчун қувваи ёрирасон амал карда, вазифаи идоракуниашро ба давлатҳои бузург медиҳад ва ё ба сохторҳои фаъоли байналмилалӣ вогузор мекунад. Мутаассифона фаъолияти сулҳофарии СММ дар Афғонистон ҷониби Афғонистонро бинобар сабаби каммаҳсул будан қонеъ карда наметавонад. Бинобар ин, роҳбарияти Афғонистон бештар ба давлатҳои алоҳида такя мекунад, аз он ҷумла ба ИМА ва Россия.

**Муқарриз: Ахмедов Ҳ.С.- д.и.с., професо ДСРТ**

**АДАБИЁТ**


1. Акмалов Ш.И. Роль ООН в афганском урегулировании: проблемы и перспективы / Ш.И.Акмалов. - [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://kaspy.asu.edu.ru/files/2(31)/111-120.pdf 95
2. Взгляд на роль ООН в Афганистане. Кабул. 16 июля 2007. [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.esalat.org/images/negahe%20ba%20naqshe%20UN.htm.
3. Заемский В. Механизмы ооновского миротворчества / В.Заемский. // Международная жизнь. - 2009. - № 2.
4. Миротворческие миссии и операции ООН. Досье19 февраля 2015. [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://tass.ru/info/1779144 92
5. НАТО и Россия в глобальном гражданском обществе. Ред. О. А. Колобов. - М., Н. Новгород, Арзамас: АГПИ, 2005. - С. 16- 164
6. Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид. [Манбаи электронӣ]. –Реҷаи дастрасӣ: http: //www.un.org/russian/docum [Захираи en/basicdoc/charter.htm 154
7. Паёми Котиби генералии СММ ба муносибати 60-умин солгарди амалёти СММ оиди дастрасӣ ба сулҳ аз 29 майи соли 2008. [Манбаи электронӣ] – Реҷаи дастрасӣ: http://www.un.org/russian/sg/messages/2008/peacekeeping60.shtml 93
8. Резолюция Совета Безопасности ООН S/RES/1386 (2001) «Положение в Афганистане». - [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.un.org/ru/sc/documents/resolutions/2001.shtml
9. Резолюция 1401 о создании Миссии ООН по содействию Афганистану (МООНСА). - [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.un.org/ru/peace/missions/afghanistan.shtml 97
10. Сафранчук В. Объединенные Нации, национальные интересы и локальные конфликты / В.Сафранчук // Международная жизнь. - 1995. - №3. - С. 98-90
11. Халил Р. Организация Объединенных Наций и ее роль в Афганистане. / Р.Халил. - [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.ariaye.com/dari5/siasi/roman.html 98
12. Хомский Н. Государства-изгои. Право сильного в мировой политике. / Н.Хомский. - М.: Логос, 2003. - С. 231.
13. Хохлышева О. О. Международное миротворчество и коллективная безопасность / О.О.Хохлышева. - М.; Н. Новгород, 2003. – С. 43.
14. Шаклеина Т. А. Миротворческая деятельность и ее перспективы / Т.А.Шаклеина // США: Экономика. Политика. История. - Вып. 3. - М., 1995. - С.32.


## ҲАМКОРИИ СММ БО АФҒОНИСТОН БАРОИ ҲАЛЛИ НИЗОЪ ДАР ИН МАМЛАКАТ ДАР АВВАЛИ АСРИ XXI

Айни замон вазъи Афғонистон таҳаввулоти ҷиддиро паси сар кардааст: аз амалиёти умдатан ҳарбӣ то раванди сиёсӣ ва дипломатии ҳалли сиёсии байналмилалӣ ва дохилӣ, ки махсусан пас аз ба қудрат расидани “Толибон” дар соли 2021 муҳим аст. Дар ба эътидол овардани вазъи дохилии

сиёсӣ ва иқтисодии Афғонистон созмонҳои байналмилалӣ бахусус СММ, САҲА, СҲШ, СПАД ва як қатор дигар созмонҳо нақши муассир доранд. Таҳлили фаъолияти сулҳпарварии СММ ва воҳидҳои он дар Афғонистон, ки муаллиф пешниҳод кардааст, имкон медиҳад, ки тамоюлҳо ва самтҳои асосии ҳалли низоъҳои мусаллаҳ муайян кардашаванд. Тадкикоти илмии гузаронидашуда асосхои назариявии омӯзиши консепсияи пайдоиш ва тезутундшавии мунокишаи мусаллаҳонаро васеъ намуда, системаи омилҳоеро, ки ба инкишофи мунокишаи мусаллаҳона мусоидат ва монеъ мешаванд, кор карда мебарояд.

**Калидвожаҳо:** Афғонистон, Созмони Милали Муттаҳид, сиёсати зидди маводи мухаддир, қочоқи маводи мухаддир, тиҷорати ҷаҳонии маводи мухаддир, муҳити сиёсӣ.

## СОТРУДНИЧЕСТВО ООН С АФГАНИСТАНОМ ПО РЕШЕНИЮ КОНФЛИКТА В ЭТОЙ СТРАНЕ В НАЧАЛЕ XXI ВЕКА

В настоящее время конфликтная ситуация в Афганистане претерпела серьезную эволюцию: от преимущественно военно-силовой операции к политико-дипломатическому процессу международного и внутриполитического урегулирования, что особенно важно после прихода к власти в 2021 году движения Талибан. Особую роль в стабилизации внутриполитической и экономической ситуации в Афганистане играют международные правительственные организации, в частности ООН, ОБСЕ, ШОС, ОДКБ и ряд других. Представленный автором анализ миротворческой деятельности ООН и ее подразделений в Афганистане позволяет выявить основные тенденции и направления урегулирования вооруженных конфликтов и послужить концептуально-методологическим основанием для дальнейшей научной работы в этом направлении. Проведенное научное исследование расширяет теоретические основы изучения концепции возникновения и усиления вооруженного конфликта, и разработать систему факторов, способствующих и препятствующих развитию вооруженного конфликта.

**Ключевые слова:** Афганистан, Организация Объедененных Наций, антинаркотическая политика, незаконный оборот наркотиков, мировой наркобизнес, политическая обстановка.

## THE UN'S COOPERATION WITH AFGHANISTAN TO RESOLVE THE CONFLICT IN THAT COUNTRY AT THE BEGINNING OF THE TWENTY-FIRST CENTURY

The conflict situation in Afghanistan has currently undergone a serious evolution from a predominantly military and forceful operation to a political and diplomatic process of international and domestic political settlement, which is especially important after the Taliban's coming to power in 2021. International governmental organizations, in particular the UN, the OSCE, the SCO, the CSTO and a number of others play a special role in stabilizing the internal political and economic situation in Afghanistan. The author's analysis of the peacekeeping activities of the UN and its subdivisions in Afghanistan allows us to identify the main trends and directions of the settlement of armed conflicts and serve as a conceptual and methodological basis for further scientific work in this direction. The conducted scientific research expands the theoretical basis for studying the concept of emergence and intensification of armed conflict, and to develop a system of factors contributing to and hindering the development of armed conflict.

**Key words:** Afghanistan, United Nations, counternarcotics policy, drug trafficking, world narcotics business, political environment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳошимов Сафиуллоҳ Ҳадятуллоевич*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон:**800010776**

**Сведение об авторе:** ***Хошимов Сафиуллох Хадятуллоевич*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, старший преподаватель кафедры политологии и международных отношений. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни 67. Телефон:**800010776**

**Information about the author:** ***Khoshimov Safiulloh Khadyatulloevich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Senior Lecturer of the Department of Political Science and International Relations. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street 67. Phone: **800010776**

УДК:930(575.3)

# ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛИЮ ҶАМЪИЯТИИ АКАДЕМИК МУЛЛО ЭРКАЕВ

*Давлатшоев Р.Ҳ, Мунавваров М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муаррихи маъруфи тоҷик, Омӯзгори хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон (1960), Ходими хизматнишондодаи илми ҶШС Тоҷикистон (1964), аввалин академики Академияи илмҳои педагогии ИҶШС Эркаев Мулло Эркаевич 9 майи соли 1910 дар деҳаи Сайроби бекигарии Бойсуни аморати Бухоро дар оилаи деҳқони тоҷик ба дунё омадааст [3, П.340, В.1]. Ӯ соли 1924 ба маркази Тоҷикистон шаҳри Душанбе омада, соҳиби хату савод ва маълумоти олӣ гардиду бо ҳисси баланди миллӣ – ватандӯстӣ ва садоқат ба касби хеш, тамоми умри худро дар роҳи таълиму тарбияи шогирдон, рушди илми таърихи тоҷик ва пешрафти Тоҷикистон сипарӣ намудааст.

М. Эркаев аз соли 1929 фаъолияти худро ҳамчун омӯзгори омӯзишгоҳ, курсҳои кӯтоҳмуддат оғоз намуда, сипас аз соли 1950 то 1975 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси мудири кафераи таърихи ҲК ИШ ва аз соли 1975 то охири умраш, яъне соли 1996 профессори кафедраи ҲК ИШ, таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи омӯзгории пойтахт бо масъулияти том кору фаъолият намудааст [13, с.29-30].

Мулло Эркаев дар баробари таълиму тарбияи шогирдон боз ҳамчун ташкилотчии фаъол дар кори баланд бардоштани сатҳи донишу тарбия, хусусан тарбияи меҳнатии донишҷӯёни ҷавобгӯ ба талаботи замон ва иштироки фаъолона дар кори намояндагии ҳизбӣ дар сатҳи ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятиву ҷумҳуриявӣ аз худ қобилияти баландро нишон додааст. Бояд зикр намуд, ки Мулло Эркаев таҷрибаи ташкилотчигиро ҳанӯз аз замони дар мактаб-интернати шаҳри Душанбе таҳсил намуданаш аз бар намуда буд. Зеро қобилияти ӯро маҳз омӯзгорони нахустинаш дарк намуда, ӯро соли 1927 ба сафи комсомол, ки барои ҷавонони он замон фахри бузург буд, қабул намуданд ва қобилияту истеъдоди ӯро омӯзгорон ба инобат гирифта, худи ҳамон сол ӯро сарвари комсомолони мактаб-интернат таъин намуданд [3, П.340, В.2]. Мулло тамоми вақти худро ба хониш, варзиш ва корҳои комсомолӣ сипарӣ менамуд. Маҳз чунин иштироки фаъолонааш дар корҳои ҷамъиятӣ буд, ки ӯро бо чандин мукофоту ифтихорномаҳо қадрдонӣ намудаанд [11, с.91].

Мулло Эркаев, вақте ки соли 1939 фаъолияти кории худро дар Донишкадаи омӯзгории пойтахт оғоз намуд, новобаста аз ҷавониаш чун дигар омӯзгорони донишкада ба корҳои ташвиқотию тарғиботӣ ҷалб карда шуд, бо маърузаҳо оид ба масъалаҳои гуногун дар муассисаҳо, ташкилотҳо ва тавассути васоити ахбори омма баромадҳо менамуд. Дониши комил, истеъдоди хуби суханварию ташкилотчӣ ва иштироки фаъолонааш дар корҳои ҷамъиятӣ буд, ки ӯро соли 1940 ба аъзогии Ҳизби коммунистӣ қабул намуданд [3, П.340, В.1].

Мулло Эркаев, ки аллакай вазъи душвори кишвар ва ҷаҳонро дарк менамуд, чун дигар фарзандони содиқи ватан фаъолнокии касбии худро тақвият бахшид. Бо даъвати намояндагони ҳизбию давлатӣ зуд - зуд дар назди кормандони ҳизбӣ,

курсҳои кӯтоҳмуддати роҳбарикунанда, шабакаи радиои пойгоҳи ҳарбии Душанбе бо маърузаҳои сиёсиву таърихӣ баромад мекард [1, П.89, В.8]. Ҳамаи ин буд, ки соли 1941 кори ниҳоят масъулиятноки ҳизбиро ба зиммааш гузоштанд. Дар асоси қарори бюрои Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, аз 27-уми январи соли 1941 Мулло Эркаев дар вазифаи лектори шуъбаи тарғиботӣ ва ташвиқотии КМ ҲК (б) Тоҷикистон тасдиқ гардид [3, П.340, В.3].

Бояд ёдовар шуд, ки дар он давра тамоми масъулияти асосии тарғиботӣ ва ташвиқотии сиёсӣ ба зиммаи ҳамин шуъба вогузор гардида буд ва фаъолияти шуъбаи мазкур, махсусан баъди оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (22 июни соли 1941) дучанд афзуд. Вазъи ниҳоят мураккаби сиёсию иқтисодӣ ва ҳарбӣ дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шуравӣ аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти намояндагони шуъбаи тарғиботӣ ва ташвиқотӣ вобаста буд. Маҳорати хуби касбӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ ва ташкилотчигии Мулло Эркаев роҳбарияти ҳизбии кишварро ба хулосае овард, ки аз 23-юми майи соли 1942 сарварии бахши таблиғоти шифоҳии шуъбаи тарғиботӣ ва ташвиқотиро ба зиммаи ӯ гузоранд [11, с.88].

Мулло Эркаев пайваста дар ин роҳ саъю талош меварзид, дар ин солҳо ӯ ҳамчун лектор барои ба самъи умум расонидани ҳадафҳои давлати сотсиалистии Тоҷикистон дар маҳфилу ҷамъомадҳои тоҷикзабонон, русзабонон ва ӯзбекзабонон аз тариқи васоити ахбори умум, радио ва бевосита дар сафарҳои хизматиаш ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо сафар намуда, бо халқ суҳбат мегузаронид, то тавонад дар вазъияти мураккаби ҷангӣ руҳияи ватандӯстии мардумро баланд бардораду ба муттаҳидӣ, дифои сарзамин ва меҳнати натиҷабори меҳнаткашону таъмини ақибгоҳ бо маводи ғизоӣ ва сарулибоси гарм даъват намояд. Ҳамзамон, дар ин мулоқотҳо бо сокинони кишвар онҳоро аз қаҳрамонию пирӯзиҳои сарбозони шуравӣ дар набардҳо аз болои душман ва матонату фидокории ақибгоҳ руҳбаланд мегардонид.

Тибқи қарори бюрои КМ ҲК (б) Тоҷикистон, №135, аз 28-уми августи соли 1944 Мулло Эркаев ӯро ба вазифаи котиби Кумитаи вилояти Кӯлоби Ҳизби Коммунистии (б) Тоҷикистон дар бахши тарғибот тасдиқ гардид [3, П.340, В.4; 7, с.58]. Ӯ дар ин вазифа то 9-уми ноябри соли 1946 кор карда, дар пешравии тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ саҳми босазое гузоштааст. Чуноне ки профессор Ҳ. Пирумшоев қайд намудаанд: “...Дар анҷуману пленумҳои ҳизбӣ, аз муваффақиятҳои кории Мулло Эркаев ба маротиб ёдрас шудаанд” [8, с.91].

Ҳамаи ин муваффақиятҳо буд, ки 9-уми октябри соли 1946 боз аз нав ба марказ даъват гардида, дар вазифаи ҷонишини дуюми мудири шуъбаи тарғибот ва ташвиқоти КМ ҲК (б) Тоҷикистон интихоб гардида [3, П.340, В.3], фаъолияти худро дар роҳи барқарорсозии хоҷагии халқи мамлакат идома бахшид. Бо қарори КМ ҲК (б) моҳи ноябри соли 1947 котиби Кумитаи ҳизбии вилояти Сталинобод интихоб гардид [9, с.4]. Профессор Ҳ. Пирумшоев чунин қайд намуданд: “Дар он вақт сарварии ҳизбии вилояти Сталинобод, аз рӯйи нуфузи вазифадории ҳизбӣ дар байни дигар вилоятҳо дар ҷойи аввал меистод ва то андозае чун нуқтаи гузариш ба зинаҳои олитари ҳизбии ҷумҳурӣ ҳисоб меёфт” [11, с.91]. Дар ин самт Мулло Эркаев то соли 1950 бо масъулияти том [3, П.340, В.4], фаъолият намуд.

Донишу таҷрибаи барои фаъолияти сиёсии давлативу ҳизб ва дар маҷмуъ ҷамъиятӣ мувофиқи ӯ, ӯро тули даҳсолаи солҳои 40-уми асри XX вориди маҷрои сиёсат гардониданаш, маҳз сабаби комилшавии таҷрибаи ташкилотчӣ, роҳбарӣ ва дучанд гардидани дониши назариявии марксизм - ленинзму таърихии ӯ низ гардида буд.

Соли 1950 масъулияти мудири кафедраи таърихи ҲК ИШ-и донишгоҳи навтаъсис (Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон)-ро ба зиммааш гузоштанд, ки он вақт дар кафедра танҳо 10 нафар [1, П.29, В.82] устодон фаъолият менамуданд, ки ин барои як кафедраи таълиму тарбиядиҳандаи афкори сиёсӣ дар байни донишҷӯён хеле нокифоя буд ва Мулло Эркаев тавонист дар фурсати кӯтоҳ шумораи устодони донишманду соҳибтаҷрибаро то ба 35 нафар расонида [8, с.4], кафедраро ба мактаби муаррихони ҲКИШ табдил диҳад [10, с.58].

М. Эркаев бо дастгирии омӯзгорон дар назди кафедра маҳфили илмии таърихи ҲКИШ, фалсафа ва сиёсати иқтисодиро ташкил намуда буд [6, с.3]. Чуноне ки худи Мулло Эркаев қайд намудаанд “...дар маҳфили илмии кафедра қисми зиёди донишҷӯёни факултети таърих аз сеюмкурс то панҷумкурс аъзо буданд ва иштироки фаъолона менамуданд” [7, с.5]. Мақсад аз гузаронидани маҳфилҳои илмӣ дар байни донишҷӯён, пеш аз ҳама, амалан баланд бардоштани тафаккури созандаи омӯзгорони оянда ба ҳисоб мерафт. Аммо дар роҳи муттаҳид намудани як гурӯҳ донишҷӯёни фаъол, ташкили маҳфилҳои илмӣ ва тавассути он дар замири ҳар як донишҷӯ бедор намудани завқу шавқи донишазхудкунӣ нақши Мулло Эркаев муассир буд. Зеро ӯ тавонист шумораи аъзоёни маҳфили илмии кафедраро ба зиёда аз 100 нафар донишҷӯдухтарон ва донишҷӯписарон расонад [6, с.3].

Ҳамзамон, Мулло Эркаев роҳбарии шуъбаи таърихи КПСС ҷамъияти «Дониш»-и Донишгоҳро низ ба уҳда дошт [2, П.189, В.53]. Профессор А. Шарипов дар монографияи худ “Таърихи мактаби олии Тоҷикистон” қайд намудаанд, ки: “ташкилотчиёну роҳбарони корҳои сиёсию тарбиявӣ кормандони кафедраҳои марксизм – ленинизм ва таърих буданд” [14, с.30]. Маҳз ин кафедраҳо манбаи асосии таблиғгарон ва ташвиқотчиёни афкори сиёсӣ дар муассисаҳои олӣ ба ҳисоб мерафтанд. Мулло Эркаев, ки дар ин самт намуна ва шинохта буду таҷрибаи хуб дошт, тавонист як ҷамъияти фаъоли тамоми гурӯҳҳои таълимии донишгоҳро муттаҳид созад. Нақша ва корҳои сиёсию тарбиявии ҷамъияти “Дониш”-и Донишгоҳро дар асоси қарорҳои КМ ВКП (б), қарорҳои Вазорати маълумоти олии ИҶШС, бюрои ҳизбӣ ва ректорат тартиб дода, дар ҷаласаи Шурои илмии донишгоҳ тасдиқ намуда, дар тамоми чорабиниҳои илмию ҷамъиятӣ ширкати фаъолона менамуданд [14, с.30].

Пайваста дар вақти гузаронидани чорабиниҳои зиёди илмӣ, донишҷӯёни зиёде иштирок намуда, аз маъруза ва маводҳои илмии иштирокчиён таассуроти зиёде мебардоштанд. Ба роҳ мондани маҳфилҳои илмиро чи дар бинои таълимӣ ва чи дар хобгоҳи донишҷӯён яке аз роҳҳои фаъолгардонии донишҷӯёни сустхон ва ба зиёд намудани сафи донишҷӯёни фаъол таъсиррасон ҳисобида, пайваста тадбирҳои зиёдеро дар ин самт меандешид. Зеро Мулло Эркаев новобаста аз роҳбари ҷамъияти “Дониш” буданаш, ҳамчун мудири кафедра таърихи ҲКИШ

дар гузаронидани тамоми маҳфилҳои илмӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ масъулияти асосиро бар дӯш дошт. Аз ин рӯ, дар назди кафедра масъулиятҳои мушаххаси баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯён доир ба назария ва таърихи Ҳизби коммунистӣ, сиёсати таълимӣ, тақвияти дониши омӯзгорон, таъмини лавозимотҳои таълимӣ, ташкили синфхонаҳои методӣ ва пурра намудани онҳо бо маводҳои аёнӣ барои дарсҳои лексионӣ ва амалию гузаронидани чорабиниҳои илмӣ доир ба асосҳои марксизм-ленинизм, фалсафа ва сиёсати иқтисодӣ дар сатҳи зарурӣ қарор мегирифт [6, с.3].

Аъзоёни ҷамъияти “Дониш” пайваста дар ҳар як маҳфилу чорабиниҳои умумидонишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва иттифоқӣ бо маърузаҳои худ иштироки фаъолона доштанд [12, с.58]. Иштироки онҳо дар ин чорабиниҳои ҷамъиятӣ, агар аз як тараф, масъулият ва талаботи асосии кори ҷамъияти “Дониш” бошад, аз ҷониби дигар, ба баланд бардоштани неруи зеҳнию равонӣ, суханварию истеъдоди ташкилотчигии онҳо таъсири зиёде мебахшид. Ҳамаи ин буд, ки Мулло Эркаев пайваста барои баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён чораҳои заруриро роҳандозӣ менамуд.

М. Эркаев малакаҳои кори мустақилонаи эҷодӣ, мунтазам зиёд кардани донишро хеле муҳим мешуморид. Ӯ пайваста ба донишҷӯёни ҷамъияти “Дониш” мегуфт, ки “Бояд дар раванди таълим ба кори мустақилона ва тадқиқотҳо бештар такя карда шавад” [9]. Инчунин, қайд намудааст, ки “ба кори тадқиқоти илмӣ ҷалб кардани донишҷӯён вазифаи муҳим аст, ки ин амал онҳоро дар назди мактаби олӣ ба пешрафти илму техника водор месозад” [15, с.75].

Зеро Мулло Эркаев омили асосии баланд гардидани таълиму тарбияи донишҷӯёнро ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи эҷодӣ, мунтазам зиёд кардани донишҳоро низ яке аз роҳҳои дигари баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинии илмӣ ва тафаккури илмии донишҷӯён меҳисобад [15, с.75]. Аъзоёни ин ҷамъият пайваста дар маҳфилҳои илмӣ ва чорабиниҳои гуногуни донишгоҳӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ бо маърузаҳо баромад намуданд.

Соли 1953 маҳсули илмии омода намудаи як қатор шогирдони М. Эркаевро дар қатори беҳтарин дастовардҳои эҷодии ҷавонон ҳисобидаанд, аз ҷумла: Додобоева “Заминаҳои асосии гузариш аз сотсиализм ба коммунизм”, Овчинникова “Демократияи халқӣ - шакли идораи коргарӣ”, Урунов “Меҳнати пурмашақати меҳнаткашони Тоҷикистон дар солҳои Инқилоби Октябр” [6, с.3].

Дар ин баробар академик Мулло Эркаев пайваста дар чорабиниҳою маҳфилҳои илмӣ, ҷаласаву маҷлисҳои ҷумҳуриявӣ ва умумииттифоқӣ фаъолона иштирок намудааст. Устод узви чанди Шурои илмӣ буд [10, с.58].

М. Эркаев баробари таълиму тарбия дар корҳои ҳизбию ҷамъиятии донишгоҳ, шаҳр ва ҷумҳурӣ фаъолона иштирок намудааст. Ӯ чандин маротиба аъзои ташкилотҳои ҳизбии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ва ҳамзамон, аъзои бюрои ҳизбии донишгоҳ, вакили Шурои меҳнаткашони вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ интихоб гардидааст. Аз ҷумла, устод солҳои зиёд ҳамчун аъзои Кумитаи ҳизбӣ ва вакили Шурои меҳнаткашони шаҳри Душанбе пазируфта шуда, дар пешрафти корҳои ҷамъиятӣ ва созандагиҳо фаъолона иштирок намудааст [2, П.189, В.53].

Албатта, заҳмату талошҳо ва менаҳти созандаю ватандӯстонаи Мулло Эркаев борҳои бо мукофоту ифтихорномаҳои фахрӣ, аз ҷумла: нишони "Барои меҳнати шоён" дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945" ду ордени "Байрақи Сурхи Меҳнат", ду ордени "Нишони Фахрӣ", чандин медал ва ифтихорномаҳои фахрии Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон қадрдонӣ намудаанд [3, П.340, В.4; П.341, В.2].

Ҳамин тавр, Мулло Эркаев дар баробари таълиму тарбияи дастпарварони донишгоҳ ва таҳқиқотҳои дақиқсанҷонаву натиҷабори илмии худ, боз саҳми худро чун як фарди фаъоли ҷомеа дар пешрафту ободонии кишвари азизамон Тоҷикистон гузоштааст.

**Муқарриз: Хоҷаев М. –н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Бахши 1461. –Рӯйхати 1. –Парвандаи 29. –В. 82.
2. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Бахши 1461. - Рӯйхати 5. –Парвандаи 189. - В.53.
3. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Бахши 1915.- Рӯйхати 1.- Парвандаи 340. -В.4; -Парвандаи 341. - В.2.
4. Бобохонов М.Б. Боргоҳи маърифат / М.Б. Бобохонов, А.А. Раҳмонов. – Душанбе: Эр-граф, 1998. – 238 с.
5. Имомзода М. С. Аз остон то камолот / М. С. Имомзода, С. Сафармамадов, Қ. Расулиён. – Душанбе, 2018. – 692 с.
6. Иркаев М. За овладение марксизмом - ленинизмом / М. Иркаев // Ленинабадская правда. – Ленинабад, 1953. – 25 июля. – С. 3.
7. Иркаев М. Студент и общественные науки / М. И. Иркаев // Вечерний Душанбе. – Душанбе, 1975. – 6 марта.
8. Искандаров Б. Большая заслуга ученого / Б. Искандаров, К. Мавлянов, С. Ташхуджаев // Коммунист Таджикистана. –Душанбе, 1970. – №59. – 12 март.
9. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо муаллима Д. Я. Набиева. –Душанбе, 2020. - 6 август.
10. Обидов И. О. Омӯзгор, муҳаққиқ ва ходими ҷамъиятӣ / И.О. Обидов // Мактаби Советӣ. – Душанбе, 1990. - №7,8,9. – 58 с.
11. Пирумшоев Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. –Душанбе, 2020. – 180 с.
12. Таджикской государственный университет им. В.И. Ленин. – Душинбе: Дониш, 1973. - 65 с.
13. Фузайлов А. Мулло Иркаев (описание жизнедеятельности и библиография трудов ученого) / А. Фузайлов, Д. Кабутов. –Душанбе: Ирфон, 1990. – 38 с.
14. Шарипов А.Таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон / А. Шарипов –Хуҷанд: Хуросон, 2002. – 280 с.
15. Эркаев М. Тарбияи меҳнатии студентон - омили муҳимми ташаккули шахсият / М. Эркаев // Коммунисти Тоҷикистон. – Душанбе, 1984. – 12 декабр. – С.75.


**ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛИЮ ҶАМЪИЯТИИ АКАДЕМИК МУЛЛО ЭРКАЕВ**


Мақолаи мазкур, роҷеъ ба ҳаёту фаъолияти ташкилию ҷамъиятии яке аз муаррихони шинохтаи кишварамон - доктори илмҳои таърих, профессор, аввалин академики Академияи илмҳои педагогии ИҶШС Мулло Эркаев бахшида шудааст. М. Эркаев ҳанӯз аз овони наврасӣ дар баробари майлу рағбати беинтиҳои илмомӯзиаш боз дар корҳои ҷамъиятии мактаб фаъолона иштирок намуда, соли 1927 сардори комсомолони мактаб-интернат интихоб гардид. Маҳз аз ҳамин давра сар карда фаъолияти ташкилию ҷамъиятии ӯ оғоз шуда, сипас дар рафти таҳсил дар мактаби олӣ истеъдоди суханварию ташкилотчигии ва ҷамъиятии М. Эркаев боз ҳам комил гардид. Дар баробари оғози фаъолияти омӯзгорӣ дар Донишкадаи омӯзгории пойтахт, мунтазам ба корҳои ташвиқотию тарғиботӣ ҷалб карда шуд, бо маърузаҳо оид ба масъалаҳои гуногун дар муассисаҳо, ташкилотҳо ва тавассути васоити ахбори омма баромадҳо менамуд. Дониши комил, истеъдоди хуби суханварию ташкилотчӣ ва иштироки фаъолонааш дар корҳои ҷамъиятӣ буд, ки ӯро соли 1940 ба аъзогии Ҳизби Коммунистӣ қабул намуданд. Ӯ тули солҳои 40-ум ба фаъолияти сиёсӣ ҷалб

гардида, аз корманди шуъбаи ташвиқоту тарғиботи КМ ҲК (б) Тоҷикистон то ба мансаби котиби вилояти Сталинобод расид. Новобаста аз вазифаҳои гуногуни ба зимааш гузошта шуда, дар самти корҳои ташвиқотию тарғиботӣ ва ташкилию ҷамъиятӣ ба натиҷаҳои хуб ноил гардид.Ҳамин тавр, таҷрибаи дар ин самт андухтаи ӯ заминаи асосии фаъолияти минбаъдааш шуд. Зеро пас аз пурра ба фаъолияти омӯзгорӣ дар мактаби олӣ оғоз намудан ва мудири кафедраи таърихи ҲК ИШ Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон интихоб гардиданаш, дар самти тарбияи шогирдон дар руҳияи ватандӯстӣ аз худ маҳорати баланд нишон дода, роҳбари ҷамъияти "Дониш"–и донишгоҳ интихоб шуд. Миёни шогирдони ин боргоҳи илм, мунтазам чорабиниҳои илмию ҷамъиятиро роҳандозӣ намуда, дар корҳои ҷамъиятии донишгоҳӣ, шаҳриву вилоятӣ ва ҷумҳурӣ саҳми арзанда мегузошт.

**Калидвожаҳо:** ИҶШС, Тоҷикистон, академик Мулло Эркаев, муаррих, мактаби олӣ, ҷамъияти "Дониш", корҳои ҷамъиятӣ, ташкилотчӣ, ташвиқот, тарғибот, тарбияи ватандӯстӣ.

## ОРГАНИЗАЦИОННАЯ И ОБЩЕСТВЕННАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ АКАДЕМИКА МУЛЛО ЭРКАЕВА

Данная статья посвящена организаторской и общественной деятельности известного отечественного историка – доктора исторических наук, профессора, первого академика Академии педагогических наук СССР Мулло Эркаева.Он еще с юных лет наряду с наличием безграничного интереса к изучению науки, активно участвовал в общественной жизни школы – интерната, а в 1927 году его избрали руководителем комсомольской организации. Именно в этот период началась его организаторская и общественная деятельность, способности к которой получили дальнейшее свое развитие в ходе учебы в высшей школе. В годы свой педагогической деятельности в столичном педагогическом институте он также привлекался к общественной деятельности, выступая с докладами и сообщениями на разнообразные темы перед слушателями ряда организаций, предприятий, а также в средствах массовой информации. Отличаясь прочными знаниями и достаточно хорошо владея ораторским искусством, а также проявляя активность в общественной работе, у него в характере постепенно сформировалось чувство большой ответственности к выполняемым обязанностям, потому неслучайно в 1940 году его приняли в ряды Коммунистической партии. В 40-е годы XX века он вел политическую деятельность, являясь сотрудником отдела пропаганды и агитации ЦК КТ (б) Таджикистана, а также занимал должность секретаря партийной организации Сталинабадской области. Вне зависимости от занимаемых должностей он всю свою сознательную жизнь активно участвовал в агитационной пропагандистской деятельности, добиваясь хороших результатов.Таким образом, полученный практический опыт послужил в дальнейшем основой его общественной и воспитательной работы в вузе. Особенно грани его таланта как организатора и проявились руководителя в период его 20 – летней деятельности в качестве заведующего кафедрой истории КПСС Таджикского государственного университета, а также руководителя общества «Знания». Его образовательная и воспитательная деятельность была направлена на формирование у молодежи политической грамотности, патриотических чувств и желания участвовать в общественной жизни.Кроме того, профессор Мулло Эркаев в период трудовой деятельности активно участвовал в общественной и воспитательной работе университета, города, области и республики, в целом, являясь образном для подражания своих коллег и учеников.

**Ключевые слова:** Таджикистан, академик, Мулло Эркаев, историк, высшая школа, кафедра, общество «Знание», общественная работа, организатор, агитация, пропаганда, воспитание, патриотизм.

## ORGANIZATIONAL AND SOCIAL ACTIVITIES OF ACADEMICIAN MULLO ERKAEV

This article is dedicated to the organizational and social activities of the famous domestic historian - Doctor of Historical Sciences, professor, first academician of the Academy of Pedagogical Sciences of the USSR Mullo Erkaev. From a young age, along with the presence of an unlimited interest in the study of science, he actively participated in the social life of the boarding school, and in 1927 he was elected head of the Komsomol organization. It was during this period that his organizational and social activities began, the abilities for which were further developed in the course of his studies at higher school.During the years of his teaching activity at the Moscow Pedagogical Institute, he was also involved in social activities, making presentations and messages on various topics to listeners of a number of organizations, enterprises, as well as in the media. Distinguished by solid knowledge and fairly well versed in oratory, as well as being active in social work, he gradually developed a sense of great responsibility for his duties in character, therefore it was no coincidence that in 1940 he was accepted into the ranks of the Communist Party.In the 40s of the twentieth century, he was involved in political activities, being an employee of the propaganda and agitation department of the Central Committee of the CT (b) of Tajikistan, and also served as secretary of the party organization of the Stalinabad region. Regardless of the positions he held, he actively participated in agitation and propaganda activities throughout his conscious life, achieving good results.Thus, the received practical knowledge later served as the basis for his social and educational work at the university. Especially the facets of his talent manifested themselves as an organizer and leader during his more than 20 years of activity as the head of the Department of the History of the CPSU of the

Tajik State University, as well as the head of the Knowledge Society.His educational and upbringing activities were aimed at developing political literacy, patriotic feelings and a desire to participate in public life among young people.In addition, Professor Mullo Erkaev during his career actively participated in the social and educational work of the university, city, region and republic, in general, being a figurative example for his fellow students to follow.

**Keywords:** Tajikistan, academician, Mullo Erkaev, historian, higher school, department, society "Knowledge", social work, organizer, agitation, propaganda, education, patriotism.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои хориҷии факултети таърих. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **rakhmatsho92@mfil.com**; Телефон: **988948222.**

***Мунавваров Манзар*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи нав ва навтарини мамлакатҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.. Телефон: **987-78-64-55.**

**Сведение об авторах:** ***Давлатшоев Рахматшо Химмашоевич*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран исторического факультета. E-mail: **rakhmatsho92@mfil.com**; Телефон: **988948222.**

***Мунавваров Манзар*** - Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон:: **987-78-64-55.**

**Information about the authors: Davlatshoev Rakhmatsho Himmashoevich -** Tajik National University, Ph.D. student of the Department of Modern and Contemporary History of Foreign Countries, Faculty of History. E-mail: **rakhmatsho92@mfil.com;** Phone: **988948222.**

***Munavvarov Manzar*** **-** Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Modern and Contemporary History of Foreign Countries. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **987-78-64-55.**

УДК:930(575.32)

# НАҚШИ ТАНГАҲОИ АҲДИ ҚАДИМ ВА АСРҲОИ МИЁНА ДАР МУАЙЯН НАМУДАНИ ТАЪРИХИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА

*Салимзода Фатҳиддин Файзиддин*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Сиккашиносӣ бахши муҳимми илми таърих буда, барои омӯзиши маданияти халқҳо дар ин ё он минтақа нақши муҳим дорад. Сиккашиносӣ таърихи халқҳоро дар мавзеъҳои муайян, дар давру замонҳои муайян инъикос намуда, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқҳоро баррасӣ менамояд.

Тангаҳое, ки дар қаламрави Данғара ёфт шудаанду дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон, "Осорхона-мамнуъгоҳи ҷумҳурявии Данғара" ва хориҷ аз мамлакат маҳфуз ҳастанд, аз таърихи бойи 2300-сола ва муомилоти пулӣ дар ин диёр ахборот медиҳанд. Тангаҳои ёфтшуда асосан аз нуқра ва мис сохта шудаанд.

Аз соли 1951 баъди ташкил ёфтани Институти таърихи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дохили он шуъбаи бостоншиносӣ ва сиккашиносӣ, бақайдгирии тангаҳои ёфта, шуда аз ноҳияи Данғара ва омӯхтани онҳо шуруъ мегардад [4. с. 3].

Бозёфтҳо ҳангоми кофтуковоҳои бостоншиносӣ, сохтани иншоотҳои гуногуни иҷтимоӣ, ё тасодуфан ёфт шудаанд. Ин тангаҳо давраҳои аҳди қадим ва асрҳои миёнаро дар бар гирифта, аз наздикии 27 деҳаи имрӯза, ки дар қисматҳои ҷудогонаи ноҳия ҷойгиранд, ёфт шудаанд.

Мувофиқи маълумотҳои таърихии аз Осорхона–мамнуъгоҳи ҷумҳурявии Данғара бадастомада, дар қаламрави ноҳия 117 бошишгоҳҳои одамони қадим ва ҷойи сукунати одамон дар асрҳои миёна муайян гаштааст.

Аз гӯшаҳои гуногуни ноҳия ёфт гаштани бозёфтҳо шаҳодати онанд, ки тамоми қисматҳои ноҳияи Данғара дар аҳди қадим ва асрҳои миёна шароити хуби иқлимию табиӣ дошт ва ҷойи сукунати одамон буду, деҳшаҳрҳои ободдошт.

Аз рӯйи тангаҳои ёфтгашта муайян мегардад, ки марзи ноҳияи Данғара дар аҳди қадим ба ҳайати давлатҳои Юнону Бохтар салтанати Кушониён, Сосониён баъди паҳн гаштани дини ислом дар ҳайати Хилофати Уммавиён, давлати Сомониён, Ғазнавиён, Хонигариҳои муғул, Темуриён, Шайбониён, Аштархониён ва Аморати Бухоро шомил буд.

Баъзе тангаҳое ёфт шудаанд, ки дар сиккахонаҳои шаҳрҳои Ҳисор, Вахш, Қубодиён зарб шуда, дар онҳо номи "Хуталон" ёдрас шудааст, ки шомил будани Данғараро дар ҳайати ин вилоят ва дар давраҳои гуногун ниммустаъқилият доштани ин диёрро нишон медиҳад.

Аз рӯйи тангаҳои ёфтшуда муайян мегардад, ки мулки Данғара то сарҳадҳои ҷанубии Россия дар шимол, то Юнон дар ғарб, то мулкҳои ғарбии Чин дар шарқ ва то ҷануби Ҳиндустон дар ҷануб муомилоти пулӣ ва тиҷоратӣ дошт.

Тангаҳои қадимтарине, ки дар марзи ноҳия ёфт гаштаанд, ба нимаи дуюми асри III – и пеш аз мелод рост омада, ба давлати Юнону – Бохтар [1, 75-76] тааллуқ доранд. Ин ду тангаи мисин мебошанд, ки дар онҳо сурати шоҳи ин давлат **Диодот** тасвир ёфтааст. Ин тангаҳо аз деҳаи Торбулоқ, ки дар қисмати ҷанубу шарқии ноҳия ҷой гирифтааст, аз тарафи сокинони ин деҳа тасодуфӣ ёфт шудаанд. Гарчанде ин тангаҳо дар Бохтар зарб ёфта бошанд ҳам, аммо дар онҳо бо забони юнонӣ аз тарафи рост **Басилеос** ва аз чап **Диодот** хатотӣ гаштааст, ки калимаи **Басилеос** маънои **шоҳ**ро дошта, **Диодот** номи шоҳ мебошад.

Сиккашиноси маъруфи тоҷик Давлатхоҷа Довудӣ дар китобаш: “Древние и средневековые монети Дангары” нисбати ин тангаҳо чунин баҳо додааст:

“Дар тангаҳо нақшҳо аз рӯйи анъанаҳои бадеии юнониҳо иҷро гаштаанд, ки он дар бораи паҳн гаштани маданияти ин миллат дар байни халқҳои Осиёи Миёна дарак медиҳад. Нақшҳо дар болои тангаҳо бо маҳорати баланд иҷро гардидаанд. Бояд қайд намуд, ки ин намуди тангаҳои Диодот нодир буда, на ин ки дар Тоҷикистон, ҳатто дар Осиёи Миёна низ ёфт нагаштааст. Намунаи дар Данғара ёфташуда аввалин мебошад. Ин бори дигар ба он далолат мекунад, ки дар ноҳияи Данғара ва умуман дар вилояти Хатлон муомилоти пулӣ ҳанӯз дар аҳди қадим ҷой дошт”[4, с. 8]. Инчунин, аз деҳаи Ғиҷовак, ки дар қисмати шимолии ноҳия ҷойгир аст, тангаи шоҳи дуюми давлати Юнону Бохтар – **Евтидем,** ки ба солҳои 220 – 170 - уми асрҳои пеш аз мелод тааллуқ дорад, ёфт гаштааст [7, 65-67; 1, с 68.]. Тангаи аҳди шоҳ **Евтидем** боз дар шимоли ноҳия, дар назди сойи Дараи Шӯр ёфт шудааст. Он тангаи калони нуқрагин буда, дар соли 1983 аз тарафи бостоншиносон А. Юсупов ва Т. Г. Филимонова дарёфт шуд. Дар ҳамон ҷо, начандон дуртар аз ҷойи ёфтгаштаи тангаи шоҳ **Евтидем** тангаи шоҳони дигари Юнону Бохтар – шоҳ **Евкрадит** ёфт гаштааст, ки он 15 г. вазн дошта, дар пушти он шоҳ дар сараш кулоҳ инъикос ёфта, дар як тарафаш бо забони юнонӣ “Шоҳи бузург Эвкрадит” навишта шудааст [7, с. 56; 4, с.69.]. Чор дона тангаи дигари ин давра аз қабрҳои дараи Қисироб (назди деҳаи Шамолдара) ёфт гаштааст, ки дар як тарафи он нимпайкараи шоҳ дар сараш кулоҳ тасвир шудааст [5,с 92-94; 1, с. 106-107].

Ёфта шудани тангаҳои аҳди шоҳони гуногуни **Юнону Бохтарӣ** гувоҳи он аст, ки муомилоти пулӣ дар он давра дар тамоми манотиқи водии Данғара аз асри III – и пеш аз мелод сар шуда, он дар давоми 200 сол идома ёфтааст [2, 52- 56].

Дар баробари тангаҳои калони нуқрагин, ки 16 г вазн доштанду дар муомилоти тиҷоратӣ истифода бурда мешуданд, дар муомилоти он давра пулҳои хурди мисин мавҷуд буданд. Чунин тангаҳо низ аз қабрҳои қадимаи Қисироб ёфта шудаанд [4, с.69-70].

Ёфта шудани чунин тангаҳои хурди қиматашон кам аз он далолат мекунад, ки дар додугирифти дохилӣ ва савдои байни шаҳрвандони диёр дар он давраҳо муомилоти пулӣ низ ҷой дошт.Тангаҳои мисини хурд бештар аз қабрҳои куҳна ёфт шудаанд, зеро мувофиқи дини Юнониҳои қадим ҳангоми майитро гӯронидан ба даҳони он пули танга мегузоштанд. Данғарагиҳои аҳди қадим ва умуман ҳамаи бохтариҳо, дар он давра ба дини Зардуштия, ки нисбатан дини пешрафта буд, эътиқод доштанд ва дар оини онҳо чунин русум мавҷуд набуд.

Солҳои 142 -128 пеш аз мелод қабилаҳои кӯчманчии эронинажод – **Кӯшониён** Бохтарро фатҳ намуда [4, с. 14], дар он давлати худро барпо мекунанд. Вилояти Хатлон, аз ҷумла марзи ҳозираи водии Данғара низ ба ин давлат ҳамроҳ карда мешавад [2, с. 67-70].

Баъди барпо гаштани давлати нави Кӯшониён ислоҳоти пулӣ гузаронида шуда, тангаҳои нав сикка зада мешаванд. Ин тангаҳо ба тангаҳои Юнону Бохтарӣ монанд буданд, аммо ба ҷойи шоҳони юнонитабор дар онҳо сурати шоҳони Кушонӣ сикка зада мешуд.

Мувофиқи маълумотҳои аз Осорхона – мамнуъгоҳи ҷумҳурявии Данғара бадастомада: “Қабристони Қсиров (Оби Хусрав) якчандто мебошад, ки ҳар кадомаш аз 20 – 25 қабри кӯрғонмонанд - хоктеппагӣ иборат аст. Шакли қабрҳо, тарзи дафнкунии якхела ва бозёфтҳои зиёди масноути сафолин, ороишот, яроқ ва

тангаҳо бостоншиносонро ба хулосае овард, ки маҳз дар ин макон яке аз қабилаҳои пурзӯру бонуфузи Кӯшониён кӯчманчигӣ мекардаанд [6, с.273].

Муомилоти моливу пулӣ дар замони Кушониён хуб тараққӣ карда буд. Масалан, дар ҳудуди ноҳияи Данғара аз деҳаҳои Сангтуда, Булёни Поён, Шибонсой, Оби Хусрав, Гули Зиндон ва Пушинг сиккаҳои шоҳони ин сулола: Канишкаи - 1, Вима Такту (Сотер Мегас) Васудева ва дигарон ёфт шудаанд, ки адади онҳо зиёда аз 100 – то буда, дар Осорхона – мамнуъгоҳи ҷумҳурявии Данғара нигоҳ дошта мешаванд.

Аз марзи ноҳия тангаҳои қариб тамоми шоҳони бузурги Кӯшонӣ дарёфт шудаанд, ки аз вусъат ёфтани муомилоти пулӣ дар он давра дарак медиҳанд. Тангаҳои ин давра аз деҳаҳои Булёни Поён (қисмати ҷанубии ноҳия), Шибансой (қисмати ғарбии ноҳия), Ғиҷовак, Оқсу (қисмати шимолии ноҳия) ва Сангтӯда (қисмати ғарб, соҳили дарёи Вахш) ёфта шуд. Аз деҳаи Булёни Поён хазинаи чунин тангаҳо ёфта шуд.

Ба ақидаи сиккашинос Д. Довудӣ, “тангаҳои Кӯшонӣ дар панҷ минтақаи Данғара ёфт гаштаанд. Бештари онҳо ба деҳаҳои Ғиҷовак, Сангтӯда, Булёни Боло рост меояд. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки танагаҳои аҳди Кӯшониён дар марзи ноҳияи Данғара зиёд паҳн гашта будаанд. Бояд гуфт, ки дар деҳаҳои ёдшуда шаҳр ё деҳаҳое вуҷуд доштанд, ки тиҷорат ва муомилоти пулӣ равнақ ёфта буд ” [4,с.19].

Дар тангаҳои Кӯшониён дар баробари номи шоҳон номи худоёни динҳои юнониҳо, зардуштия, ҳиндуия ва буддоия дарҷ мегашт, ки аз паҳноварӣ ва гуногунқавмии ин давлати муҳташам дарак медод. Аз тамоми гӯшаю канори ин давлати бузург ба диёри Данғара корвонҳои тиҷоратӣ меомаданд ва муомилоти пулӣ ба авҷи аъло расида буд.

Дар яке аз тангаҳо сурати шоҳ дар назди оташи муқаддас омадааст, ки дар оини зардуштӣ будани шоҳони Кӯшониро нишон медиҳад ва дар он **“Шаонано шао Канишка” - “Шоҳаншоҳ Канишка”** навишта шудааст.

Мувофиқи маълумоти баъзе маъхазҳо, аз аҳди Канишка то ҳол 250 танга ёфта шуд. Аз марзи ноҳияи Данғара низ, аз рӯйи гуфтаи сиккашинос Д. Довудӣ ва маълумотҳои осорхонаи ноҳия, чандин тангаҳои ин аҳд дарёфт шудаанд, ки дар Осорхона – мамнуъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара маҳфуз мебошанд.

Ҳангоми сохтани НБО “Сангтӯда – 1” дар шаҳристони “Сари Купрук” - и назди деҳаи Сангтӯда кофтукови бостоншиносӣ гузаронида шуда буд, ки дар натиҷаи он чандин тангаҳо, ки ба асрҳои V- VIII тааллуқ доранд, ёфта шуданд, ки ба ҳокимони Вахш тааллуқ доштанд[8, с. 44]. Дар яке аз тангаҳо **“Бузург Малка”** – **“Шоҳи бузург”** (шояд Малики Бузург С. Ф.) сабт шуда буд. Чунин тангаҳо на танҳо дар ноҳияи Данғара, балки дар дигар ноҳияҳои наздисоҳилии дарёи Вахш низ ёфта шудаанд.

Олимони сиккашинос бар он ақидаанд, ки шояд чунин тангаҳо дар яке аз шаҳрҳои назди соҳили Вахш сикка зада шуда бошанд. Эҳтимолияти он, ки он дар Сангтӯдаи қадим сикка зада шудааст, дур нест. Агар чунин бошад, гуфтан мумкин аст, ки шояд дар он давраҳо Данғара дар баробари дигар мулкҳои Хатлон ниммустаъқил ва Сангтӯда яке аз марказҳои калони тиҷоратии мулки Данғара буд.

Вақте ки дини мубини ислом паҳн гашт, дар ибтидо барои муомилот аз тангаҳои давлати **Сосониён** [1, с. 11-12], ки дар Эрон ҳукмрон буданд, истифода менамуданд. Сипас сиккаҳои якҷояи арабу сосониҳо ба муомилот бароварда

шуданд, ки намунаи онҳо дар соли 1965 аз Сойи Сайод тасодуфан ёфта шуда буданд.

Соли 695 бо фармони Халифа Абдулмалик ибни Марвон дар **Хилофати Араб** ислоҳоти пулӣ гузаронида шуда буд. Пасон тангаҳои (дирҳам) он аз Испания то сарҳадоти Хуросон ба муомилот бароварда шуда буд.

Вилояти Хатлон, аз ҷумла Данғара, то соли 737 соҳибистиқлолии худро нигоҳ дошта буданд. Аммо вобаста ба он ки Хатлон бо дигар минтақаҳои Осиёи Миёна робитаи мустаҳками иқтисодӣ дошт, дирҳамҳои Хилофати Бағдод аллакай дар муомилоти пулии он истифода мегаштанд, ки дар ин бора тангаҳои ёфташудаи ин давра дар марзи ноҳия ахборот медиҳанд.

"Дар неругоҳи "Сангтуда-1", коргарони неругоҳ ҳангоми кор сиккаеро дарёфтанд, ки вазнаш 2,9 гр ва паҳноиаш 2,5 см-ро ташкил медод. Сикка нуқрагин буда, дирҳам ном дорад ва дар ду тарафаш навиштаҷоти куфӣ омадааст" [8, с. 57]. Соли 2006 дар шаҳристони "Сари Купрук" тангае (дирҳам) ёфт гардид, ки он дар шаҳри Восит дар солҳои 741 - 742 сикка зада шуда буд [5,с. 27].

Бо сабабҳои номаълум тангаҳои асрҳои IX-XII, то ҳоло дар марзи ноҳия ёфта нашудаанд.

Тангаҳои зиёде, ки ба давраҳои **ҳуҷуми муғул** (асри XIII) дахл доранд, соли 1987 ҳангоми кофтуковҳои бостоншиносӣ аз шаҳристони Золи Зар [11, с. 71] ёфта шудаанд. Ҳамчунин, шаш тангаи нуқрагӣ, ки ҳар кадомаш 8 гр вазн дошта, ба асрҳои XIV тааллуқ доштанд, аз маҳалҳои гуногуни ноҳия ёфта шудаанд. Дар тангаҳо бо забони форсӣ - тоҷикӣ: "Сиккаи маданиат ар – риҷал Термиз" навишта шудааст, ки аз нуфузи забони тоҷикӣ дар он давра ахборот медиҳад.

Бояд ёдрас намуд, ки авалин хони муғул, ки исломро қабул намуда буд: **Тармаширин** дар тангаҳои сикказадааш дар солҳои 1330-1331 калимаи шаҳодат "Ло иллоҳа илалоҳ, Муҳаммадан расулаллоҳ"-ро сикка зада буд. Чунин тангаҳо аз марзи ноҳия ёфта шудаанд.

Инчунин, тангаҳои гуногуне ёфта шудаанд, ки ба давраи ҳукумронии муғулҳо тааллуқ дошта, дар сиккахонаҳои шаҳрҳои гуногуни ҳамон давра: Бухоро, Самарқанд, Термиз, Хоразм ва ғайра сикка зада шудаанд. Ин далолат аз он мекунанд, ки дар он давраҳо мулки Данғара бо ин шаҳрҳо муомилоти пулӣ дошта, робитаҳои тиҷоратӣ ба роҳ монда шуда буданд.

Соли 1370 дар Осиёи Миёна **Амир Темур** ба сари қудрат омада, ниҳоят империяи бузургеро ташкил намуд. Сулолаи нави **Темуриҳо** [1, с.546-552], ба вуҷуд омад ва дар ин давраи нав болоравии тиҷорат ва муомилоти пулӣ эҳсос мегардад. Ба сари қудрат омадани Темур ва темуриҳо барои халқи тоҷик: "Ҳодисаи мусбати таърихӣ ба ҳисоб меравад" [2, с. 286]. Чи хеле сиккашинос Д. Довудӣ мегӯяд: "Дар асрҳои миёна баландшавии муомилоти пулӣ дар Данғара ба асрҳои XV – XVI рост меояд. Дар ин бора тангаҳое, ки дар марзи ноҳия ёфт гаштаанд, гувоҳӣ медиҳанд. Дар ин ҷо тангаҳои зиёд, ки ба аҳди Темуриҳо тааллуқ доранд, ёфт гардидаанд. Аз ин хулосаи аниқ кардан мумкин аст, ки маҳз дар давраи Темуриҳо марзи ноҳия ба дараҷаи аълои пешравӣ ноил гашта буд. "[4, с. 39]. Бояд гуфт, ки ҳамаи тангаҳое, ки дар марзи ноҳия ба миқдори зиёд ёфт гаштаанд, маҳз ба ин давра тааллуқ доранд. Аз назди 22 деҳа тангаҳои ин давра (се хазинаи тангаҳои нуқрагин 34, 36, 3-донагӣ ва 43 тангаҳои алоҳида) ёфт гаштаанд, ки аз авҷи баланди муомилоти пулӣ ва пешравии тиҷорат дар он замонҳо далолат мекунанд. Сиккаҳои калони нуқрагини ин давра 6 грамм, "танга" ва сиккаҳои хурд 1,5 грамм вазну "мирӣ" ном доштанд. Як "танга" арзиши чор "мирӣ" - ро дошт. Илова бар он, ғайри

тангаҳои нуқрагӣ, тангаҳои хурди мисӣ низ ёфт шудаанд, ки дар он фақат номи Амир Темур сабт шуда буд. Аммо чунин тангаҳо камтар, алоҳида аз деҳаҳои Итарқа, Корез ва қалъаи Золи Зар ёфт шудаанд.Тангаҳои "мирӣ" фақат дар тиҷорати ҳаррӯзаи дохилӣ истифода мегаштанд.

Империяи Темуриҳо ниҳоят муҳташам буд ва чунин минтақаҳои тараққикардаи он замон: Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрон, Ироқ, Сурия, Паси Қафқоз ва Ҳиндустонро дар бар мегирифт [1, с. 540]. Тангаҳое, ки дар марзи ноҳия ёфт шудаанд, аз як сиккахона набуда, балки дар шаҳрҳои гуногуни ин минтақаҳои дур сикка зада шуд буданд.

Чи хеле ки сиккашинос Е. А. Давидович қайд кардааст: "Дараҷаи баланди муомилоти пулии Осиёи Миёна ба давраи ҳукмронии Темуриҳо рост меояд. То кунун ва на баъди онҳо чунин пешравиҳо дида намешуд" [3, с. 49]. Сикказании ин тангаҳо дар шаҳрҳои гуногуни ин империяи бузург ва ёфт гаштани онҳо дар қисматҳои ҷудогонаи ноҳияи Данғара аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар он замон муомилоти пулӣ ва тиҷорати байналхалқӣ ба авҷи баланд расида, бошандагони ноҳияи Данғара ва вилояти Хатлон бо ҳамаи ин гӯшаҳои дурдасти империя муносибати тиҷоратӣ доштанд.

Чи хеле маълум аст, тиҷорат бе мол намешавад. Пас мо гуфта метавонем, ки дар он замон водии Данғара як гӯшаи нисбатан пешрафта гашта, деҳшаҳрҳои обод дошту дар он косибӣ ва ҳунарҳои гуногуни мардумӣ ривоҷ ёфта буданд.

Баъди марги Амир Темур, амирони дигари темурӣ барои равнақи муомилоти пулии дохилӣ тангаҳои хурди мисин (мирӣ)-ро зиёд баровярданд [1, с.553-554], ки дар онҳо номи амирон дарҷ нашуда, фақат номи сиккахона ва соли баромад навишта шуда буд. Чунин тангаҳо аз шаш деҳаи ҷудогонаи ноҳия: Қулли Суфиён, Корез, Кангуртут (Хушдилон), Пушинг, Торбулоқ ва Экизак ёфт шудаанд.

Дар Данғара инчунин, ба ин монанд тангаҳое ёфт шудаанд, ки ба аҳди **Темуриҳо** тааллуқ дошта, дар Хатлон сикка зада шудаанд. Дар чунин тангаҳо сиккахонаи **"Хуталон"** сабт шудааст, ки пешравӣ ва худидоракунии мулки Хатлонро нишон медиҳад. Чунин тангаҳо аз деҳаҳои Мундоқ (Доманакӯҳ), Сангтӯда, Пушинг ва Ғиҷовак ёфта шудаанд.

Сикказании чунин тангаҳо даҳсолаҳоро дар бар мегирад, ки аз пешравӣ дар муомилоти пулӣ ва тиҷорат доштани вилояти Хатлон, аз ҷумла ноҳияи Данғараро дар минтақаи Осиёи Миёна, нишон медиҳад.

Ба ақидаи сиккашинос Е. А. Давидович, чи хеле ки дар боло ёдовар шудем, авҷи аълои муомилоти пулӣ дар Осиёи Миёна ба асрҳои XV ва аввали асри XVI рост меомад. Ин болоравӣ ба Данғара низ, ки дар баробари дигар қисматҳои Хатлон ба ҳайати давлати Темуриҳо дохил мешуд, тааллуқ дошт. Данғара бо дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна дар он давра робитаҳои зичи пулию тиҷоратӣ дошта, иштирокчии фаъоли бозори муомилоти пулӣ - тиҷоратии умумиосиёимиёнагӣ буд.

Солҳои 1500 – 1501 **Муҳаммад Шайбонихон** [1, с.583-590] сулолаи Темуриҳоро, ки 130 сол дар Осиёи Миёна ҳукмронӣ карда, баъди сулолаи Сомониён дар пешравии маданияту иқтисодиёт ва муомилоти пулию тиҷорат саҳми босазо гузошта буданд, шикаст доданд.

Дар Осиёи Миёна ба сари қудрат сулолаи нав – **Шайбониён** меоянд.

"Ислоҳоти Шайбонихон дар тамоми давлат муомилоти ягонаи куллиро ташкил карда, онро аз ҳар гуна тағйирот раҳо намуд. Вай вазн, ҳаҷм ва навъи сиккаҳои нуқрагию мисӣ ва муносибати байни онҳоро муайян кард. Ин сиккаҳо

дар ҳамаи шаҳрҳо ва дар ҳамаи вилоятҳо қувваи баробар доштанд” [1, с. 588]. Аслан, то давраи Шайбониён дар тангаҳо номи шаҳре, ки дар он ҷо танга сикка зада шудааст, сабт мешуд. Мисол: “Зарби Самарқанд”, “Зарби Хуталон”, “Зарби Бухоро” ва ғайра. Аммо, дар тангаҳои аҳди Шайбониён дар баробари матни зуҳуроти динӣ дошта, ба забони форси – тоҷикӣ “Зарби шермард” сабт шуда буд (зери калимаи “Шермард” - Шайбонихон дар назар дошта шудааст).

Мутаассифона, тангаҳои ин давра аз марзи ноҳия кам ёфт гаштаанд, ки шояд ба паст фаромадани муомилоти пулӣ ва тиҷорат дар он замон ишора менамояд. Аксари тангаҳои ёфташуда нуқрагин мебошанд. Нақши тангаҳои мисин дар он давра чӣ гуна буд ва дар муомилоти дохилӣ бо кадом пул тиҷорат кардани аҳолии маҳаллиро дар он давра муайян кардан, мутаассифона, то ҳоло муяссар нагардидааст, эҳтимол меравад, ки дар муомилоти дохилӣ низ фақат тангаҳои нуқрагин истифода бурда мешуданд.

“Тибқи ривояти катибаи санги қабри дахмаи Шайбониён дар Самарқанд, яке аз писарони Муҳаммади Шайбонӣ – Муҳаммад Султон с. 1514 дар Дашти Кӯлаки Хатлон (ҳозира Данғара) кушта шудааст. Тафсилоти ин воқеа равшан нест” [9, с. 28]. Шояд ин ҳодиса низ дар кам гаштани муомилоти пулӣ дар он вақт таъсир расонида бошад.

Чи хеле маълум аст Данғара, ҳамчунин вилояти Хатлон, аз замонҳои қадим бо **Ҳиндустон** тиҷорати доимӣ дошт. Тиҷорат махсусан баъди дар Ҳиндустон ба сари қудрат омадани шоҳони сулолаи моғул [1, с. 583] зиёда гардид, ки дар ин бора тангаҳои ёфтшуда ахборот медиҳанд. Қобили қабул аст, ки навиштаҷоти болои тангаҳои он давр дар Ҳиндустон ба забони тоҷикӣ буд. Чунки дар аҳди шоҳони моғул забони давлатӣ ва адабӣ тоҷикӣ буд.

Тангаҳои моғулони ҳинд ҳамчунин дар дигар ноҳияҳои вилояти Хатлон ёфт гаштаанд, ки аз муносибатҳои хуби тиҷоратии байни Хатлон, аз ҷумла ноҳияи Данғара бо шимоли Ҳиндустон хабар медиҳанд.

Соли 1598 дар Осиёи Миёна аз сулолаи Шайбониён Абдулмуъминхон ба сари тахт меояд [1, с. 627]. Лекин ба сари тахт омадани ӯ дер давом накард. Амирон писарамаки Абдуллоҳхон (падари Абдулмуъминхон) Пирмуҳаммадро, ки марди кукнорию шоистаи салтанат набуд, ба сари тахт меоранд. “Ӯ низ ба зудӣ дар ҷангу низоъҳои байнихудӣ ҳалок гардид”[1, с. 627.] Бинобар ин, баъди се соли ба сари тахт омадани Пирмуҳаммад султон, дар ибтидои асри XVII амирон бо роҳи осоишта, дар Бухоро намояндаи сулолаи **Аштархониҳо** (Ҷониҳо) Ҷонӣ Муҳаммадро, ки ба хоҳари Абдуллоҳхон Шайбонӣ хонадор буд, ба сари тахт оварданд.

Тангаҳои аҳди Аштархониён дар Данғара кам, ҳамагӣ чор дона ёфт гаштаанд. Пеш аз аҳди Аштархониҳо барои тиҷорати ҳаррӯзаи дохилӣ аксаран аз тангаҳои мисин истифода менамуданд.

Бояд қайд намуд, ки тангаҳои мисини ин аҳд, на ин ки дар Данғара, балки дар дигар минтақаҳои вилояти Хатлон низ хело кам дарёфт гаштаанд.

Дар ин аҳд тангаҳо аз нуқраи сифаташ паст сикка зада шуда [1, с.634, 641; 2, с. 428], дар муомилоти дохилии ҳаррӯза низ истифода бурда мешуданд.

Писарони Ҷонӣ Муҳаммад, ки баъди падарашон ба тахт нишастаанд, хоҳарзодагони сулолаи Шайбониҳо буданд. Бинобар ин мумкин аст, ки дар аҳди Аштархониён тангаҳои давраҳои Шайбониён низ минбаъд дар муомилот пулӣ монда буданд ва аз ин сабаб тангаҳои аҳди Аштархониён кам ёфт гаштаанд. Ҳукмронии Аштархониён дер давом накард.

Соли 1753 дар Бухоро сулолаи дигари ӯзбек – **Манғитиҳо** ба сари тахт омаданд [1, с. 651] , ҳукмронии онҳо 168 сол (1753 - 1920) давом ёфта буд.

Сикказании тангаҳо дар давраи Манғитиҳо низ идома меёбад. Дар аҳди Амир Шоҳмурод, ислоҳоти нави пулӣ гузаронида шуда буд. Дар тангаҳои нави Бухоро навиштаҷоти мазмуни динӣ дошта, дигар дарҷ наёфта, фақат дар бораи соли сикказанӣ, номи амир ва каме ахборот дар бораи он, бо забони тоҷикӣ дарҷ ёфта буд. Ин тангаҳо нисбати тангаҳои пешина одитар буданд.

Тангаҳо: тиллоӣ, нуқрагин ва мисин буданд.

Бояд гуфт, ки амирони Бухоро на ҳама ба номи худ танга сикка мезаданд. Аксаран тангаҳо ба номи Амир Ҳайдар, ки ислоҳоти пулӣ ҷорӣ карда буд, амир Дониёл ва амир Шоҳмурод сикка зада шуда буданд [4, с.99-100]. Пули нав ба тамоми марзи аморат, аз ҷумла дар Данғара низ паҳн гашта буд. Ин пул дар муомилоти дохилӣ ва тиҷорати беруна дар марзи ноҳия ба таври васеъ истифода бурда мешуд.

Аз марзи ноҳия тангаҳои зиёди ин давра ёфт гаштаанд. Аз деҳаи Паркамчӣ ҳангоми корҳои заминканӣ аз тарафи сокинони ин деҳа кӯзае ёфта шуд, ки дар он 200 дона тангаҳои мисини ( пули сиёҳ, ё пучак) ин давр маҳфуз буданд. Чунин хазинаи тангаҳои зиёди пучак шоҳиди он аст, тиҷорати дохилӣ дар он замон дар авҷ буд.

Бояд гуфт, ки тақдири минбаъдаи тангаҳои амирони манғитӣ ба мисли тангаҳои пешина набуд. Соли 1920 охирин намояндаи ин сулола амир Олимхон дар натиҷаи инқилоб сарнагун гашт. “Бо ҳамин ба ҳукмронии тақрибан 170 - солаи сулолаи Манғитиён хотима бахшиданд”[2, с. 570]. Миллионҳо тангаҳои тиллоӣ ва нуқрагин дар бонкҳо ва милиардҳо тангаҳои мисин, ки муваққатан берун аз муомилот дар хазинаи амир маҳфуз буданд, аз тарафи Ҳокимияти Шуравӣ мусодира гаштанд. Дар бораи тақдири минбаъдаи онҳо то ҳол ягон маълумоте мавҷуд нест. Танҳо ҳаминаш маълум аст, ки баъди сарнагун шудани амир тангаҳои амирони Бухоро аз муомилот баромаданд. Дар муомилот пулҳои қоғазин ва тангаҳои мисину филизии давлати Шуравӣ дохил гардиданд.

Ғайри тангаҳои аз хазинаи амир мусодира шуда, дар дасти мардум шумораи зиёди тангаҳои амирони манғитии Бухоро монда буд. Мардум онҳоро пинҳон менамуданд. Сол то сол Ҳокимияти Шуравӣ пурқувват мегашт. Мардум аз муомилоти минбаъдаи тангаҳои амирӣ умедашонро канда, онҳоро ҳамчун зару зевари занона истифода мебурдагӣ шуданд.

Устоҳои заргар (бисёртар заргарони ҷугитабор) ба тангаҳои нуқрагин, ки қутрашон зиёда 10 мм буд, гӯшакҳои махсус васл карда, бо мухра ва садаф якҷоя, гарданбанди занона месохтанд. Одатан, ҳар гарданбанд дар байнаш ягон санги нимқиматбаҳо ё тангаи калону вазнини нуқрагин дошт. Қимати чунин гарданбандҳо аз вазни нуқраи хос вобаста буд. Занон чунин гарданбандҳоро эҳтиёт намуда, дар рӯзҳои иду хурсандиҳо ба бар мекарданд. Занҳои солхӯрдаи муқими Данғара бошанд, чунин гарданбандҳоро аз гардан намегирифтанд. Гарданбандҳо аз модарон ба духтарон мерос мемонданд. Ин иқдом то солҳои охири Ҳокимияти Шуравӣ идома дошт.

Баъди солҳои 2000 – ум шахсоне пайдо шуданд, ки чунин тангаҳоро ба ивази ягон ашёи рӯзгор аз дасти мардум бо арзиши паст харидорӣ намуда, барои дигар корҳо: аз қабили сохтани дастпона, гӯшвора, гарданбандҳои замонавӣ ва дигар маҳсулоти заргарӣ истифода бурданд.

**Муқарриз: Расулиён Қ.- д.и.т., профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. - 975 с.
2. Ғолиб Ғоибов. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. – Душанбе: Дониш, 2006, 906 с.
3. Давидович Е. А. Клады древних и средневековых монет Таджикистана / Е. А.Давидович. - М.,1979.
4. Давлатхуджа Довудӣ. Древние и средневековые монеты Дангары. Душанбе:Ирфон, 214. - 119 с.
5. Денисов Е. П. Работы в Ленинградском и Дангаринском районах / Е. П. Денисов // АРТ. - Душанбе, 1983. -Вып. 17. -С. 86-94.
6. Денисов Е. П. Изучение Памятников античного времени на територии Дангаринского района (работы 1984 г.) / Е.П. Денисов // АРТ.- Душанбе, 1993.-Вып.24.-С.273-282.
7. Зеймаль Е. Древние монеты Таджикистана / Е.Зеймаль. – Душанбе: Дониш, 1983. -309 с.
8. Раъно Мирзоева. Назаре ба дунёи Сангтӯда, ва олиҳаи он – Охшо (Вахш). – Душанбе: Деваштич, 2008.- 309 с.
9. “Фархор”, энсиклопедия. – Душанбе: Ирфон, 540.
10. Филимонова Т. Г. Поисковые работы по составлению архелогической карть Дангаринского района в 2009 году/ Т.Г. Филимонова, М. Р Ахмедзянова // АРТ.-Душанбе, 2012. -Вып.3. -С.55-111.
11. Умари Шерхон. Данғара. – Душанбе: Шарқи озод, 2005. - 735 с.
12. Ҷалолиддин Тошматов. Бунёдкорони Сангтӯда / Ҷ. Тошматов. –Душанбе: Адиб, 2009. -214 с.


## НАҚШИ ТАНГАҲОИ АҲДИ ҚАДИМ ВА АСРҲОИ МИЁНА ДАР МУАЙЯН НАМУДАНИ ТАЪРИХИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА


Дар мақола бозёфтҳои бостоншиносон оиди тангаҳои аҳди қадим ва асрҳои миёна, ки дар марзи ноҳияи Данғара дарёфт шудаанд, дар заминаи омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ва асарҳои сиккашиносони тоҷик шудаанд. Қайд карда мешавад, ки аз рӯйи тангаҳои ёфташуда, таърихи Данғара ба 2300 сол мерасад ва Дангара дар он даврахо дорои шаҳрҳою деҳаҳои обод буда, бо мардумони давлатҳои мухталиф тиҷорат ва муомилоти пулӣ доштаст.

**Калидвожаҳо:** Данғара, тоҷик, танга, сикка, зарбхона, муомилоти пулӣ, тиҷорат.


## РОЛЬ ДРЕВНИХ И СРЕДНЕВЕКОВЫХ МОНЕТ В ОПРЕДЕЛЕНИИ ИСТОРИИ ДАНГАРИНСКОГО РАЙОНА


В статье выполнен обзор археологических находок имеющих отношение к монетам древных и средних веков найденных на территории Дангаринского района, и оно показано на основе изучение исторические находки и труды таджикских нумизматиков. Сказано как и с стороны кого найдены монеты на разных зонах района, и о том что на всей територии района с древных времён жыли люди, дано закючение. В статье указано что на основе найденых монетах истории Дангаринский район доходит к 2300 лет, и в его територии в тех временах были развитие сели и города. Народы которые жили в этих городах торговали и вели денежные обрашение с разными странами.

Ключевые слова: Дангара, таджик, монета, чекан, чеканный двор, денежние обрашение, торговля.


## DETERMINING THE HISTORY OF DANGARA DISTRICT


The article provides an overview of archaeological finds related to the coins of ancient and middle ages found on the territory of the Dangara region, and it is shown on the basis of the study of historical finds and the works of Tajik numismatics. It is said how and from whom the coins were found in different zones of the region, and that people have lived in all the territory of the region since ancient times. The article states that, based on the coins found, the history of the Dangara region reaches 2300 years, and in its territory at that time there were developments of the village and the city. The people who lived in these cities traded and conducted money circulation with different countries.

Key words: Dangara, Tajik, coin, minted, minted yard, money circulation, trade.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Салимзода Фатҳиддин Файзиддин*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара, омӯзгори калони кафедраи идораи минтақавӣ ва географияи иқтисодӣ. **Суроға:**735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Шарипов, 3. Телефон: **93-529-77-37**

**Сведение об авторе:** ***Салимзода Фатхиддин Файзиддин*** **–** Дангаринский государственный университет, старший преподаватель кафедры регионального управления и экономической географии. **Адрес:**735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Шарипова 3.Телефон: **93-529-77-37**

**Information about the author:** ***Salimzoda Fathiddin Fayziddin*** **-** Dangara State University, Senior Lecturer, Department of Regional Management and Economic Geography. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara district, Sharipov street 3. Phone: **93-529-77-37**

УДК:930(575.3)

# САҲМИ ПРОФЕССОР О. БОҚИЕВ ДАР ОМӮЗИШ ВА ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАИ МАРДИКОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ТОИНҚИЛОБӢ

***Нуров Сухроб***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вазъи иҷтимоӣ–иқтисодии халқи тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар маркази диққати таҳқиқоти илмии профессор О.Б. Боқиев қарор гирифтааст. Муаррих дар рисолаи доктории худ як бобро ба масъалаи мазкур бахшидааст. Аз таҳлилу омӯзиши осори ӯ бармеояд, ки дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодии халқи тоҷик бо ворид гардидани унсурҳои ҷомеаи сармоядорӣ ва омехта шудани он бо ҷомеаи анъанавии феодалӣ – исломӣ то ҷое тағйиротҳо ба миён омаданд. Ин тағйиротҳо, аз як тараф, омили ташаккулёбии баъзе аз қувваҳои тараққихоҳ, махсусан табақаи зиёии ҷомеа гардид. Аз миёни ин табақа шахсиятҳое ба вуҷуд омаданд, ки дар зери таъсири ин таҳввулот ба таҳлили вазъи замона пардохтанд.

Бояд тазаккур дод, ки яке аз масъалаҳои марказии диққати муҳаққиқро ҷалб намуда, ки қисми муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодии минтақаҳои тоҷикнишинро ташкил медод, масъалаи мардикорӣ ба ҳисоб меравад. Профессор О.Б. Боқиев дар хусуси масъалаи мазкур, пеш аз ҳама, ба осори муаррихони тоинқилобии рус ва таърихнигорони шоҳиди давр такя намудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар илми таърихшиносии шуравӣ ва даврони истиқлоли давлатӣ масъалаи мардикорӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Дар асарҳои баъзе муаррихони тоҷик ин масъала баъзан туфайли баррасии масъалаҳои дигари ҳаёти иҷтимоӣ инъикос гардида бошад ҳам, мавриди омӯзиш ва таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтааст. Паҳлуҳои мухталифи масъалаи мардикорӣ, аз ҷумла вазъи халқи меҳнаткаш, ба табақаҳо тақсимшавии деҳқонон дар ибтидои асри XX, аҳамияти прогрессивӣ доштани мардикорӣ, ба вуҷуд омадани синфи коргари тоҷик ва монанди инҳо дар адабиёти шуравии тоҷик инъикос ёфтаанд, ки дар ин самт саҳми профессор О. Боқиев барҷаста мебошад.

Муаррих О. Боқиев дар осори худ масъалаи мардикориро мавриди талилу баррасии махсус қарор дода, қайд кардааст, ки мардикорӣ яке аз нишонаҳои муносибатҳои буржуазӣ буда, он дар сохти ҷомеаи феодалӣ, давраи тезутундшавии муносибатҳои синфӣ ва таназзули феодализм ба вуҷуд омадааст. Асосгузори давлати Шуравӣ В.И. Ленин ҳам дар асари “Тараққии капитализм дар Русия” дар хусуси масъалаи мазкур ишораҳои зиёд намудааст.

О. Боқиев дар асоси омӯзиши ташаккул ва рушди мардикорӣ дар минтақаҳои тоҷикнишин ба хулосае омадааст, ки заминаҳои асосии мардикорӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ, пеш аз ҳама, аз безаминии деҳқонон, хонахаробу муфлисшавии ҳунармандон, зиёд шудани маҷбуриятҳои феодалӣ, махсусан андозу хироҷ ва монанди инҳо ба шумор мерафтанд.

Аз таҳлили осори муаррих бармеояд, ки раванди мардикоршавии деҳқонони тоҷик, махсусан дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX вусъат ёфтааст. Академик Б. Ғафуров дар ин хусус қайд намудааст, ки қариб 85 фоизи аҳолии Бухорои Шарқӣ дар ихтиёри худ ҳамагӣ 15 фоиз замин дошт, ҳоло он ки 85 фоизи заминҳои корам ба феодалон ва руҳониён тааллуқ доштанд [7, с. 40].

Дар ин хусус О. Боқиев аз В.И. Ленин иқтибос овардааст, ки чунин қайд шудааст: “... пролетари деҳотӣ, ки ҳеҷ хоҷагие надорад, ё ин ки як порча замини ночизе дорад, ба замин он қадар дилбасатагӣ надорад, ... аз ҳамин рӯ, ба ҷойҳои дигар рафтан ва ба шартҳои ихтиёрӣ, яъне ба музди зиёдтар ва бе ҳеҷ асорат ба кор киро шудан барои ӯ осонтар аст” [11, с. 521].

О. Боқиев ин нишондоди Ленинро пурра ба шароити халқи тоҷик созгор донистааст. Зеро деҳқонони тоҷик ҳам безамину камзамин ва қашшоқу бенаво буданд. Ин далел аз он хабар медиҳад, ки ба мисли дигар минтақаҳои Русияи подшоҳӣ Тоҷикистони тоинқилобӣ ҳам раванди аз зироат ба саноат гузаштани аҳолиро аз сар гузаронида истода будааст.

Бояд қайд кард, ки аз ҳисоби ҳунармандони нодору хонахаробшудаи ноҳияҳои мухталифи Тоҷикистони тоинқилобӣ сафи мардикорон меафзуд. Раванди мазкурро О. Боқиев батафсил шарҳ дода, қайд кардааст, ки дар натиҷаи сохта шудани роҳҳои оҳан маҳсулоти пастсифати косибони маҳаллӣ бо молҳои хушсифати саноатии шаҳрҳои Русия рақобат карда натавониста, меҳнати косибон рӯ ба таназзул ниҳод. Зеро то сохта шудани роҳи оҳан нақши асосиро шакли хонаводагии истеҳсолот бозӣ мекард, ки ҳоло ин шакли истеҳсолот аз истеъмори меҳнати кироя қафотар монда буд. Дар натиҷаи таъсири бевоситаи роҳҳои оҳан ҳунармандони ин минтақа аз касби худ даст кашида, барои дарёфти ризқу рӯзӣ ба шаҳрҳо ру оварда, сафи синфи коргари кишварро пур мекарданд. Ба ибораи В.И. Ленин, “ягона унсури тараққӣ, ки ба ин шакли саноат махсус аст, барои бозёфт ба маҳалҳои дигар рафтани ҳунармандон аст” [6, с. 19].

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки мардикорӣ дар ҳудуди Тоҷикистони тоинқилобӣ ба шуғли асосӣ табдил ёфта буд. Таҳлили осори О. Боқиев нишон медиҳад, ки мардикорӣ дар ноҳияҳои тоҷикнишин, махсусан дар Бухорои Шарқӣ ва Кӯҳистони Помир хусусияти мавсимӣ дошт. Дар ин хусус муаррих аз ёддоштҳои яке аз муборизони фаъоли барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар кишвар, собиқ коргари роҳи оҳани Осиёи Миёна Д.И. Манжара иқтибос овардааст, ки чунин аст: “Тақрибан нимаи дуюми моҳи сентябр ба шаҳрҳои кишвари Туркистон мерафтанд ва ибтидои моҳи май ба деҳаҳои дурдасти худ бармегаштанд” [12, с. 15].

Бояд тазаккур дод, ки деҳқонон одатан соле ду маротиба, яъне баҳор, пас аз ба анҷом расондани кишту кор ва тирамоҳ, баъд аз ҷамъоварии ҳосил, ба шаҳрҳо мерафтанд. Дар ин хусус О. Боқиев қайд кардааст, ки муҳлати мардикории баҳорӣ аз дуюним то се моҳ ва зимистон то шаш–ҳафт моҳ тул мекашид, ки онҳо мардикорони мавсимӣ ном доштанд.

Таҳқиқи масъалаи мардикорӣ нишон медиҳад, ки мардикорон тамоми сол, ҳатто ду се-сол ва дар баъзе ҳолатҳо муддати аз ин ҳам зиёдтар дар шаҳрҳои Қӯқанд, Ҷалолобод, Намангон, Андиҷон, Марғелон ва ҳамчунин Тошканд, Самарқанд ва Бухоро мардикорӣ менамуданд. Ин раванд, бахусус баъд аз оғози сохтмони роҳҳои оҳан боз ҳам рушд кард. Мусаллам аст, ки мардикорон ҳатто то шаҳрҳои Қафқоз, Русия ва ғайра мерафтанд [6, с. 19].

Дар ин хусус В.И. Ленин қайд кардааст, ки “мардум аз пайи бозёфт ба корхонаҳои саноатӣ, ба сохтмони роҳи оҳан, ки гӯшаю канораҳои мухталифи Русияро ба ҳам пайваста ва молҳои корхонаҳои калонро ба ҳама ҷо мерасонданд, рафтан гирифтанд” [11, с. 94]. Воқеаҳои ба ҳудуди тоинқилобии Тоҷикистон мансуб буда, ба ҳаёти мардуми заҳматкаши ин сарзамин мувофиқат кардани гуфтаҳои болоро ба таври назаррас нишон медод.

Қайд кардан зарур аст, ки дар сохтмони роҳи оҳан ва устохонаҳо коргарони доимӣ аз ҳисоби мардикорон ташаккул меёфтанд. Чунончи, соли 1906 дар роҳҳои оҳани Осиёи Миёна ва Тошканд коргарони дорои таҷрибаи кории панҷсола бештар аз 72 фоиз ва соли 1913 64 ва 70 фоизи коргарони ин роҳҳоро ташкил медоданд. Аз ин бармеояд, ки дар роҳҳои оҳан коргарони доимӣ беш аз пеш меафзуданд. Дар миёни коргарони роҳҳои оҳани манотиқи Осиёи Миёна мардикорон аз хоки имрӯзаи Тоҷикистон ҳудуди набуданд.

Мувофиқи маълумотҳои О. Боқиев, дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон, водии болооби Зарафшон ва дигар мавзеъҳо ба мардикорӣ рафтани деҳқонони нодору мазлум ва ҳунармандони қашшоқу бенаво зиёд буд.

Дар ин баробар муаррихи тоҷик М. Бобохонов тазаккур додааст, ки мардикорӣ асосан дар водию даштҳо, аз ҷумла, Унчӣ, Қистакӯз, Ғончӣ, Нов, Конибодом ва дигар минтақаҳое, ки пахтакорӣ нисбатан рушд карда буд, бештар паҳн шуда буд [5, с. 17]. Таҳлили осори муаррихон, махсусан О.Боқиев, нишон медиҳад, ки аз волостҳои кӯҳии Зарафшон ба шаҳрҳо рафтани мардикорон ҳодисаи муқаррарӣ гардида буд. Муаррих гуфтаи хидматгузори ҳукумати подшоҳӣ Лютшро иқтибос овардааст, ки чунин аст: “Ба ман маълум аст, ки дар Зарафшон деҳаҳое ҳастанд, ки аҳолиашон онҳоро партофта рафтаанд” [2, с. 139].

Профессор О. Боқиев дар ин хусус қайд кардааст, ки аз волости Фалғар зиёда аз 36 фоиз ва инчунин аз баъзе деҳаҳои ин волост қариб 50 фоизи аҳолии қобили меҳнат ба ҷустуҷӯи кор ба шаҳрҳо мерафтанд. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқи таърихи тоинқилобии Кӯҳистон В. Иброҳимов, ҳар сол аз 25 то 75 фоиз аҳолии баркамоли Куҳистон барои дарёфти кор ба шаҳрҳо мерафтанд.

Бояд қайд кард, ки мардикорӣ, махсусан дар байни меҳнаткашони Бухорои Шарқӣ ва дигар қисматҳои минтақаи кӯҳистон ба таври васеъ паҳн шуда буд. Ин ақидаи О. Боқиевро маълумоти С. Айнӣ тасдиқ менамояд. С. Айнӣ тазаккур додааст, ки “аҳолии Қаротегин ва кӯҳистони Бухоро – аксаре барои таъмини маишат ва имрори ҳаёти худ ба Туркистони русӣ ва Фарғона рафта, ҳаммолӣ, муздурӣ ва саройбонӣ мекунанд” [3, с. 140]. Дақиқияти ин ақидаро таҳқиқоти олимони дигар ҳам пурра собит мекунанд. Н. Латифов қайд кардааст, ки дар Қаротегин ва Дарвози тоинқилобӣ хоҷагие набуд, ки як-ду нафар аъзои он ба Қӯқанд, Фарғона ва дигар шаҳрҳои нисбатан тараққикардаи Осиёи Миёна нарафта бошад. Ш. Юсуфов тазаккур додааст, ки деҳқонони бекигариҳои ноҳияи Кӯлоб ба Тошканд, Самарқанд, Қатақӯрғон, Қӯқанд, Фарғона ва ғайра ба кор мерафтанд. Ҳар тобистон қисми аҳолии тобеи Кӯлоб ва Балҷувон ба воситаи Яғноб ба тарафи Тошканд ба мардикорӣ мебаромаданд [10, с. 140].

Бояд қайд кард, ки масъалаи мардикорӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ то ҳол дар илми таърихшиносии тоҷик баҳснок ва ҳалталаб мебошад. Масалан, то ҳол шумораи умумии мардикорон маълум нест. О. Боқиев равшан намудани масъалаи мазкурро хеле мураккаб арзёбӣ намудааст. Зеро оид ба омилҳои мардикорӣ, шумораи умумии мардикорон, аҳамият ё зарари мардикорӣ, тарзи зисту аҳволи иҷтимоии мардикорон дар тадқиқот, сарчашмаҳои мухталиф, маводҳои архивӣ, маҷмуаҳои оморӣ ва ғайра маълумотҳои мушаххасу мукаммал ё нест, ё бошад ҳам, ниҳоят ночизанд ва ё дастрас нестанд. Дарвоқеъ таҳқиқу омӯзиши мавзуи мазкур ба ҳалли як қатор масъалаҳои ҳалталаби сиёсиву иҷтимоии таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX халқи тоҷик мусоидат менамояд.

Дар ин миён баъзе муҳаққиқон бар он назаранд, ки пеш аз Инқилоби Октябр аз деҳаҳои баландкӯҳи Бухорои Шарқӣ соле то 20-25 ҳазор нафар деҳқонон ба мардикорӣ мерафтанд. Дар ин хусус профессор О. Боқиев, қайд кардааст, ки деҳқонони нодору камбағал ва ҳунармандони ҳақиру нотавон дар ҳудуди тоинқилобии Тоҷикистон аксарияти аҳолиро ташкил медоданд ва табиист, ки қисми зиёди онҳо баҳри таъмини зиндагӣ, эҳтиёҷоти оила маҷбур мешуданд, ки ба мардикорӣ равад. Дарвоқеъ таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сохтмони роҳи оҳан дар Осиёи Миёна ба афзоиши мардикорӣ оварда расонида буд. Аҳолии зиёди минтақа на танҳо ба шаҳрҳои кишвари Туркистон, балки ба воситаи роҳҳои оҳан ба шарҳои Қафқоз, Астрахан ва ҳатто Русия мерафтагӣ шуданд. Дар хусуси афзоиши мардикорӣ маълумотномаҳои омории роҳҳои оҳани Осиёи Миёна муфиданд. О. Боқиев дар такя ба ин маълумотҳо тазаккур додааст, ки зарурати зиндагӣ мардикоронро водор менамуд, ки тавассути роҳи оҳан ва нақлиёти обӣ аз ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон, аз ҷумла Бухорои Шарқӣ ва Помир ба минтақаҳои дурдаст раванд. Соли 1900 ба воситаи хатти роҳи оҳани Чорҷӯ беш аз 74 ҳазор, Хуҷанд 26,4 ҳазор, соли 1911 бошад, аз ин марказҳо зиёда аз 115,6 ва 235,4 ҳазор, соли 1908 қариб 22 ҳазор мусофир кашонда шудааст [6, с. 20]. Вале на ҳамаи ин мусофирон

мардикорон буданд. Далелҳои мавҷуда, махсусан осори муаррихони давр, баёнгари он мебошанд, ки аз рафтуойкунандагон аксар одамони нодору бенаво ва қашшоқу камбағали деҳот буданд, ки макону ҷойи истиқомати худро тарк намуда, аз барои дарёфти қути лоямуте ба шаҳрҳои дурдаст ҳиҷрат менамуданд. Дар ин хусус метавон аз осори дигар муаррихон далел овард. М. Эркаев собит намудааст, ки аз бекигарии Қаротегин тули ҳар сол ба шаҳрҳои Туркистон, Бухоро ва ҳатто Қафқоз то 48 фисади мардон мерафтанд [14, с. 109].

Шуғли қисми зиёди аҳолии деҳаҳо мардикорӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин хусус О. Боқиев қайд кардааст, ки танҳо аз қишлоқи Яхакпасти бекии Қаротегин зиёда аз 50 фисад мардон ва то инқилоб ҳамаи мардони қобили меҳнати деҳоти музофоти Ғарм ба мардикорӣ мерафтанд.

Ақидаҳои болоро маълумоти ҳуҷҷатҳои архивӣ низ тасдиқ менамояд. Мувофиқи маълумоти ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ки аз ҷониби О. Боқиев мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд, “солҳои то ҷанги якуми ҷаҳон аз бекигариҳои Қаротегин ва Дарвоз аз 10 то 12 ҳазор нафар тоҷикон барои кор ба шаҳрҳо мерафтанд [6, с. 21].

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар арафаи Инқилоби Октябр аз бекигариҳои мазкур ба ноҳияҳои мухталифи Туркистон, Қафқоз ва ҳамчунин ба шаҳрҳои саноатии Русия тули ҳар сол то 15 ҳазор нафар ба мардикорӣ мерафтанд. Дурустии ин далелҳоро хотироти собиқ мардикорон, тақвият медиҳанд. Профессор О.Боқиев хотироти собиқ мардикори қаротегинӣ Сироҷ Раҳимовро мисол овардааст, ки мувофиқи он ҳар сол дар корхонаҳои пахтатозакунии Тошканд, Фарғона, Андиҷон, ҳамдеҳагонаш кор мекарданд. Мувофиқи маълумоти ӯ, тахминан 40 нафар бо шолчаи одӣ пахта мекашониданд. Ба фикри собиқ мардикори кӯлобӣ Усто Гадо ҳамаи мардони қобили меҳнати ин воҳа то шаҳрҳои Фарғона, Самарқанд, Бухоро ва ғайра ба мардикорӣ мерафтанд.

Ҳамчунин бояд тазаккур дод, ки дар сохтмони роҳи оҳани Осиёи Миёна саҳми мардикорон хеле назаррас буд. Дар сохтани роҳи оҳани Бухоро (1914-1916) аз сабаби нарасидани қувваи корӣ, мардикорони Бухори Шарқӣ ба таври маҷбурӣ равона карда мешуданд. Мувофиқи маълумоти О. Боқиев, бо фармони амири Бухоро ба сохтмони хатти роҳи оҳани Қаршӣ – Тирмиз мардикорони қаротегинӣ ба таври фаврӣ равона карда шуданд. Дар ин хусус С. Айнӣ қайд кардааст, ки “Ширкати роҳи оҳани Бухоро – Тирмиз, ки яке аз саҳмдорони калонаш амири Бухоро Олимхон ба ҳисоб мерафт, ба фикри ба даст овардани коргарони арзон афтода, аз амир мардикор талаб карда ва ба мардикорони талабгор харҷи роҳу музди кор доданро ваъда кард, ин маъниро ба ҳокими Қаротегин, ки аз лиҳози иқтисодӣ яке аз пасмондатарин минтақаи Бухоро маҳсуб меёфт, навишта, аз аҳолии он ҷо ин кор манфиат гирифтанӣ шуд” [1, с. 101]. Аз таҳлили осори муаррихони давр бармеояд, ки беки Қаротегин халқи камбағалро ғайриихтиёрӣ ва ба таври маҷбурӣ ба сохтмони роҳи оҳан фиристода, молу мулки онҳоро барои худ мусодира кард.

Ҳамин тавр, аҳамияти бузурги рушди мардикорӣ дар он таҷассум меёфт, ки муздурони тоҷик дар шаҳрҳои мухталифи Осиёи Миёна ва Русия бо коргарони миллатҳои дигар ҳамҷо кор карда, аз истеҳсолот ва тарзи он дар корхонаҳои саноатӣ бохабар шуданд. Ҳамчунин, ин раванд боиси ташаккули синфи коргар гардид, ки дар оянда заминаро бахри сохта ба истифода додани корхонаҳои саноатӣ дар Тоҷикистон гузошт. Профессор О. Боқиев дар асоси маводи бойгонӣ ва осори муаррихони мухталиф, ки дар ин самт ишораҳо намудаанд, дар осори худ ба таври мушаххас ва равшан ин масъалаи муҳимми иҷтимоии халқи тоҷикро дар чунин як марҳилаи бисёр сарнавиштсоз мавриди баррасӣ ва инъикос қарор додааст. Бояд қайд кард, ки ӯ яке аз аввалин муаррихони ватанист, ки масъалаи мазкурро ба таври махсус мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додааст.

**Муқарриз: Ғуломов Т. – дотсенти ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Айнӣ С.. Одина. Куллиёт.– Душанбе: Нашрдавточик, 1958. -Ҷ. 1. – С. 201.
2. Айнӣ С.. Таърихи инқилоби Бухоро. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.
3. Айнӣ С.. Ёддоштҳо. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.
4. Айнӣ С.. Аз аҳволи кӯҳистони Бухоро. Куллиёт.– Душанбе: Ирфон, 1966. -Ҷ. 10. – С. 139-140.
5. Бобохонов М. Бедории сиёсии омма дар арафаи Револютсияи Октябр / М. Бобохонов. – Душанбе: Ирфон, 1966. – С. 17-18.
6. Боқиев О. Чанд мулоҳиза роҷеъ ба мардикорӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ / О. Боқиев // Известия Академии наук Таджикской ССР, Отделение общественных наук. - 1985. -№2 (120). – С. 19.
7. Гафуров Б. История таджикского нарда в кратком изложении / Б.Гафуров. Т. I. Изд. 3-е, испр. и доп. – М., 1955. – С. 40.
8. Дониш А.. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития. – Душанбе: Ирфон, 1964.
9. Дониш А.. Наводир-ул-вақоеъ. – Душанбе: Дониш, 2017.
10. Латипов Н. Экономиеское состояние Дарвазского бекства и основные занятия его населения. – Очерки истории Кулябского бекство в конце XIX и начале XX века / Н. Латипов. – Душанбе: Дониш, 1964. – С. 139-140.
11. Ленин В.А. Тараққии капитализм дар Русия. Асарҳо. -Ҷ. 3. – С. 521.
12. Манжара Д.И. Революционные движения в Средней Азии 1905-1920 гг. Воспоминания / Д.И. Манжара. – Ташкент: Среднеазпартиздат, 1934. – С. 7.
13. Раҷабов З. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик. – С. 93.
14. Эркаев М. Барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1966. – С. 109.


## САҲМИ ПРОФЕССОР О. БОҚИЕВ ДАР ОМӮЗИШ ВА ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАИ МАРДИКОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ТОИНҚИЛОБӢ


Дар мақолаи мазкур доир ба саҳми О. Боқиев дар омӯзиш ва инъикоси масъалаи мардикорӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ маълумот дода шудааст. Аҳамияти бузурги рушди мардикорӣ дар он таҷассум меёфт, ки муздурони тоҷик дар шаҳрҳои мухталифи Осиёи Миёна ва Русия бо коргарони миллатҳои дигар ҳамҷо кор карда, аз истеҳсолот ва тарзи он дар корхонаҳои саноатӣ бохабар шуданд. Ҳамчунин, ин раванд боиси ташаккули синфи коргар гардид, ки дар оянда заминаро баҳри сохта ба истифода додани корхонаҳои саноатӣ дар Тоҷикистон гузошт. Профоесор О. Боқиев дар асоси маводи бойгонӣ ва осори муаррихони мухталиф, ки дар ин самт ишораҳо намудаанд, дар осори худ ба таври мушаххас ва равшан ин масъааи муҳимми иҷтимоии халқи тоҷикро дар чунин як марҳилаи бисёр сарнавиштсоз мавриди баррасӣ ва инъикос қарор додааст. Бояд қайд кард, ки ӯ яке аз аввалин муаррихони ватанист, ки масъалаи мазкурро ба таври махсус мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додааст. Қайд кардан зарур аст, ки дар илми таърихшиносии шуравӣ ва даврони истиқлоли давлатӣ масъалаи мардикорӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Дар асарҳои баъзе муаррихони тоҷик ин масъала баъзан туфайли баррасии масъалаҳои дигари ҳаёти иҷтимоӣ инъикос гардида бошад ҳам, мавриди омӯзиш ва таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтааст. Паҳлуҳои мухталифи масъалаи мардикорӣ, аз ҷумла вазъи халқи меҳнаткаш, ба табақаҳо тақсимшавии деҳқонон дар ибтидои асри XX, аҳамияти прогрессивӣ доштани мардикорӣ, ба вуҷуд омадани синфи коргари тоҷик ва монанди инҳо дар адабиёти шуравии тоҷик инъикос ёфтаанд, ки дар ин самт саҳми профессор О. Боқиев барҷаста мебошад.



**Калидвожаҳо:** саҳм, мардикорӣ, масъала, вазъ, шуравӣ, истиқлол, таҳқиқ, омӯзиш, инъикос, муаррих, синфи коргар.


## ВКЛАД ПРОФЕССОРА О. БАКИЕВА В ИЗУЧЕНИЕ И ОТРАЖЕНИЕ ПРОБЛЕМ ПОДЁНЩИКОВ В ДОСЛЕРЕВОЛЮЦИОННОМ ТАДЖИКИСТАНЕ


В данной статье автор приводит сведения о вкладе О. Бокиева в изучение и освещение вопроса подёнщиков в дореволюционном Таджикистане. Большое значение развития труда подёнщиков выразилось в том, что таджикские подёнщики в различных городах Средней Азии и России работали вместе с рабочими других народов и знакомились с производством и его методами на промышленных предприятиях. Также этот процесс привел к формированию рабочего класса, что заложило основу для строительства и функционирования в будущем промышленных предприятий Таджикистана. Профессор О. Бакиев основываясь на архивных материалах и работах различных историков, работавших в данном направлении, конкретно отразил эту важную социальную проблему таджикского народа в столь судьбоносный период. Следует отметить, что он является одним из первых отечественных историков, специально исследовавших и изучивших данный вопрос. Необходимо отметить, что в советской историографии и в эпоху государственной независимости вопрос труда в послереволюционном Таджикистане не был должным образом исследован. Хотя этот вопрос иногда отражался в работах

некоторых таджикских историков в связи с рассмотрением других вопросов общественной жизни, отдельно он не изучался и не исследовался. Различные стороны вопроса о труде, в том числе положение трудящихся, деление крестьян на классы в начале 20 века, прогрессивное значение труда, возникновение таджикского рабочего класса отразились в таджикской советской литературы, а труды профессора О. Бакиев считаются очень ценным и выдающимся вкладом в данном направлении.

**Ключевые слова:** вклад, труд, проблема, ситуация, консультация, самостоятельность, исследование, изучение, размышление, историк, рабочий класс.

**PROFESSOR O. BAKIEV'S CONTRIBUTION TO THE STUDY AND REFLECTION OF THE PROBLEMS OF LABOR WORKERS IN PRE-REVOLUTIONARY TAJIKISTAN**

In this article, the author provides information about the contribution of O. Bokiev to the study and coverage of the issue of day laborers in pre-revolutionary Tajikistan. The great importance of the development of day laborers was expressed in the fact that Tajik day laborers in various cities of Central Asia and Russia worked together with workers of other peoples and got acquainted with production and its methods at industrial enterprises. Also, this process led to the formation of the working class, which laid the foundation for the construction and functioning of industrial enterprises in Tajikistan in the future. Professor O. Bakiyev, based on archival materials and the works of various historians who worked in this direction, specifically reflected this important social problem of the Tajik people in such a fateful period. It should be noted that he is one of the first domestic historians who specifically investigated and studied this issue. It should be noted that in Soviet historiography and in the era of state independence, the issue of labor in post-revolutionary Tajikistan was not properly studied. Although this issue was sometimes reflected in the works of some Tajik historians in connection with the consideration of other issues of public life, it was not studied and studied separately. Various aspects of the issue of labor, including the position of workers, the division of peasants into classes at the beginning of the 20th century, the progressive significance of labor, the emergence of the Tajik working class, were reflected in Tajik Soviet literature, and the works of Professor O. Bakiyev are considered a very valuable and outstanding contribution in this direction. .

**Key words**: contribution, work, problem, situation, consultation, independence, research, study, reflection, historian, working class.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нуров Сухроб Рустамович*** – ассистенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърих. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **suhrobnurov96@mail.ru** Телефон**. 935942021**

**Сведение об авторе:** ***Нуров Сухроб Рустамович*** **–** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры историографии и архивоведения исторического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. . E-mail: **suhrobnurov96@mail.ru**
Телефон**. 935942021**

Дар таълимоти антропологии Афлотун таҳлили қобилияти инсон дар руҳияи анъанаи гесиодӣ сурат гирифта, бунёди ҷавҳарии инсон ба таркиботи ин ё он фулузот, ашёи табиӣ ё чизи дигаре омехта тасвир мешавад. Усули гесиодии омезиш додани таърихи наслҳои инсон бо фулузоти гуногунарзиш – тилло, нуқра, мис, оҳан дар осори муҳаққиқон таъкид мегардад ва зикр мегардад, ки вайроншавии ҳадди ин фулузот дар ниҳоди аз нишонаи хароб шудани зоти инсонро гувоҳӣ медиҳад. Мусаллам аст, ки муайянсозанда ва ҳидояткунандаи таркиботи ҷисми инсон дар фаҳмиши Афлотун Худованд аст ва ин нуқта ба назарияи теологии қобилият ишора мекунад. Дар ҳамон андешаҳои Афлотун, ки қобилият дар таркиботи биологии инсонҳо ҷой меёбад, ин консепсия ҳамзамон ба сӯйи назарияи биологию телеологӣ майл мекунад ва метавонад чун фаҳмиши биологӣ низ эътироф гардад.

Ин фаҳмиш далолат бар он дорад, ки сатҳи баланди муқаррар шудани «зоти инсон» ҳамон дараҷаест, ки беҳтарин фулузоти ҷаҳон – тилло ба таркиботи узвияти инсон ворид аст. Афлотун ин андешаро пайгир аст ва дар фаҳмиши ӯ инсонҳое, ки бунёди ҷавҳарии худро аз тилло ёфтаанд, имконияти роҳбарӣ ва қобилияти идоракуниро доранд. Чунин инсонҳо арзишманду муътабаранд. Чун саҳнаи таърихию ҷамъиятӣ, муҳити талаботию фаъолиятӣ инсони алоҳидаро ба самтҳои гуногуни ташаккули иҷтимоияш равона месозад, пайравони ин назария мехоҳанд ба усули хосе тағйирёбии ҳувияти инсонҳоро аз тағйирёбии табиати фулузотии онҳо биҷӯянд. Дар суҳбати Суқрот бо Главкон Афлотун ба тарзи таҳлили гесиодии қобилият рӯ оварда, чунин андешаҳоро ба қалам меорад: ҳолатҳое хоҳанд шуд, ки тасодуфан аз заминаи тиллоии тавлиди инсонҳо натиҷаи номатлубу нохуб рӯй медиҳад, мисли он ки аз бунёди тиллоӣ дошта – инсони насли нуқра ва ё аз бунёди нуқрагин насли тиллоӣ тавлид мегардад. «Суқрот: ... гӯш бидеҳ ба ҷузъиёти баъдии қисса. Ҳарчанд ки тамоми аъзои давлат бародаранд (ин асотирро идома дода, мо ҳамин тавр хоҳем гуфт), аммо худованде, ки шуморо сохтааст, дар ҳувияти ҳамоне, ки қобил ба ҳукмфармоӣ дорад, зимни тавлидаш тилло омехта кардааст, аз ин рӯ онҳо бештар арзишманданд, ба ёрдамчиёни онҳо – ба кишоварзон ва косибони гуногун нуқра, оҳан ва мис ҳамроҳ намудааст. Ҳама шумо хешовандонед, бештаре аз шумо мушобеҳи худро тавлид месозед, аммо ҳамин тавр мешавад, ки аз тилло насли нуқрагин ва аз нуқра – насли тиллоӣ тавлид шуда, ҳолатҳои баъдӣ низ метавонанд ҳамин тавр бошанд» [9, с.202]. Дар муколамае, ки миёни Суқрот ва Главкон баргузор шудааст, Афлотун наметавонад қотеона назарияи гесиодиро инкор намуда, гуногунии шароитҳои зиндагӣ ва нақши таълиму тарбияро дар ташаккули инсон баён намояд. Ӯ танҳо ба фаҳмиши гесиодӣ шубҳаи хештанро изҳор сохта, ҷанбаи илоҳиётию табиӣ доштани сифатҳои ҷамъиятии инсонро ҳаргиз инкор кардан намехоҳад. Асотирро дар бораи он ки инсон аз замин нумӯ кардааст, Афлотун дар муколимаҳои «Софист», «Тимей» ва ғ. чанд дафъае зикр намудааст. Мутафаккир эҷодсозандаи консепсияи илоҳиётии ташаккули инсон аст. Ӯ мекӯшад дар доираи низоми идеалистии таълимоти хеш ҳузури қобилияту сифатҳои қудсии инсонро тараннум созад. Консепсияи илоҳиётӣ (теологӣ) саҳнаи таҳлили таркиботи фаъолияти инсон аст, чун ҳифзкунандаи ҳамин ормони мафкуравиаш ӯ аз одамони масъул, умуман аз ҳама даъват ба амал меорад, ки онҳо ҳувияти зотии хеш, таъиноти худовандии худро зимни тавлиди наслҳои баъдиашон бояд ҳифз намудаю азиз бидоранд. Хусусан онҳое, ки дар мақомоти олии ҳокимият қарор доранд, мебояд масъулияти бештареро дар роҳи ҳифз ва нигаҳдошти табиати инсонҳо дошта бошанд. Ҳар ҳоким ё роҳбари сиёсӣ ба хотири таъмини устувории табиати инсонҳо, ки ҳувияту қобилияти онҳо аз боло «муқаррар» мегардад, заҳмат кашида, насли хештанро бояд «тоза» нигоҳ дорад. Ҳокимон қобил ба истеъдоде ҳастанд, ки метавонанд

таркиботи ҷисмонӣ ва узвияти навзодагонро ифшо созанд. Онҳо муваззафанд ҳамин таъиноти худовандиро риоя намуда, ҳушёриро дар самти муқаррар сохтани сифоти тифлони навзод аз даст надиҳанд. «Аз ҳукмфармоён худо тақозо дорад, ки пеш аз ҳама ва афзалан дар ҳамин самт посбони шуҷоатманд бошанд ва ҳеҷ чизеро бештар эҳтиёт насозанд, магар ҷуз зурриёти хештанро ва мушоҳида кунанд, ки дар руҳонияти фарзандонашон чӣ пайвасти омезишёфтае ҳузур дорад ва агар тифл бо омезиши мис ва ё оҳан тавлид шуда бошад, набояд ба ӯ дилсӯзию раҳме дошта бошанд, чунон амале анҷом диҳанд, ки осору нишонаҳои табиии тифл сазовору лоиқи ҳамин нишонаҳо бошанд ва ӯро ба қатори косибону зироаткорон дохил намоянд; агар кадоме аз онҳо бо омехтаи тилло ё нукра тавлид шуда бошанд, инро бояд қадр намуду, бо ифтихор ӯро ба сафи посбонон ё ба ҳайси ёрдамчиён бипазиранд. Охир, пешгӯию ваҳй омадааст, ки давлат хароб мегардад, агар дар ҳимояи давлат посбоне аз омехтаи мис ё оҳане бошад…» [9, с.202-203]. Таваҷҷуҳ намоед: «агар тифл аз омехтаи мис ва ё оҳан тавлид шуда бошад, набояд нисбати ӯ раҳму дилсӯзие дошта бошанд».

Ҳукмфармо вазифадор аст дар узвияти тифле, ки ҳанӯз чун инсони комил ташаккул наёфтааст ва дар ҷисмонияти ӯ ҳамон унсурҳои кимиёвие ҳастанд, ки дар тамоми банни башаранд, ҳузури нишонаҳои «аслию зотии» ӯро биҷӯяд. Муайян сохтани табиати инсон дар фаҳмиши Афлотун дар алоқамандӣ ба табиати иҷтимоию фаъолиятии ӯ омехта муаррифӣ мешавад ва мутафаккир ҳанӯз байни хосиятҳои физиологӣ ва иҷтимоии инсон фарқият намегузорад. Инсонро мавҷуде медонад, ки қаблан то таваллудаш сифатҳои индунёиашро, аз қабили ақлу заковат ва кордонию корчалониаш дар олами қудс соҳиб буд ва ҷомеаро лозим меояд ин мавҷуди қаблан бо амри худованд сохташударо ба «таври воқеӣ» бишносад ва аз ниҳоди узвияту руҳонияташ сифатҳои мумтози ӯро ҷӯё шавад. Агар тифл бо ҷамъи сифату хосиятҳои маъшум, яъне агар аз мабдаи ғайриаслӣ ва камарзиш, чун оҳану мис таваллуд шуда бошад ва ё агар маъюбу нотавону нимҷон омада бошад, ҳукмфармоёни ҷомеаро лозим аст ба чунин тифлон бо ҷиддияти хосса машғул шаванд, ҳарчи очилтар таркиботи ҳувияти ӯро муқаррар созанд ва дар роҳи рафъи ин навоқис чораҳои қатъӣ андешанд. Афлотун дар «Менон» аз забони Сукрот омӯзиши ҳунару малакаҳоро барои наврасон қабул дорад, онҳоро натиҷаи меҳнату заҳмати тарбияткунанда меҳисобад. Фақат сифатҳои накуи инсониро коре меҳисобад, ки наметавонад бо таълиму тарбия ба даст биёянд. Накукорӣ ва шуҷоати инсонҳо сифатҳое ҳастанд, ки онҳоро тарбияту таълим намесозад. Дар муколимаи Сукрот бо Анит аз тарбияи фарзандони Перикл (Парала ва Ксентипа) ёд мекунанд, ки чанд ҳунареро, аз қабили аспсозӣ, мусиқӣ, гимнастика аз худ карданд, вале шуҷоату шердилиро омӯхта натавонистанд. Ё ин ки Фукидид ду фарзандашро (Мелесия и Стефана) маълумоти хуб дод, аммо накукорию некхоҳиро натавонист ба қалби онҳо ҷой диҳад [8, с.403]. Дар муколамаҳои эҷод намудаи Афлотун, он ҷое ки камтарин имконияти тавсифи таъиноти қудсӣ муяссар шудааст, мутафаккир онҳоро тараннум мекунад. Барои ӯ дар аксари муколимаҳое, ки он ҷо мунозираҳо ба вуқуъ мепайванданд, раванди воқеии ҳаётӣ, мавҷуд будани омилҳои ба зиндагии индунёӣ пайваст, норавшану номаълум мемонанд. Саҳнаи бархӯрди ҳазорон манфиату мақсадҳо ва ташаккул ёфтани мафкураҳои ахлоқию идеявӣ, ҳуқуқию динӣ ва ғ. дар ҷомеаи инсонӣ ҷойи ниҳоят каме гузошта шудааст. Вале, Афлотун роҳи беҳтарини раҳо ёфтанро аз навоқисоти ҷисмонию руҳонӣ дар пахш намудан ва нобуд сохтани ҳамин сифатҳо меҷӯяд.

Идеяи нав сохтани табиати инсонҳо бо роҳи чорабиниҳои евгеникӣ оғози назариявии хешро аз таълимотҳои замони атиқа ва аз муқарроти иҷтимоию ахлоқии дунёи қадим мегирад, ки Афлотун – чунин мутафаккири бузург яке аз саромадони ҳамин назарияи ғайригуманистӣ аст. Дар ин суханҳо бунёди маънавию идеологии тасаввуротҳои евгеникиро, ки ба сӯйи иқдомҳои зӯран нобуд сохтани насли маъюбу ноилоҷи банни башар мебарад ва дар ояндаҳо ҳамчун

бунёди идеологии фашизму нажодпарастию миллатбадбинӣ мегардад, комилан мушоҳида кардан мумкин аст. Афлотун бурҳон пеш меорад, ки ҷомеа бодиққат селексияи (беҳтар намудани зот) ҳайвонро анҷом дода, дар айни замон ба тоза намудани авлоди инсон фориғболию бепарвоӣ дорад.

Мебояд зикр кард, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихи ҷомеа идеяҳои тоза намудани авлоди инсон ба воситаи чорабиниҳои евгеникӣ вуҷуд доштанд. Ҳанӯз дар достонҳои антропологии асотирӣ ҳолати кунунии инсонро чун замони заволу таназзули инсон баҳогузорӣ мекарданд ва аз давраҳои «комилияти аввалаи инсоне», ки ҳанӯз дар ҳувияти ӯ чун таъиноти худовандӣ ҳузур дошт, ёдовар шудан мехостанд. Яъне, ҳамеша ба гузаштаи номаълум бо таассуф назар андохта, нақшаи комилияти ояндаи инсонро бо «намунаҳои» дар тахаюлоту дар ёди мағшуши наслҳои гузашта ҷойдошта баргардониданӣ мешуданд. Бо роҳҳои селексионӣ тағйир додани табиати инсонро метавон дар осори мутафаккирони алоҳида ва асотирҳои халқҳои гуногуни ҷаҳон мушоҳида намуд.

Кампанелла гумон дошт, ки барои интихоби насли дуруст, вақти обистани нутфа, бояд ҳисоби дурусти астрологиро ба эътибор гирифт [15, с.84-94]. Олимони муосир умедро аз интихоби дурусти геноми инсон меҷӯянд.

Ба қавли доктори илмҳои фалсафа Хен Юлия Вонховна, ҳамаи лоиҳаҳои евгеникӣ дар натиҷаи афзал донистани муносибати биологӣ ба проблемаҳои иҷтимоӣ аст [14]. Назари илмиро ба масъалаи селексияи инсон табиатшинос ва равоншиноси англис Ф. Галтон ба миён гузошта, зарурияти интихоби сунъиро дар муқобили интихоби дурударози табиӣ пешниҳод мекунад. Ҳадафи консептуалии муҳаққиқони евгеник беҳтар намудани зоти инсон ва рафъ намудани бемориҳои ба воситаи генҳо такроршаванда ба ҳисоб мерафт, вале чун ин идеяҳо ба доираи фаъолиятҳои сиёсӣ ворид мешуд, фоҷиаи халқҳо оғоз мегашт [13]. Инсоният шоҳид аст, ки утопияҳои евгеникӣ дар таърихи инсоният ба натиҷаҳои фалокатбор оварда, на ба хотири беҳтар сохтани зоти инсон, балки барои зӯран маҳв намудани намояндагони гурӯҳи иҷтимоӣ, нажод ё этноси алоҳида равона гардидааст. Чунки дар тасаввури ҳокимони сиёсатмадор танҳо хамон тоифае зоти беҳтарин аст, ки шахсияти худи ӯро муаррифӣ мекунад. Аз ин рӯ, муҳаққиқро мебояд ба назарияҳо ва иқдомҳои евгеникӣ аз доираи мавқеи хосси методологӣ ва усули ҷаҳонбинии гуманистӣ муроҷиат намояд.

Инфантитсид – маросими қатли тифлакони оҷизу заиф дар Спартаи қадим ривоҷ буд [6] ва Афлотун онро чун анъанаи қадим дар Афина низ қобили татбиқ меҳисобад, ки ин пешниҳоди ӯро сенати Афина қабул намекунад.

Далел аст, ки Афлотун ақидаи инфантитсидро, ки мувофиқи он тифлони маъюбу бемор бояд нобуд карда шаванд, эътироф намуда, ҷорӣ шудани онро дар Афина таъкид менамояд. Чунин пешниҳоди Афлотунро мутафаккири қарни XX Карл Поппер дар асараш «Ҷомеаи кушода ва душманони он» мавриди эътирози сахт қарор дода, Афлотунро ба ҳайси як идеологи ҷомеаи ғайригуманистӣ ном мебарад [11, с.48-49].

Чунин фаҳмиши инсоншиносӣ аз нигоҳи Карл Поппер ишорат ба он мекунад, ки Афлотун муаррификунандаи манфиатҳои табақаи олии ҳокимон буда, устуворию оромӣ ва осудагии давлатро ҳатто бо усулҳои ғайриинсонӣ ҳам ки бошад, пайгирӣ мекунад. Анъанаи «халос шудан» аз тифлдони маъюбро идеологи фашизм Хюстон Чемберлен низ дар қарни XX ба миён гузошта, инсониятро ба партовгоҳи ваҳшиёнату хунхории нажодӣ тела доданӣ буд. Назарияи биологизатории Чемберлен намунаи кулминатсионии бо роҳи селексия интихоб намудани нажоди дилхоҳи одамон аст. «Биологӣ» донистани ахлоқу одобро бо ёрии тасаввурот дар бораи интихоби нажодии одамон пайравӣ намуда, Чемберлен (ҳамчуноне ки то ин замон Бенжамин Дизраэли нисбати «принсипҳои ориёнии … нигаҳдории сиҳатӣ ва зебоии ирқи аввалмақом») тавсия медод, ки тифлакони

заифро мувофиқи қонунҳои юнонию римӣ ва олмониҳои қадим ба марг ҳукм намоянд. Чемберлен беихтиёрона эҳсоси боварии қатъӣ ва итминон қавӣ ба он дошт, ки гӯё ориёниҳо ҳам ҷисман ва ҳам руҳан аз дигар одамон афзалият дошта, ҳуқуки ҳокими олам шуданро дороянд» [12, с.168].

Дар заминаи идеяҳои ғайригуманистии евгеникӣ дар конслагерҳои фашистӣ инсонҳои ба қавли ин «ҳокимони олам» «ноқобил»-ро бераҳмона қир мекарданд. Дар рафти ин қиркуниҳо ба қавли худашон таҷрибаҳо гузаронида, маълумоти «илмӣ» ҷамъ меоварданд. Анъанаи ба табиати биологӣ ё ба ҳувияти аз «ғайб» додашуда вобаста намудани қобилияту истеъдоди инсонҳо, чуноне мебинем, ҳанӯз дар фалсафаи Юнони қадим устувор шуда, ҳамзамон эътироз ба чунин ақидаҳо низ ба ҳамон марҳилаи таърихӣ рост меояд. Ба таври консептуалӣ ин андешаҳои асотириро Антисфен ва Диогени Синопӣ инкор намуда, назарияи бартарияти афзалияти авлодию наслу насабиро ба шубҳа андохта, комилан онро бофтаю сохтаи одамон баҳогузорӣ кардаанд. Дар осори Афлотун мо мушоҳида мекунем, ки андешаҳои теологӣ, биологӣ ва сипас афкори фаъолиятию ҷамъиятии мутафаккир доир ба қобилиятҳои инсон аз ҳузури худ дарак дода,то ҳадде дар мазраи дилеммаи ақидаҳо хар кадоме аз ин андешаҳо афзалияти худро таъкид карданӣ мешавад. Дар баробари назарияи «аз ниҳоди замин» эҷод гаштану муқаррар шудани қобилияти инсонҳо Афлотун зарурияти тарбияи дурусти одамонро низ пеш мегузорад. Тарбияю таълим табиист ки дар доираи заҳмату фаъолият ва эҳтиёҷу талаботҳои ҷамъиятӣ сурат мегиранд ва мутафаккире, ки чунин тарзи андешаронӣ дорад, назарияи қобилиятҳои фаъолиятию ҷамъиятиро пуштибонӣ мекунад.

Афлотун ба ҷуз аз оне, ки консепсияи илоҳиётӣ (теологӣ) ва физиологии қобилиятро пеш мегузорад, ҳеҷ наметавонад аз воқеияти зиндагии инсони ҷамъиятӣ комилан даст кашад ва ҳар замон, хоҳу нохоҳ аз ташаккули ҷамъиятии инсон дар раванди талаботҳои ҳаётиаш ҳарф мезанад. Ба ғайр аз он ки инсонро сифатҳои зотии дар ҳувияти ӯ хуфта роҳбаладӣ мекунанд, мебояд барои комилтар шудани ҳамон сифатҳои зотии қобилияти инсон тарбиякунандагон заҳмату фаъолиятеро анҷом диҳанд.

Хусусан, дар роҳи тарбияи насли наврас омӯзиши ду илм (фан) – варзиш (гинастика) ва мусиқиро, ки мустаҳакамсозандаи ду хислат – бадхашмӣ (сангдилӣ) ва нармдилӣ мебошанд, барои ашрофзодагони афинагӣ ҳатмӣ медонад. Ин ду хислат бо роҳи варзишу мусиқӣ таҳким ёбанд ҳам, бунёди табиӣ доранд. Ва «… посбонҳои мо бояд ин ду хусусияти табииро соҳиб бошанд». Метавон гуфт, ки ин ҷо Афлотун назарияи «нишонаҳо» («задатки»)-ро пешниҳод мекунад, ки ба ҳамин маъност: дар ҳувияти одамон хислату хосият, сифату қобилиятҳо хуфтаанд, ки тарбиякунанда муваззаф аст ин сифатҳоро ёфта, бедор сохта, ташаккули баъдии онро таъмин намояд. Зарурияти ин таълиму тарбия ба хотири нигоҳдошти ҳамон табиати азалии онҳо равона мешавад: «Онҳо касе ки набошанд, бояд тарбияи дуруст бигиранд, модоме онҳоро мебояд чизи муҳимеро риоя кунанд, яъне нисбати якдигар ва шаҳрвандоне, ки посбонӣ мекунанд, ҳалиму нармдил бошанд, … бояд манзили зист ва молу мулки дигари онҳоро муҷаҳҳаз сохт, то ҳамчун посбони беҳтарин будани онҳо халалдор нашавад ва онҳоро маҷбур насозад ба шаҳрвандони дигар бадиеро раво бинанд…». Ва Афлотун аз идеяи он ки дар узвияти инсонҳо тилло, нуқра, ё мису оҳан ҳамчун унсурҳои маъданӣ хуфта, маҳз аносири кимиёвӣ сифату хислатҳои инсонро эҷод месозад, дур мешавад. Яъне, аз фаҳмиши биологию физиологии хислату қобилиятҳои инсон ба сӯйи консепсияи теологӣ қадам мезанад. «… Дар хусуси тилло ва нуқра мебояд ба онҳо гуфт: тиллои худовандӣ- он чизе ки аз худоён омада – ҳамеша дар руҳонияти хеш онро соҳибанд ва заррае ба тиллои дар ихтиёри инсон буда ниёз надоранд ва гунаҳкору осӣ мешаванд, агар тиллои худовандиро дошта бошанду онро ба тиллои мавҷуди фанопазир омехта, онро касиф гардонанд. Ин тиллои худододи онҳо бояд тозаю

холис бошад, на ба мисли он тангаи маъмуле, ки зуд-зуд онро бешарафона қалбакӣ месозанд» [9, с.204-205]. Ин ҷо Афлотун аз забони Суқрот ниҳоди табиии ба тиллою нуқра бунёдёфтаи инсонҳоро ба шубҳа гузошта, дар бораи руҳонияти инсонҳо, ки метавонад қиматар аз тиллои дар ихтиёри тиҷорати инсонҳо бошад, ҳарф мезанад. Дар низоми андешаҳои антропологии Афлотун паси ҳам гоҳ назарияи биологию табиии қобилиятҳо ва гоҳ консепсияи теологии қобилиятҳо тавсиф ёфта, аз тарафи дигар фаъолияти ҳаётии инсонҳо, ки тобиши иҷтимоию талаботӣ дорад, низ эътироф мегардад. Умуман, назарияи қобилиятҳои биологию илоҳиётии Афлотунро Арасту эътироф накарда, ба қавли Асмус, дар «танқиди сахтеро Арасту раво дида, ба «Давлат» ва ба «Қонунҳо» назари нобоварию шубҳа дошт». Аз тарафи дигар, Афлотун мутафаккирест, ки низоми андешаҳояшро тадриҷан ба эҷодиёташ ворид сохта, ҳолати навоқиси эҷодиёташро инкор намекунад ва ба қавли А.Ф. Лосев, маҳз ҳамин демократизми андешаронӣ Афлотунро машҳури ҳасорсолаҳо миёни халқҳои гуногуни ҷаҳон гардонидааст [4, с.72].

Ба андешаҳои муҳаққиқони муосире, ки нишонаҳои қобилияти инсонро дар табиати биологии инсон меҷӯянд назар андохта, мушоҳида мекунем, ки онҳо ба хотири ҳақ баровардани андешаашон тарбияю таълим ва муҳити истеҳсолию анъанаю фарҳангро танҳо як омили «ёридиҳанда» медонанду тамом. Чунин ақидаҳоро метавон ҳамчун анъанаи афлотунӣ баҳогузорӣ намоем.

Таваҷҷуҳ намоед: «Агар табиати дар ҳувияти файласуф муқаррарнамудаи мо, таълими сазовору муносибро бипазирад, пас инкишоф ёфта, ба ҳадди ҳама гуна накуӣ хоҳад расид: аммо, агар он дар масири ношоистаю ноқулай кишт ё кӯчат карда шуда бошад, пас ҳолати баръаксе рух медиҳад, магар то замоне, ки агар яке аз худоён ба ёрии ӯ нашитобад» [9, с.295]. Ин ҷо муҳити ҳаёти воқеӣ, мақоми фарҳангу маориф танҳо нақши ёридиҳанда ва самтбахшандаи қобилиятҳо дониста шудааст, на омили бунёдии таҳияю ташаккули он. Ба назари Афлотун, табиати арзишманду тозабунёд, агар ба тарбияи нолоиқу номувофиқ фаро гирифта шавад, натиҷаи баръакс дода, ҳувияти сазовор ва муътабарро хароб хоҳад сохт. Қобилияту истеъдод ва дигар неруҳои ҳаётии инсон дар таълимоти Афлотун хусусиятҳои фавқулҳаётию теологӣ ва телеологӣ дошта, маҷрои воқеии ҳаётии инсонҳо танҳо майдони татбиқи ин қобилияту сифатҳо, чун саҳрои хомӯшест, ки ягон – ягон тағйироти тасодуфию спонтанӣ метавонад ба ҷараёни ташаккули қобилиятҳои ба қавли Афлотун «воқеию қаблан таҳиягашта» халал ворид созад. Анъанаи ба эътибор нагирифтани ҳаёти воқеӣ, фаъолияту талаботи инсонҳо дар ташаккулу такомули қобилият ва сифатҳои дигари инсон дар низоми таълимоти фалсафаи идеалистии Афлотун оғоз ёфта, то имрӯз дар таълимотҳои идеалистии баъдӣ, ба шаклҳои мухталиф ва тобишҳои гуногун аз ҳузури хеш дарак медиҳад.

**АДАБИЁТ**


1. Введение в философию: Учеб. пособие для вузов. 3-е изд., перераб. и доп. / Авт. колл.: Фролов И.Т. и др. – М.: Республика, 2003. – 623 с.
2. Гегель Г.В.Ф. Феноменология духа / Г.В.Ф. Гегель. – М.: Наука, 2000. – 495 с.
3. Гердер И.Г. Идеи к философии истории человечества / И.Г. Гердер. Пер. и примеч. А.В. Михайлова. – М.: Наука, 1977. – 703 с.
4. Лосев А.Ф. Жизненный и творческий путь Платона / А.Ф. Лосев // Платон. Диалоги. Книга первая. – М.: Эксмо, 2008. -768 с.
5. Наврузов С. Человеческие способности (соотношение социальных и биологических аспектов). – Душанбе: Ирфон, 1991. – 303 с.
6. Общественное дело рождения детей. Новости о нравах Древней Спарты [Электронный ресурс] // https://lenta.ru/articles/2007/12/11/infanticid. Дата обращения: 2.02.2019.
7. Одинцова А. «Чтение черепа»: как появилась френология и почему ей все поверили [Электронный ресурс]. https://antropogenez.ru› article. (дата обращения: 21.01.2022).
8. Платон. Диалоги. Книга первая. Менон. Том 1. – М.: ЭСКИМО, 2007. -768 с.
9. Платон. Диалоги. Книга вторая. -М., Эксмо, 2008. -1360 с.

10. Платон. Государство / Платон. – М.: АСТ, 2009. -С.602, 614с Платон. Государство. Пер. А. Егунова. - М.: АСТ, 2017. - 448 с.
11. Поппер К. Открытое общество и его враги / К.Поппер. – М.: Международный фонд «Культурная инициатива», 2009. – 333 с.
12. Саркисянц М. Английские корни немецкого фашизма. От британской к австро-баварской «расе господ» / М. Саркисянц. Пер. с нем. – М.: Некрасова. – СПб.: Академический проект, 2003. – 400 с.
13. Стариков Н. Селекция человека-евгеника, как она есть. [Электронный ресурс]. https://nstarikov.ru/blog/98432. Дата обращения: 4.02.2019.
14. Хен Юлия Вонховна. Философский анализ евгенических представлений. Автореферат на соискании ученой степени доктора философских наук по специальности 09.00.08 – Философия науки и техники / Ю.В. Хен // http: // www.dissercat.com/content/filosofskii-analiz-evgenicheskikh-predstavlenii#ixzz5eMJiv6Uv. Дата обращения: 2.02.2019.
15. Штекли А.Э. Кошмары Города Солнце: тирания общности или всевластие науки / А.Э.Штекли // Культура Возрождения и власть. – М.: Наука, 1999. – 223 с.

## ДИЛЕММАИ НАЗАРИ ИЛОҲИЁТӢ ВА БИОЛОГИЗАТОРИИ ҚОБИЛИЯТИ ИНСОН ДАР ТАЪЛИМОТИ АНТРОПОЛОГИИ АФЛОТУН

Дар мақола ташаккули таълимоти антропологии Афлотун ва хусусияти дилеммавӣ (зиддияти фикр) доштани андешаи ӯ доир ба неруҳои моҳиятии инсон баррасӣ мегардад. Зикр мегардад, ки Афлотун ҳамчун намояндаи устувори идеализми объективӣ тамоми мавҷудотро ба ду ҳисса: идеяҳои аслию абадӣ ва чизҳои ғайримустақили олами ҳиссӣ тақсим мекунад. Афлотун дар табиати инсон руҳи абадзинда ва ҷисми фанопазиру бебақоро фарқ мегузорад. Оғози ҷисмонӣ дар таълимоти антропологии Афлотун ҳамчун чизи пастфитрат, офату шарр дар муқоиса ба оғози руҳонӣ, арзёбӣ мегардад. Муаллиф таваҷҷуҳ ба он дорад, ки дар таълимоти Афлотун нафс (руҳ) аз ду қисм иборат аст: олию соҳибақл ва ҳиссию поёнӣ. Руҳи соҳибхирад тимсоли идоракунандаи фойтун (фойтунчӣ) ва чизҳои эҳсосшаванда таҷассуми ду аспест, ки якеаш шарофатманду дигараш бешарафу ношоиста аст. Ақида асоснок карда мешавад, ки дар антропологияи Афлотун воқеияти ҳаётии инсонӣ дар муқоиса ба руҳониёт ҳамчун ҳолати манфӣ ва офату балост. Дар мақола назарияи афлотунии «ҷойивазкунии руҳ» (лотинӣ – реинкарнатсия, юнонӣ метемпсихоз) таҳлил карда мешавад. Мувофиқи ин назария руҳ, нафс ба воситаи маърифати идеяҳо бояд аз зиндони бадан озод шуда, сипас, вобаста ба хусусияти умри пасисаркарда, аз нав ба ин ё он ҷисм (бадан) ҷойгир шавад. Танҳо комилтарин руҳ метавонад абадан олами заминӣ, олами ноқисро тарк намуда, дар дорулбақо, дар олами идеяҳо бимонад. Муаллифи мақола андеша пеш мегузорад, ки мувофиқи фикри Афлотун тифли навзод тамоми сифату хосиятҳои худро ҳанӯз то замони мавҷудияти заминии хеш соҳиб мешавад, моҳияти инсонии ӯ бошад, то замони ҳаёти заминӣ ва комилияти ҷисмониаш мавҷуд будааст. Муаллиф андеша дорад, ки назарияи теологӣ (илоҳиётӣ)-и Афлотун то ба ҳол мавзуи баҳсбарангез аст. Аз як тараф, сифатҳои ҳаётии худро инсон ҳанӯз дар олами қудс пайдо кардааст. Хусусиятҳои физиологии тифл нишона ва татбиқи таъиноти руҳонияти ӯ аст ва ҳатто тақозо дошт, ки дар Афина инфантитситро (расми маҳви ҷисмонии тифлҳои носолимро, ки Карл Поппер дар «Ҷомеаи кушода ва душманони он» боадолатона танқид кардааст) ҷорӣ кунанд. Аз тарафи дигар, инсон тавассути тарбия ва фаъолнокии ҷисмонӣ сифатҳои ҳаётии худро ташаккул медиҳад. Муаллиф итминон дорад, ки ҳолати дилеммавии назари Афлотун оғози назарияҳои гуногунсамти антропологӣ доир ба неруҳои моҳиятии инсон аст.

**Калидвожаҳо*:*** руҳи абадзинда, олами ҳиссӣ, воқеияти ҳаётӣ, олами идеяҳо, қобилият, назарияи теологӣ, неруҳои моҳиятии инсон.

## ДИЛЕММА ТЕОЛОГИЧЕСКИХ И БИОЛОГИЧЕСКИХ ВЗГЛЯДОВ О СПОСОБНОСТИ ЧЕЛОВЕКА В АНТРОПОЛОГИЧЕСКОМ УЧЕНИИ ПЛАТОНА

В статье прослеживается становление антропологического учения Платона и дилемматичность его суждения о человеческих сущностных силах. Подчеркивается, что Платон, как представитель устойчивого объективного идеализма, делит все сущее на вечные, самосущие идеи и на несамостоятельные вещи чувственного мира. Платон в человеке различает бессмертную душу и смертное, тленное тело. Телесное начало в антропологическом учении Платона рассматривается как низшее, злое и отрицательное, по сравнению с духовным началом. Автор акцентирут внимание на том факте, что в учении Платона человеческая душа состоит из двух частей: высшей – разумной и низшей – чувственной. Разумная душа олицетворяется с возничим, кучером, а чувственная – с двумя конями, один из которых благороден, а другой неблагородный, низкий. Обосновывается мысль о том, что в антропологии Платона человеческая жизненная действительность, по сранению с духовной, считается

злой, отрицательным состоянием. В статье проанализированы платоновские концепции переселения души (лат. – реинкарнация, греч. – метемпсихоз). Согласно этой концепции, душа путем познания идей, должна освободиться от тела-темницы, и затем, в зависимости от свойства прожитой жизни, вновь вселиться в какое-то другое тело. Только самые совершенные души навсегда оставляют земной, несовершенный мир и переселяются в царство идей. Автор статьи выдвигает мысль о том, что, согласно Платону, новорожденный все свои качества и особенности приобретает еще до момента своего земного существования, и его сущность существует до наступления его земной жизни и формирования его тела. Автор считает, что платоновская теологическая концепция способностей продолжает оставаться дискуссионной. С одной стороны, человек свои жизненные качества приобретает еще в небесном мире. Физиологические особенности младенца являются воплощением и выражением его духовного предназначения, и даже требовал, и агитировал за введение в Афинах инфантицида (ритуал убийства физически слабых младенцев, о котором Карл Поппер справедливо и с огорчением пишет в книге «Открытое общество и его враги»). С другой стороны, человек путем воспитания и физической активности формирует свои жизненые качества. Автор убежден, что дилемматичность воззрений Платона является началом разнонаправленных антропологических концепций о сущностных силах человека.

**Ключевые слова:** бессмертная душа, чувственный мир, жизненная действительность, царство идей, способность, теологическая концепция, человеческие сущностные силы.

**THE DILEMMA OF THEOLOGICAL AND BIOLOGICAL VIEWS ON THE ABILITY OF MAN IN THE ANTHROPOLOGICAL DOCTRINE OF PLATO**

The article traces the formation of Plato's anthropological doctrine and the dilemma of his judgment about human essential forces. It is emphasized that Plato, as a representative of stable objective idealism, divides everything that exists into eternal, self-existing ideas and non-independent things of the sensual world. Plato distinguishes between an immortal soul and a mortal, corruptible body in man. The corporeal principle in the anthropological teaching of Plato is considered as lower, evil and negative, in comparison with the spiritual principle. The author focuses on the fact that in the teachings of Plato the human soul consists of two parts: the higher - rational and the lower - sensual. The rational soul is personified with a charioteer, a coachman, and the sensual soul is personified with two horses, one of which is noble, and the other is ignoble, low. The idea is substantiated that in the anthropology of Plato, human life reality, in comparison with the spiritual one, is considered an evil, negative state. The article analyzes the Platonic concepts of the transmigration of the soul (Latin - reincarnation, Greek - metempsychosis). According to this concept, the soul, through the cognition of ideas, must be freed from the body-dungeon, and then, depending on the properties of the life lived, again move into some other body. Only the most perfect souls forever leave the earthly, imperfect world and move to the realm of ideas. The author of the article puts forward the idea that, according to Plato, a newborn acquires all its qualities and features even before the moment of its earthly existence, and its essence exists before the onset of its earthly life and the formation of its body. The author believes that the Platonic theological concept of abilities continues to be debatable. On the one hand, a person acquires his vital qualities even in the heavenly world. The physiological features of the baby are the embodiment and expression of its spiritual destiny, and even demanded and agitated for the introduction of infanticide in Athens (the ritual of killing physically weak babies, about which Karl Popper rightly and with chagrin writes in the book "The Open Society and Its Enemies"). On the other hand, a person forms his life qualities through education and physical activity. The author is convinced that the dilemma of Plato's views is the beginning of multidirectional anthropological concepts about the essential forces of man.

**Key words**: immortal soul, sensory world, vital reality, realm of ideas, ability, theological concept, human essential forces.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аминов Файзалӣ Азимович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-63-47-45**. E-mail: **Faizali/Aminov58@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Аминов Файзали Азимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент общеуниверситетской кафедры философии. **Адрес:** Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-63-47-45**. E-mail: **Faizali/Aminov58@mail.ru**

**Information about the author:** ***Aminov Faizali Azimovich*** – Tajik National University, candidate of philosophical sciences, docent. **Address**: Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. **Phone: 918-63-47-45**. E-mail: **Faizali/Aminov58@mail.ru**

**УДК:37.1(575.3)**

# НАҚШИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ТАЙЁР НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ КАСБӢ ДАР СИСТЕМАИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН

***Гулов Раҳмоналӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Солҳои охир масъалаи маориф дар маркази диққати олимони дохилию хориҷӣ, аз он ҷумла файласуфон, сотсиологҳо, педагогҳо, психологҳо ва дигарон қарор гирифтааст. Бо назардошти прогресси техникӣ дар ҷомеаи мутамаддин нақши илму маориф боло рафтааст. Дар байни ниҳодҳои иҷтимоӣ баъд аз оила соҳаи маориф ҷойи дуюмро дар устувории бинои ҷомеа ишғол мекунад. Аз ин рӯ, соҳаи маорифро таҳкурсии асосии ҷомеаи мутамаддин меноманд.

Аслан, мафҳуми «маълумот» дар ду маънои аз ҳам фарққунанда шарҳ дода мешавад. Мувофиқи шарҳи аввал, маълумот – ин маҷмуи донишҳо ва малакаҳое мебошад, ки барои фаъолиятҳои амалии инсон зарур шуморида мешаванд. Дар маънои дуюм бошад, соҳаи фаъолиятҳои ҷамъиятие дар назар дошта мешавад, ки муассисаҳои таълимии сатҳашон гуногунро дар бар мегирад. Маҳз дар ҳамин маъно ба ҷойи мафҳуми «маълумот» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «маориф»-ро истифода мебаранд.

Мувофиқи қарордоди сессияи 20-уми ЮНЕСКО «маълумот» ҳамчун раванд ва натиҷаи ташаккулёбии қобилият ва рафторҳои шахс фаҳмида мешавад, ки мувофиқи он инсон бошуурона ба камол расида, рушди фардии худро таъмин менамояд [17].

Мафҳуми «маълумот» дар маънои васеъ раванд ва ё натиҷаи ташаккули ақлу хирад, рафтор ва қобилиятҳои ҷисмонии инсон мебошад. Дар маънои техникӣ бошад, маълумот ва ё соҳаи маориф раванде мебошад, ки дар он ҷомеа ба воситаи мактабҳои сатҳашон гуногун мероси фарҳангию мадании худро аз як насл ба насли дигар интиқол медиҳад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва паҳншавии босуръати технологияҳои иттилоотӣ, тамоми фазои сиёсати давлатӣ ва стратегияҳои интихоби инфиродӣ таҳсилро дар мадди аввал мегузоранд. Мувофиқи нишондодҳо ҷомеашиносон ва таърихнигорони кишварҳои пешрафта нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ ва илмӣ-техникии худро, пеш аз ҳама, ба туфайли таваҷҷуҳи афзалиятноки давлат ба масъалаҳои маориф ба даст овардаанд [13, с.5].

Системаи маориф дар ҳама давру замонҳои таърихӣ интиқолдиҳандаи илму дониш, фарҳангу тамаддун ва ба насли оянда буд. Системаи маориф, ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, насли наврасроро аз ҷиҳати зеҳнию ақлонӣ ва дараҷаи шуурнокӣ ташаккул дода, онҳоро ба ҳаёти мустақил омода месозад. Беҳуда нест, ки таҳсилот соҳаи афзалиятноки ҷамъият ба ҳисоб рафта, рушди дигар соҳаҳои иҷтимоӣ маҳз аз ин ниҳод сарчашма мегирад. Бар замми ин,ояндаи ҳар халқу миллат ва пойдории кишвар ба рушди соҳаи маориф вобаста аст. Инкишофи ҳаматарафаи ҷамъият ба соҳаи илм ва маориф иртибот дорад.

Соҳаи маориф дар ҳар як мамлакат барои пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ хизмат мерасонад. Махсусан, нақши маориф дар баланд бардоштани дониш ва маълумотнокии одамон ва шаҳрвандони ин ва ё он давлат хеле назаррас аст. Бинобар ин, саводнокӣ ва маълумотнокии одамон низ аз соҳаи маориф вобаста мебошад. Маҳз маориф шаҳрвандони давлатро соҳиби маълумоти миёна, касбӣ, олии нопурра ва олии пурра мегардонад, ки касбияти онҳо дар ин раванд таъмин карда мешавад.

Рушду инкишофи бонизоми соҳаи маориф ва ташаккули низоми маълумот тайи ду даҳсолаи охир онро ҳамчун омили асосии рушди инсон ва ҷомеа гардонидааст. Муассисаҳои таълимии сатҳашон гуногун дар шароити муосир

мероси фарҳангии ҷомеаро аз як насл ба насли дигар интиқол медиҳанд ва ба воситаи онҳо одамон дониш ва малакаҳои касбиро аз худ намуда, мавқеи иҷтимоӣ ва иқтисодии худро муайян месозанд. Дар раванди таълим ва таҳсил кӯдакон ва ҷавонон на танҳо барои иҷроиши нақшҳои муайян омода карда мешаванд, балки онҳо идеалҳои ахлоқӣ, меъёрҳои рафтор ва тарзи муносибат бо муҳитро аз худ менамоянд.

Маориф ҳамчун институти иҷтимоӣ дар худ идеяҳо ва мақсадҳоро дар бар мегирад. Дар баробари аҳамияти мавҷудияти дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз он ҷумла иқтисод, сиёсат, ҳуқуқ, дин, оила ва соҳаи маориф дар якҷоягӣ предмети махсусгардонидашудаи тадқиқоти сотсиологӣ ба шумор меравад. Таҳсилот барои инкишофи шахсият ва худвоқеъгардонии ӯ ёрӣ мерасонад ва то ин замон аҳамияти муҳимми таъмини вазифаҳои зарурии ҷомеаро ба дӯши худ дорад. Ҳамчунин, ҷомеаи муосир бе соҳаи маориф пеш намеравад ва он омили аввалиндараҷаи ташаккули сиёсати давлат маҳсуб меёбад.

Дар баробари ин, тағйироти иҷтимоие, ки дар ҷаҳони муосир ба амал меоянд, усулҳои нави амалӣ ва равишҳои назариявиро навсозӣ мекунанд, зарурати мутобиқсозии иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ сифати гуногуни таълимро талаб мекунанд [13, с.5]. Ташкили таълим дар миқёси ҷаҳонӣ ва минтақавӣ имконияти гузаштан аз эъломияи идеологияи давлати иҷтимоӣ ба идоракунии захираҳои инсонӣ, ҳифзи иҷтимоӣ тавассути касб, таълими рақобатпазирро таъмин мекунад

Дар ҷаҳони муосир таҳсилот муҳимтарин омили ташаккули сифатан нави на танҳо иқтисодиёт, балки тамоми ҷомеа маҳсуб меёбад. Нақши он баробари афзоиши таъсири сармояи инсонӣ доимо меафзояд. Инчунин, дар марҳилаи кунунии рушди кишвар бо вазифаҳои гузариши Тоҷикистон ба ҷомеаи демократӣ, волояти қонун, иқтисоди бозорӣ ва вазифаҳои рафъи қафомонии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоюли инкишофи иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ муайян карда мешавад [13, с.6].

Маориф ҳамчун институти иҷтимоӣ кафили талаботҳои шахс ва ҷомеа дар ҳосил кардани дониш; системаи муассисаҳо бо воситаҳои моддӣ ва коммуникатсионӣ мебошад; вазифаҳои интиқоли таҷрибаи иҷтимоиро иҷро мекунад, аз ҷумла фардро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа бо фарҳанг ошно мекунад. Мактаб дар назди ҷомеа ва давлат барои мавҷудият, сифати таълим ва мувофиқати он бо ақидаҳои муосири илмӣ масъул аст [1, с.338]. Тавассути илму дониш мо дар ҷомеа тамоми талаботҳои моддию маънавии худро қонеъ менамоем, барои ҳар як фард дар расидани ӯ ба ҷаҳони беканори маънавиёту маърифат маориф роҳ мекушояд. Илму адабро мо бо роҳи ҷустуҷӯ ва омӯзиш тавассути раванди таҳсилот аз бар мекунем.

Аввалин тафсири илмии маориф (таҳсилот) ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ба муҳаққиқи фаронсавӣ Эмил Дюркгейм тааллуқ дорад. Равиши сотсиологии ӯ ба омӯзиши маориф беназир аст ва асарҳои ӯ “Тарбияи ахлоқӣ”, “Эволютсияи андешаи таълимӣ” ва “Маориф ва ҷомеашиносӣ” таърихи маориф дар Фаронсаро тавсиф мекунанд. Эмил Дюркгейм таъкид мекунад, ки таҳсилот бо дигар институтҳо, арзишҳо ва эътиқодҳои дар ҷомеа мавҷудбуда алоқаманд аст, бар замми ин системаи маорифро аз ҷомеа ҷудо кардан ғайриимкон аст [13, с.6]. Соҳаи маориф муҳимтарин роҳи баланд бардоштани сатҳи шуурнокӣ ва инкишофи захираҳои зеҳнию ақлии инсон ба ҳисоб рафта, танҳо дониш моро дар ҷомеа соҳибэҳтиром ва обрӯманд мегардонад. Соҳаи маориф дар ҳар як давраи таърихӣ дигаргуниҳои гуногунро аз сар гузаронида, роҳи муайяни худро тавассути нафарони соҳибхираду донишманд муайян намудааст. Маориф яке аз ниҳодҳои муҳимми ҷамъиятӣ буда, иҷтимоишавии инсонро таъмин намуда, мушкилиҳои инсонро бароварда карда, орзуҳои ӯро ба воқеияти иҷтимоӣ табдил медиҳад.

Девис К. ва В.Мур маорифро ҳамчун воситаи омода кардани ҷавонон барои иҷрои нақшҳо дар ҷомеа тавсиф намудаанд. Аз нуқтаи назари ин мутафаккирон,

системаи маориф қисми муҳимтарини раванди табақабандӣ буда, заминаи имкониятҳоро таъмин менамояд ва нақши агентии интихобиро мебозад, ки ба ҷойгиркунии фардҳои алоҳида дар мақомҳои гуногун дар мувофиқат бо қобилияти онҳо мусоидат мекунад.

К.Маркс чунин мешуморид, ки системаи маориф сохтори мавҷудаи синфиро идома медиҳад ва тавассути назорати намудҳои таълим ва дониш, ки дар ихтиёри гурӯҳҳои гуногун мебошанд, дастрасӣ ба мавқеҳо дар ҷомеа низ назорат карда мешавад.

Маориф ҳамчун институти иҷтимоӣ кафили талаботҳои шахс ва ҷомеа дар ҳосил кардани дониш; системаи муассиса, дорандаи воситаҳои моддии коммуникатсионӣ; иҷрокунанда бо муносибати амали меъёрӣ, вазифаи интиқолдиҳандаи таҷрибаҳои ҷомеа, якҷояшавӣ бо фарҳанг мебошад. Омӯзиши системаи донишҳо ва тавоноии инсонро барои фаъолияти бомуваффақият дар тамоми соҳаҳои ҳаёт таъмин менамояд [1, с.338].

Маориф ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ҷанбаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, бадеӣ, маънавӣ, динӣ, илмӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегирад. Таърихи маорифи халқи тоҷик танҳо рушди таърихии яке аз муассисаҳои таълимӣ набуда, ҳамзамон инкишофи ниҳоди мукаммал, зиндаю пурзиддияти иҷтимоист, ки қисми таркибии давлат ва ҷомеа гардидааст. Дар таърих таҳсилот вазифаи иҷтимоии аз як насл ба насли дигар мерос додани арзишҳои иҷтимоию маънавиро анҷом медиҳад, вале ҳар як насли нав анъанаҳои таълимии худро дорад, ки дар он меросбарӣ ё пайдарпайӣ на ҳамеша ҳифз мешавад. Ҳифз, захира ва интиқоли таҷриба қонуни бунёдии ҷомеаи мутамаддини инсонӣ ба шумор меравад. Соҳаи маориф натиҷаҳои пешрафти илмӣ ва дастовардҳои ҳар як давраи таърихиро ҷамъбаст менамояд [10, с.11].

Вазифаи ҷомеаи инсонӣ интиқоли таҷрибаи бузурги дар соҳаи иҷтимоӣ андухтан худ ба насли наврасу ҷавон буда, дар баробари ин тарбия намудани сифатҳои баланди ахлоқию инсондӯстӣ дар сиришти онҳо вазифаи дигари аҳли башар ба ҳисоб меравад. Барои ба ин мақсад расидан зарур аст, ки таълиму тарбияро аз синни хурдӣ шуруъ намоем.

Маориф нақши омилҳои иҷтимоиро дар ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа баланд бардошта, қисман ҳамчун кафолати татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва башардӯстонаи одамон хизмат мекунад. Сиёсати маориф чун воситаи шарикии иҷтимоӣ ба омили суботи сиёсии кишварҳои алоҳида табдил ёфтааст. Системаи маорифи халқ вазъи зеҳнии ҷомеа ва суръати пешрафти илмӣ-техникӣ ва ҳамзамон, дурнамои рақобати ҷаҳониро муайян мекунад [8, с.9].

Дар замони муосир дар соҳаи таҳсилот дигаргуниҳои хеле зиёд ба назар мерасанд. Ҳамчунин, пешрафти илму техника ба фарҳангу тамаддуни ҷомеаи ҷаҳонӣ таъсири назаррас дорад.

Дар рушди кунунии ҷомеаи мо бозсозии тамоми низоми таҳсилот аҳамияти муҳим касб мекунад. Танҳо бозсозӣ имкон медиҳад, ки сифати нави таълиму тарбияи ҷавонон, ғояҳои асосии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, фаъолияти он бар асоси усулҳои демократия ва инсонгароӣ, арзишҳои умумиинсонӣ, анъанаҳои илмӣ ва фарҳангии мардум таъмин карда шавад [10, с.8]. Ҳоло ки мо дар марҳилаи азнавсозии ҷомеа ва сохтори он дар баробари кишварҳои рӯ ба рушд қарор дорем, моро зарур аст, ин азнавсозиро аз соҳаи ҳаётан муҳимми ҷомеа – соҳаи маориф оғоз намоем, чунки дурнамои дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз ин ниҳод вобаста аст. Дигаргуниҳои глобалӣ ба тақдир ва зиндагии мардуми сайёра таъсири худро расонида истодаанд.

Ҷараёни саноатикунонӣ, инкишофи шаҳрҳо таъсири амиқро ба рушди системаи маориф расонида истодаанд. Равандҳои гузариш аз ҷомеаҳои қафомонда ва мутобиқ шудан дар қатори ҷомеаҳои пешрафта талаботро бахри ба даст овардани маълумот ва мавқеи иҷтимоӣ дучанд мегардонад. Маълум аст, ки ҷараёни таълим муттасил аст ва он дар ҳол аз худ карда нашуда, балки он заминаи

инкишофи ояндаи ҳар як шахсро таъмин мекунад. Дар давлатҳои тараққикарда, раванди таълимот аз синни барвақт имконияти бештарро ба рушди устувори ҳар як кӯдак фароҳам меорад.

Дар замони муосир дар мамлакатҳои саноатӣ саводнокӣ ё дараҷаи маълумот дар зинаи боло меистад - ин маънои онро дорад, ки қариб тамоми шаҳрвандони ин кишварҳо маҳорати хондан ва навиштанро дар дараҷаҳои муайяни базавӣ доранд [3, с.428]. Ҷомеаи инсонӣ дар ҳоле ташаккул мeёбад, ки агар он ба дастовардҳои илму фарҳанг, одамони соҳибмаърифат, донишмандон ва шахсони ботаҷриба, пеш аз ҳама ба соҳаи маориф такя намояд. Ба ҳама маълум аст, ки соҳаи илм ва маориф дар таҳкими пояҳои сиёсии давлат нақши муассир дошта, пешрафти истеҳсолот ва соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятро таъмин менамояд.

Инсонҳо дар ҷомеаи муосир бояд дорои чунин маҳорату малакаҳо, мисли хондан, навиштан, ҳисоб кардан, ҳамчунин тасаввурот оиди муҳити физикии ҷаҳон, дар бораи ҷомеа, фаъолияти хоҷагидорӣ бошанд [16,с. 326]. Дар давраи муосири ҷомеаи иттилоотӣ нақши маориф ва масъалаҳои ба он марбут дар маркази диққати давлату ҳукумат қарор дошта, ҷиҳати ҳалли ин проблемаҳо тамоми қувваҳои пешбарандаи неруи ақлии инсон равона шудааст. Дар замони кунунӣ асоси ташаккули ҷомеа ва фардҳои алоҳида рӯ ба раванди таълимот овардани онҳо, инчунин аз худ намудани мероси ниёгон ҳамроҳ бо донишҳои навини ҷомеаи мутаммадин ба шумор меравад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои таъсисёбии худ ба масъалаи рушди соҳаи маориф ва неруҳои ақлонӣ диққати махсус дода истодааст.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ фаъолияти худро бо мақсади таҳкими ҳадафҳои аслии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – бунёди ҷомеаи мутамаддини демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ, дорои иқтисоди пешрафта, тарбияи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандии хонандагону донишҷӯён, ташаккули шахсияти онҳо, амнияти иттилоотӣ ва рушди зеҳнии ҷавонон ба роҳ монда, бахри ташкил ва танзими низоми таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, тарбияи кадрҳои илмӣ, ба манбаи асосии таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони баландсавияи дар бозори меҳнат рақобатпазир табдил додани муассисаҳои таълимию илмии кишвар ҷаҳду талош намуда истодааст [12, с.5]. Илова бар ин, барои пешрафти ин соҳа Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи лозимӣ мутобиқгардонии раванди таълиму тарбияи насли наврас ба меъёрҳои байналмилалӣ, ҳамчунин барои мутобиқ сохтани муассисаҳои таълимӣ ва муҷаҳҳазонии онҳо бо техника ва технологияҳои навин саъю кӯшиш намуда истодааст.

Дар солҳои охир пайдоиши кабинетҳои таълимии дорои технологияи иттилоотӣ ва тахтаи электронӣ, кабинетҳои фаннӣ нишонаи мактабҳои замонавӣ аст. Дар ин ҷода асбобҳои аёнӣ низ нақши муҳим мебозанд.

Омода намудани мутахассисон ва талабот ба кадрҳои баландихтисос берун аз системаи маориф ташаккул намеёбад. Чунин раванд аз ҳадафҳои умумии иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат вобаста мебошад. Дараҷаи маълумоти умумӣ ва махсус бо талаботҳои соҳаи истеҳсолот, ҳолати илм, техника ва маданият ва инчунин бо муносибатҳои иҷтимоию ҷамъиятӣ асоснок карда мешавад.

Идораи бонизоми маориф дар баланд бардоштани шароити моддӣ-маишии омӯзгорон ва умуман кормандони соҳаи маориф зоҳир мегардад, ки он, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани музди меҳнат ва барҳам додани камбизоатии онҳо вобастагӣ дорад. Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, маблағгузорӣ ба соҳаи маориф сол ба сол зиёд шуда, вазъи таълим ҳам рӯ ба беҳбудӣ ниҳода истодааст. Самти асосӣ дар шаклу усулҳои идораи маориф дар ҷумҳурӣ бояд демократикунонӣ ва нобоваста будани он ба маркази идораҳои боло бошад ва аз рӯйи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» амал намояд [9, с.99].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеи башарӣ пас аз ба даст овардани соҳибистиқлолӣ дар самти гузаронидани ислоҳот дар соҳаи маориф ва ба фазои ягонаи маорифи ҷаҳонӣ ворид гардидан як қатор санаду меъёрҳо ва қонунҳоро қабул кардааст. Ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи томактабӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин як қатор низомномаҳо дар ин бахш ба тасвиб расидаанд.

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд омадаанд, ки онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд. Сарфи назар аз мураккабиҳо ва мушкилоти замони гузариш Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятноки кишвар эълон доштааст. Дар ин муддат барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ зиёда аз 400 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ гардиданд. Дар ин давра бори сеюм аст, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" тағйироту иловаҳо ворид карда мешаванд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар боби 2 «Низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 10 «Муассисаи таълимӣ, сохтор ва намудҳои он» омадааст: Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини муассисаҳои таълимӣ фаъолият менамоянд:

- томактабӣ;
- таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ);
- таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- таҳсилоти олии касбӣ;
- таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
- таҳсилоти иловагӣ;
- таҳсилоти махсус;
- муассисаҳои таълимии дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд.

Мо дар асри XXI умр ба сар мебарем ва касе муваффақ мегардад, ки фикри равшан, зеҳни бурро, корофарӣ ва бунёдкории созанда дошта бошад. Муҳимтарин масъалаи дигари нигоҳдории соҳаи маориф неруҳои инсонӣ (мутахассисон) ба шумор меравад [10, с.17]. Агар мо соҳаи маорифро афзалиятнок номем, пас дар ин росто зарур аст, ки шароити лозимиро баҳри аз худ намудани дониш ва ҷаҳонбинии мутахассисон фароҳам орем. Ҳамин тариқ, соҳаи маориф яке аз ниҳодҳои муҳимми ҷамъиятӣ буда, иҷтимоишавии инсонро таъмин намуда, мушкилиҳои инсонро бароварда карда, орзуҳои ӯро ба воқеияти иҷтимоӣ табдил медиҳад. Дар замони кунунӣ асоси ташаккули ҷомеа ва афроди алоҳида рӯ ба раванди таҳсилот овардани онҳо, инчунин аз худ намудани мероси ниёгон ҳамроҳ бо донишҳои навини ҷомеаи мутаммадин ба шумор меравад. Маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ дар худ идеяҳо ва мақсадҳоро дар алоқамандӣ бо таҳсилот, ҳамчун ташкилот, муассисаҳои идоракунӣ, ки одамон дар ин ташкилот кор мекунанд, дар бар мегирад. Соҳаи маориф барои инкишофи шахсият ва худвоқеъгардонии ӯ ёрӣ мерасонад ва то ин замон аҳамияти муҳимми таъмини вазифаҳои зарурии ҷомеаро ба дӯши худ дорад. Ҳамчунин, рушду тавсеаи ҷомеаи муосир бе рушди соҳаи маориф имконнопазир аст.

**Муқарриз:** ***Маҳмадизода Н.Д.*** **– д.и.ф., профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Боголюбов Л.Н.: Обществознание. 11 класс: учеб, для общеобразоват. учереждений: профил. уровень / [Л.Н.Боголюбов, А.Ю.Лазебникова, А.Т.Кинкулькин и др.]. Под ред Л.Н.Боголюбова [и др.]; Рос.акад.образования, изд-во «Просвещение». -4-е изд., дораб. -М.: Просвещение, (Академический школьный учебник). –ISBN. 2010.-432с.
2. Воронина Т.П. Перспективы образования в информационном обществе/ Воронина Т.П // Философия образования. М., 1996. -199 с.
3. Гидденс Энтони: Социология /При участии К.Бердсолл. Пер.с англ.Изд. 2-е, полностью перераб. И доп. //Гидденс Энтони М.: Едиториал УРСС, 2005.-632 с.
4. Константиновский Д.Л. Молодежь и образование: Методологические вопросы и опыт социального прогнозирования на материалах социологических исследований в Новосибирске /Константиновский Д.Л.,Шубкин В.Н. -М.: Наука, 1977. - 230 с.
5. Лацис О. Трансформация гуманитарного образования в России. На пути к новой школе / О. Лацис. - М., 1995. -195с.
6. Нечаев В.Я. Новые подходы в социологии образования / В.Я Нечаев //Социс. - 1999. - №11. - 200 с.
7. Овсяников А.А. Система образования в России / А.А. Овсяников // Мир России. - 1999. -№3. - 167 с.
8. Осипов, А. М.Социология образования : учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры / А. М. Осипов. Под ред. А. М. Осипова. — М.: Издательство Юрайт, 2018. — 367 с. — (Серия : Бакалавр и магистр. Академический курс).
9. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -2019. -№5. -Қисми II.- 328 с.
10. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. Зери назари академик М.Лутфуллоев. Душанбе: Ирфон, 2012. -428 с.
11. Садовничий В.А. Университетское образование: вызов времени и выбор университета / Садовничий В.А., Белокуров В.В., Сушко В.Г., Шикин Е.В.Философия образования. -М., 1996. -190 с.
12. Саид Н. Рушди маориф ва илм дар даврони истилолияти давлатӣ. – Душанбе: Маориф, 2016.-199 с.
13. Социология образования: Учебное пособие. Под ред. Д.В. Зайцева. Саратов: Изд-во СГТУ, 2004.-300 с.
14. Филиппов Ф.Р. Социология образования / Филиппов Ф.Р. -М.: Наука, 1980. -250 с.
15. Хукс Б. Наука трансгрессировать. Образование как практика свободы / Б. Хукс // Гендерные исследования. -1999. -№2. -С.250-253.
16. Энтони Гидденс: СОЦИОЛОГИЯ /Энтони Гидденс. - Москва: УРСС, 1999 (первое издание на русском языке). -588 с.
17. ЮНЕСКО – Организация ООН в области культуры, науки и образования //(UNESCO – United Nations Education, Science and Culture Organizations).


## НАҚШИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ТАЙЁР НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ КАСБӢ ДАР СИСТЕМАИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН


Мақолаи мазкур нақши соҳаи маориф дар тайёр намудани мутахассисони касбӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки системаи маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ одамонро аз ҷиҳати зеҳнию ақлонӣ ва дараҷаи шуурнокӣ ташаккул дода, онҳоро ба ҳаёти мустақил омода месозад. Беҳуда нест, ки таҳсилот соҳаи афзалиятноки ҷамъият ба ҳисоб рафта, рушди дигар соҳаҳои иҷтимоӣ маҳз аз ин ниҳод сарчашма мегирад, бар замми оянда ҳар халқу миллат ва пойдории кишвар ба рушди соҳаи маориф вобаста аст. Инкишофи ҳаматарафаи ҷамъият ба соҳаи илм ва маориф алоқаманд аст. Ҷомеаҳои муосир бе соҳаи маориф пеш намеравад ва он омили аввалиндараҷаи ташаккули сиёсати давлат маҳсуб меёбад. Зеро соҳаи маориф яке аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ ва манбаи асосии ташаккули захираҳои инсонӣ дар кишвар ба ҳисоб рафта, мавриди таваҷҷуҳи доимии давлату ҳукумати ҳар як кишвар қарор дорад. Илова бар ин, дар шароити муосир системаи таҳсилот ҳамчун воситаи асосии пешрафти техникаву технологияи иттилоотӣ буда, барои таъмини бозори меҳнат мусоидат менамояд. Дар ҷомеаи муосир нақши соҳаи маориф ва масъалаҳои ба он марбут дар маркази диққати давлату ҳукумат қарор дошта, ҷиҳати ҳалли ин проблемаҳо чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.



**Калидвожаҳо:** соҳаи маориф, ниҳоди иҷтимоӣ, таълиму тарбия, маълумот, дониш, инкишоф, ташаккули шахсият.


**ESSENCE, FACTORS, GENERATIONAL CHARACTERISTICS AND SEPARATE PERIODS OF DEVELOPMENT IN THE FORMATION OF PERSONALITY**

In this article, the authors examined the essence, factors, age characteristics and individual periods of development in the formation of a personality. Scientific research and life experience prove that the factors of personality development and formation - biological characteristics (heredity), environment (natural and social) and upbringing are not only related to each other, but each has its own level of influence. Heredity reflects the genetic characteristics present in an individual and is the transmission of characteristics and symptoms from parents to children. The real life in which a person develops is called the environment. The family environment has a great influence on human development, especially in childhood. The authors also note that social means, primarily the family, educational institutions, and the media, play an important role in human development. However, it should be remembered that it is impossible to educate everyone in the same way. Everyone develops with a certain amount of heredity and environment. Under the influence of upbringing, a person develops mentally, spiritually, physically and aesthetically, he develops high moral qualities, including philanthropy, friendship, responsibility, responsibility, honesty, patriotism, diligence.

**Key words:** personality, social experience, ability to self-organize, interaction with the social environment, level of development, different stages of development of students' personality.

**Маълумот дар бораи муаллиф*:* *Манонова Раъно Абдурахмоновна*-** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ.**Суроға**: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 169.

***Раҳимова Гаҳхарҷон*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

**Сведение об авторах:** ***Манонова Раъно Абдурахмоновна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат педагогических наук, доцент кафедры таджикского и русского языков. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169.

***Рахимова Гавхарджон*** **-** Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей педагогики. **Адрес**:735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова,1.

**Information about the authors:** ***Manonova Rano Abdurakhmonovna*** **-** Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Tajik and Russian Languages. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni avenue, 169.

***Rakhimova Gavkhardjon*** **-** Khujand State University named after academician B. Gafurov, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of General Pedagogy. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage, 1.

УДК:372.857

# ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ ДАР РАВАНДИ ДАРСҲОИ ЛАБОРАТОРӢ-АМАЛӢ ВА СЕМИНАРИИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ

*Баротзода К.А.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Шакли дигари фаъолияти таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ мебошанд. Ин навъи машғулиятҳо дар ҷараёни омӯзиши курсҳои «Методикаи таълими биология», «Ҳалли масъалаҳои биологӣ», «Биологияи мактабӣ» ва дигар фанҳои таълимии кафедра ба таври васеъ истифода мешаванд. Машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ ба амалигардонии робитаҳои байни фанҳо, робитаи назария ва амалия, ташаккулёбии фаъолияти маърифатии донишҷӯён, ба шинос шудани онҳо бо методҳои тадқиқоти илмӣ мусоидат мекунанд.

Дар машғулиятҳои семинарӣ ба масъалаҳои таҳлилкунӣ ва хулосабарорӣ, дар дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ бошад, ба ҷанбаҳои озмоишии таълим афзалият дода мешавад. Тавре ки қаблан қайд кардем, супоришоти таълимӣ бояд ба хусусиятҳои инфродии донишҷӯён, сатҳи омодагии таълимӣ ва муҳокимаронии онҳо мувофиқат кунанд. Мавзуъҳои супоришҳоро бошад, барнома ва нақшаи таълимии фанни методикаи таълими биология муайян менамоянд. Ҳадафи пешниҳоди ин супоришот ба тавзеҳот ва мушкилоти дар илм мавҷудбуда нигаронида шудааст, на ба далелҳои маълум [1, с.2].

Яке аз ҳадафҳои фанни методикаи таълими биология мусаллаҳгардонии донишҷӯён бо малакаҳои мустақилона тарҳрезӣ кардани масъалаҳои методии дорои хусусияти тадқиқотӣ мебошад. Ин раванд хеле мураккаб аст, аммо дар натиҷаи таҳлили супоришоти пешниҳодкардаи омӯзгор, нақшаи иҷро кардани онҳо ва дастури таълимии «Тартиб додани масъалаҳои матни методӣ ва интихоби роҳи ҳалли он" амалӣ карда мешавад. Чунки дар дастури мазкур талаб карда шудааст:

-дар матни масъала роҳи ҳал ва муҳокима оид ба ҳалли имконпазири масъалаи методӣ пешниҳод карда шавад;

- якчанд намунаи варианти (ҳадди ақал ду) ҳалли ин масъала пешбинӣ карда шавад;

-хуб аст, ки ҳар як намунаи тахминии ҳалли супоришоту масъалаҳо унсурҳои ҳақиқатро дар бар гирад. Шумо набояд ҳалли комилан нодурусти мушкилотро тасаввур кунед. Намунаҳои пешниҳодшудаи ҳалли масъала бояд нуктаҳои ҳаётӣ ва илмии масъалаи баррасишавандаро инъикос намояд;

- навъи масъалаҳоро бо роҳи умумигардонӣ дар асоси шартҳои пешниҳодшуда ҳал кардан имконпазир аст;

-масъалаҳои умумикардашударо тавре тартиб додан мумкин аст, ки ҳалли онҳо тавсифоти амиқу илмӣ дошта бошад. Он гоҳ зарурати мустақилона гузаронидани тадқиқоти илмӣ ба миён меояд.

Ба сифати мисол як масъалаи таҳлилиро оид ба интихоби роҳи ҳалли он баррасӣ мекунем. Сохтори масъала дар шакли матн мураттаб гардидааст, ки муқаррароти назариявиро пешниҳод мекунад. Агар донишҷӯ бо он розӣ набошад, пас шумо бояд мавқеи худро бо далелҳо асоснок кунед.

Супориши методӣ: Гуманитаризатсияи таълими биология чӣ маъно дорад?. Ба донишҷӯён пешниҳод карда мешавад, ки мавқеи худро оид ба муқаррароти зерин баён кунанд.

**Варианти А.** Гуманитаризатсияи таълими биология бо афзудани шумораи фанҳои гуманитарӣ дар барномаи таълим алоқаманд аст.

**Варианти Б.** Гуманитаризатсияи таълими биология ҳамчун инъикоси хусусиятҳои донишҳои биологӣ дар таълим фаҳмида мешавад.

**Варианти С.** Гуманитаризатсияи таълими биология бо кам шудани шумораи фанҳои гуманитарӣ дар барномаи таълим алоқаманд аст.

**Тарзи ҳалли масъала**: интихоби пешакии вариантҳои A, B, C, ... пешгӯйи рушди таҳсилоти биологӣ аз рӯйи ин вариант (варианти А – рад кардани нақши дониш, қобилият, малака, омӯзиши мусалсали фанҳои ботаника, зоология ва ҷузъиёти мундариҷаи таълими биологияи мактабӣ; варианти В - рад кардани таъсир ба ташаккулёбии шахсият; варианти С- фаъолияти маърифати биологӣ афзалияти функсияи инкишофии таълимро муайян мекунад, яъне шароит фароҳам меорад, ки донишҷӯро ба фаъолияти эҷодӣ ташвиқ намуда, иштироки ӯро ба ин раванд таъмин намояд).

Баъдан мо ба супориши асосӣ бармегардем: «Гуманитаризатсияи таълими биология чӣ маъно дорад?» ва маълумоти дар рафти муҳокима бадастомадаро муқоиса мекунем.

Ҳамин тавр, бо ёрии супориши мазкур байни донишҳои фаннӣ ва тамоили татбиқи он дар ҷараёни таълим, байни маориф ва илм робита муқаррар карда мешавад. Ҳамин тавр, муҳокимаи нуқтаҳои тавсифоти методиро мавриди назар мегирем.

Мисоли дигари ба ин монандро баррасӣ ва таҳлил менамоем.

**Супориши методӣ.** Роҳҳои инкишофи таълими умумӣ ва тафриқавӣ кадомҳоянд? Мо маълумоти ҳангоми муҳокимаи вариантҳо бадастомадаро бо талаботи аввала муқоиса мекунем.

Ҳамин тавр, бо ёрии ин супориш байни донишҳои фаннӣ ва тамоюли татбиқи он дар ҷараёни таълим, байни маориф ва илм робита муқаррар карда мешавад. Ҳамин тавр, муҳокимаи нуқтаҳои тавсифоти методӣ мавриди назар қарор мегирад.

Мисоли дигари ба ин монандро тавсия менамоем.

**Супориши методӣ**. Роҳҳои инкишофи маълумоти миёнаи умумӣ ва дифференсиалӣ чӣ гунаанд?

**Варианти А.** Рушди минбаъда ва ташкили он дар интихоби самтҳои таҳсилоти умумӣ интихоби озодро пешбинӣ мекунад.

**Варианти Б.** Инкишофи минбаъда ва ташкили таҳсилоти миёнаи умумӣ нигоҳ доштани мактаби ягонаи маълумоти миёнаи умумиро пешбинӣ мекунад [10, с.15].

Масъала бо чунин тарз ҳал карда мешавад. Асоснок кардани мавқеи А: - шавқу ҳавас ва ташкили раванди таълими мактабӣ гуногунанд. Мавқеи В: - муҳокимаи мулоҳиза: муваффақиятҳои таълим бузург асту бе он принсипи адолати иҷтимоӣ вайрон мешавад ва тафриқаандозии иҷтимоии ҷамъият ҳавасманд мегардад.

Ҳалли чунин супоришот аз ҷониби донишҷӯён барои такмили ихтисоси онҳо муфид аст, зеро онҳо ба ташаккули фарҳанги илмӣ-методии омӯзгор нигаронида шудаанд.

Бояд гуфт, ки мазмуну муҳтавои дарсҳои тадқиқотӣ бояд аз саволу дастурҳо оид ба иҷрои расмиёти тадқиқотӣ, аз ҷумла пешниҳоди фарзия ва санҷиши он, яъне ҳалли масъалаҳои проблемавӣ, санҷиши матн иборат буда, бояд барои тарҳрезии таҷрибаи омӯзгорон ва донишомӯзон равона карда шаванд.

Ба сифати мисол супоришоти зерини методиро муоина менамоем. Ба фикри Шумо, иҷрои машқҳои якхела ба диққати хонандагони қобилияти баланди таълимидошта ва хонандагони дорои қобилияти паст ё миёнаи таълимидошта чӣ гуна таъсир мерасонад? Фарзияҳои худро дар шакли далел баён намоед: «...агар, ... пас ...» Барои гузаронидани озмоиш фарзияҳои пешниҳодкардаатонро истифода баред. Фарзияҳои шумо нисбат ба натиҷаҳои озмоишҳое, ки дар асоси онҳо гузаронида шудааст, то кадом андоза дуруст буда метавонанд?

Ба фикри шумо, агар дар кори мустақилонаи кӯтоҳмуддат (5-7 дақиқа) 3-4 супориш барои иҷрои як амал ва супориши панҷум барои амали дигар дохил

карда шавад, оё хонандагон ба хатогиҳо роҳ медиҳанд? Фарзияҳои худро дар шакли далел баён кунед: «...агар, ... пас ...» Барои гузаронидани озмоиш фарзияҳои пешниҳодкардаатонро истифода баред. Санҷед, ки хонандагони синфи шумо чӣ қадар хато мекунанд.

Дар семинарҳо донишомӯзон нуқтаҳои назари гуногунро аз рӯйи мушкилоти баррасишаванда таҳлил мекунанд, дар асоси назария ва озмоиш муайян кардани мавқеи худро ёд мегиранд. Бар замми ин, дар рафти мубоҳиса такрори маводи назариявӣ сурат гирифта, масоили нави назариявӣ оид ба мавзуи мушаххас омӯхта мешавад. Инчунин, донишҷӯён дар шакли конспект, тезисҳо, нақшаи муфассал ё баррасии хаттӣ донишҳои худро санҷида, ба онҳо баҳо медиҳанд. Бинобар ин, шаклҳои гузаронидани семинарҳо бо назардошти ҷиҳатҳои тадқиқотии назария ва методикаи таълими биология гуногун буда метавонанд.

Мақсади асосии семинар ба донишҷӯён додани имконияти аз худ намудани малака ва маҳоратҳои истифодаи донишҳои назариявӣ вобаста ба фаъолияти методии омӯзгори биология мебошад.

**Шаклҳои гузарондани семинар** чунин буда метавонанд, ки баъзе аз онҳоро баррасӣ намудан мумкин аст:

**Семинар-лоиҳа -** таҳия ва муаррифии натиҷаҳои тадқиқот аз ҷониби донишҷӯён бо супориши омӯзгор ташкилу баргузор мешавад. Тадқиқотро ҳар як донишҷӯ ё гурӯҳи донишҷӯён мустақилона анҷом медиҳанд. Донишҷӯёни аълохону фаъол ба донишҷӯёни камфаъолияту сустхон якҷоя фаъолият менамоянд. Омӯзиш дар гурӯҳҳое сурат мегирад, ки бо қарори омӯзгор ё бо интихоби шахсии донишҷӯён ташкил карда мешавад.

**Семинар – суҳбат-**муҳокима оид ба масъалаҳое, ки омӯзгор барои дарс пешниҳод кардааст.

**Семинар – конференсия.** Барои дарс 2 реферат омода карда мешавад, ки якдигарро пурра мекунанд ё нуқтаи назари гуногунро оид ба мушкилоти методие, ки аз рӯйи он муҳокима сурат мегирад, инъикос мекунанд.

**Семинар – мубоҳиса** – ҳамаи донишҷӯён аз рӯйи мушкилоти ба онҳо пешниҳодшуда реферат менависанду дар синфхона онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

**Семинар — хониши тафсирӣ** — донишҷӯён дар хона ҳуҷҷатҳо, стандартҳову барномаҳои таълимӣ, адабиёти методиро меомӯзанд, ки дар онҳо масъалаҳои методикаи таълими биология баррасӣ гардидаанд. Дар семинар ин масъалаҳо муҳокима карда мешавад.

**Семинар – «устохона»** - дар синфхона донишҷӯён ба гурӯҳҳо тақсим карда мешаванд ва ба муҳокимаи онҳо саволҳо, масъалаҳои тавсифоти тадқиқотидошта пешниҳод карда мешаванд. Дар семинар ҳалли якҷояи онҳо ба роҳ мешавад.

Мувофиқи нақшаҳои таълимии нав дар низоми таҳсилоти кредитӣ аз ҳамаи фанҳо кам шудани соатҳои дарсӣ боиси зиёд шудани кори мустақилонаи донишҷӯён, аз ҷумла дар назарияи методикаи таълими биология гардидааст. Аз ин рӯ, ҳангоми тайёрӣ ба машғулияти семинарӣ иҷрои на танҳо супоришоти назариявӣ ва омӯхтани адабиёти методӣ, балки иҷрои супоришоти амалӣ ва ҳалли масоили тадқиқотиро низ таъмин кардан лозим аст.

Бояд гуфт, ки ба донишҷӯён бо назардошти сифатҳои фаъолияти тадқиқотӣ, малакаву маҳоратҳои амалӣ ва омодагии худро ба иҷрои супоришоти мушкилиашон гуногун нишон дода метавонад. Масалан, ҳангоми омӯхтани мавзуи «Фанни методикаи таълими биология» ба донишҷӯён баъзе супоришҳои методиро аз рӯйи сатҳи фаъолият ба таври зайл тақсим кардан мумкин аст.

**Сатҳи А**

1. Мақсадҳои таълими биологияро номбар кунед ва робитаи байни онҳоро тавсиф намоед.

2. Дар асоси барномаи таълими биология аҳамияти омӯзиши биологияро муайян кунед.

3. Мақсад ва мазмуни асосии таълими биологияро дар: а) синфҳои 5-6; б) синфҳои 7-9; в) синфҳои 10-11 шарҳ диҳед

**Сатҳи В**

Мавзуъ: Таҳлили робитаи методикаи таълими биология бо илмҳои дигар.

Ғояи асосиро, ки мазмуни таълими биологияро муайян мекунад, тавсиф кунед.

Доир ба исботи татбиқи қонунҳои фалсафӣ дар таълими биология мисолҳо оред.

Барномаи таълимии нави фанни биологияро барои синфҳои равияҳои гуногуни таҳсилот таҳлил намоед.

**Сатҳи С**

Самтҳои асосии инкишофи таълими биологияро дар МТМУ-и хориҷӣ тасниф кунед.

Натиҷаҳои ислоҳоти таълими биологияро дар МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсифу арзёбӣ намоед.

Давраҳои ташаккулёбии фанни методикаи таълими биологияро ҳамчун соҳаи мустақили илм нишон диҳед.

Як қатор масъалаҳои методие, ки ҳангоми омӯзиши мавзуи «Ташаккул додани мафҳумҳои биологӣ» аз рӯйи сатҳи фаъолият ҳал карда мешаванд, чӣ тавр сатҳбандӣ кардан мумкин аст?

**Сатҳи А**

Ба кадоме аз шаклҳои зайл мансуб будани таърифи курси биологияи мактабиро муқаррар намоед: а) бо усулҳои «тавассути тафовути ҷинс ва намудҳои наздиктарин» ; б) генетикӣ; в) индуктивӣ; г) дедуктивӣ.

Аз китобҳои дарсии биологияи МТМУ таърифҳои зиёдатӣ пайдо кунед ва онҳоро чунон тағйир диҳед, ки ба ҳамдигар монанд набошанд.

Якчанд таърифи ҳуҷайраро пешниҳод намоед.

мафҳумҳои намуд, тип, зертип, синф, қатор, авлодро шарҳ диҳед.

**Сатҳи В**

Таҳлили хатоҳои маъмултарини донишҷӯён ҳангоми таҳияи таърифҳо; а) нодуруст нишон додани мафҳумҳои умумӣ; б) дохил намудани хосиятҳои аз ҷиҳати мантиқӣ вобаста; в) даст кашидан аз мафҳумҳои умумӣ; г) доира, ки тавтологияро ба вуҷуд меорад.

Шартҳои бартараф кардани ин гуна хатоҳо кадомҳоянд?

Мафҳумҳои зеринро тасниф кунед: а) навъ; б) намуд.

**Сатҳи С**

Нақшаҳоро, ки дар ташаккулёбии мафҳумҳои алоҳида ва маҷмуи онҳо истифода мешаванд- «аз кулл ба ҷузъ» ва аз «ҷузъ ба кулл»-ро аз нуктаи назари таъсирнокӣ ва имкониятaшон ба инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон таҳлил кунед. Аз курси биологияи МТМУ мисолҳо оред.

Китобҳои дарсии ботаника барои синфҳои 5-6-ро бо мақсади ташаккул додани малакаҳои зарурии хонандагон таҳлил кунед.

Мисолҳоеро оред, ки ҳалли онҳо ба ташаккулёбии маҳорати хонандагон доир ба гурӯҳбандии мафҳумҳо аз рӯйи мавзуъҳо мусоидат мекунанд: а) сохти ҳуҷайра; б) реша ва сохти он.

Мафҳумҳои ҳар як мавзуи интихобшудаи фанни биологияи мактабиро аз китоби Маҳмадзиёев А., Султонов С., Савлатов С., Ғиёсов Т. (синфҳои 10-11) таҳлил кунед. Доир ба хатоҳое, ки дар мафҳумҳо ба амал омадаанд, мисолҳо оред.

Омӯзгор метавонад чунин супоришҳоро мустақилона тартиб диҳад ё маводи додашударо аз рӯйи сатҳҳо тақсим намояд ва ҳамзамон имкониятҳои инфиродии донишҷӯёнро ба назар гирад.

Мо як қатор супоришотро барои ҳалли корҳои мустақилона пешниҳод мекунем, ки ба ташаккулёбии малакаю маҳоратҳои тадқиқотии донишҷӯёни донишгоҳи омӯзгорӣ нигаронида шудаанд. Ин супоришотро дар он шакле, ки пешниҳод шудаанд, ба сатҳи эҷодии фаъолияти тадқиқотӣ мутобиқ намудан мумкин аст, аммо тавассути тағйир додани баъзе маълумот, бартараф кардани талаботи иловагӣ, метавон супоришотро ба сатҳи конструктивӣ ё ҳатто репродуктивии фаъолияти тадқиқотӣ коҳиш дод [5, с.8].

**Супориши 1**. Китобҳои дарсии биологияро таҳлил кунед ва як ё ду муаммоии илмиеро, ки дар курси МТМУ муҳокима мешаванд, нишон диҳед. Мантиқи ифшои мушкилотро дар шакли нақша пешниҳод намоед.

**Супориши 2.** Дар назария ва методикаи таълими биология як қатор масъалаҳое мавҷуданд, ки ҳалли онҳо дар тайёрии методии омӯзгорони биология аҳамияти муҳим доранд. Масалан, сохтори маводи таълим, идоракунии раванди таълим, баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагон ва ғайра. Рӯйхати масъалаҳои шабеҳи методикаи таълими биологияро, ки барои омӯзиши самарабахши ин ё он мавзуъ заруранд, идома дода, роҳҳои ҳалли яке аз онҳоро пешниҳод намоед.

**Супориши 3.** Методҳоеро номбар кунед, ки барои муҳокимаи мафҳумҳо дар дарсҳои биология аз онҳо истифода намудан мумкин аст. Аз китоби дарсии биология мафҳумҳоеро мисол оред, ки барои омӯзиши онҳо вазъияти проблемавӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

**Супориши 4.** Ду ё се мавзуи биологияи МТМУ-ро интихоб намуда, ҳадафи омӯзиши онҳоро муайян кунед. Нишон диҳед, ки донишомӯзон ҳангоми омӯхтани ин мавзуъҳо чӣ гуна донишҳоро аз худ мекунанд ва кадом фаъолияти маърифатиро иҷро менамоянд.

**Супориши 5.** Доир ба мавзуъҳои мушаххаси барномаи таълим аз фанни биология, ки дар МТМУ омӯхта мешаванд, се-чор варианти саволҳои тестӣ тартиб диҳед. Нақш ва аҳамияти дар раванди таълим ҷорӣ намудани супоришоти тестиро шарҳ диҳед. Муайян кунед, ки хонандагон аз истифодаи супориши тестӣ кадом донишҳоро мегиранд ва барои рушди онҳо кадом мушкилот ба миён меояд ва боиси муҳокима мегарданд. Ҷадвалро пур кунед.

| Мавзуи барномаи таълим | Муаммои илмӣ | Вазифаҳои таълимӣ | Вазифаҳои инкишофдиҳӣ |
|---|---|---|---|
| | | | |

**Супориши 6.** Мантиқи муҳокимаи масъалаи илмиро тибқи далелҳои дар биология маълум ва муқаррароти назариявӣ пайгирӣ кунед, ҷадвали таҳлили масъаларо пур кунед.

| Муаммои илмӣ | Маҷмуи саволҳо | Хулосаҳо аз муҳокима | Хулосаҳои умумӣ |
|---|---|---|---|
| | | | |

**Супориши 7.** Дар масъалаҳои тадқиқотӣ саволҳо тавре пешниҳод карда мешаванд, ки ҷавоби онҳо вобаста ба шароитҳои имконпазир вариантҳои гуногун дошта бошад. Савол дар шакли тахминии «Агар ин тавр бошад, пас изҳорот дуруст мешавад ...»; «Агар шарт тағйир дода шавад, пас ...» пешниҳод карда мешавад. Мавзуъҳоро аз китоби дарсии биология интихоб намуда, онҳоро ислоҳ кунед, то ки тавсифоти проблемавӣ ва тадқиқотӣ дошта бошанд. Ҷадвалро пур кунед.

| Мавзуъ аз китоби дарсии биология | Тартиб додани масъала | Тартиб додани масъала дар шакли мушкилот |
|---|---|---|
| | | |

**Супориши 8.** Супоришҳои тавсифоти тадқиқотидошта барои ҳавасмандии эҷодии омӯзиши биология ва ташаккул додани фаъолияти маърифатии хонандагон заруранд. Дар асоси мавзуъҳои биологияи МТМУ супоришоти тавсифоти проблемавию тадқиқотидоштаро тартиб диҳед. Ҷадвалро пур кунед.

| Мавзуъ аз биология | Супоришоти тавсифоти тадқиқотидошта |
|---|---|
| | |

**Супориши 9.** Матни китоби дарсии биологияро, ки дар бораи бозёфтҳои илмӣ нақл мекунад, ҷудо карда таҳлил кунед. Сохтори муаррифии онро ҳамчун супориши тадқиқотӣ пешниҳод намоед.

**Супориши 10.** Яке аз бобҳои китоби дарси биологияро бо мақсади ошкор сохтани мафҳуми нави биологӣ таҳрир намоед. Нақшаи мавзуъро тартиб диҳед.

**Супориши 11.** Аз фанни ботаникаи мактабӣ якчанд навъи тестҳоро интихоб карда, онҳоро шарҳ диҳед. Варианти оптималии супоришоти додашударо интихоб карда, ба хонандагон пешкаш намоед.

**Супориши 12.** Ду-се мавзуи биологияи мактабиро интихоб карда, барои омӯзиши онҳо фарзия эҷод намоед ва онҳоро дар асоси далелҳои назариявӣ ё озмоишӣ исбот ё рад кунед. Ҷадвалро пур намоед.

| Фарзия | Ҳалли фарзия | Асосноккунӣ | Озмоиш |
|---|---|---|---|
| | | | |

**Супориши 13.** Барои ҳалли муаммоҳои сикли фанҳои табиатшиносӣ методистон ақидаҳо пешниҳод мекунанд, ки онҳоро амалӣ намуда, ба ҳалли муаммо ноил мегардем. Барои таҳияи як масъалаи мураккаб супоришҳое пешниҳод мегарданд, ки ба мазмуни он тааллуқ доранд. Чунин муаммоҳо пешниҳод намоед, ки ҳалли он ба натиҷаҳои ҳалли ду ё зиёда масъалаи мушаххас асос ёфтааст.

**Супориши 14.** Аз китобҳои дарсии биологияи МТМУ матнеро пайдо кунед, ки он дар ҷанбаи тадқиқотии мушкилот таҳия карда шудааст. Онро таҳлил карда, натиҷаҳоро ба ҷадвал дохил намоед.

| Матн аз китоби дарсӣ | Фарзия | Муҳокима | Натиҷаҳо |
|---|---|---|---|
| | | | |

**Супориши 15.** Кӯшиш намуда, матни китоби дарсии биологияро тавре тағйир диҳед, ки омӯзиши масъала дар шакли проблемавӣ пешниҳод гардад . Ҷадвалро пур кунед.

| Порча аз матни китоби дарсӣ | Тағйироти проблемавии матн |
|---|---|
| | |

**Супориши 16.** Аз маводи таълимии биологияи синфҳои 5-11 барои омӯзиши маводи нав саволҳои проблемавӣ тартиб диҳед.

**Супориши 17.** Аз рӯйи яке аз мавзуъҳои курси биологияи МТМУ ба хонандагон иҷрои вазифаи хонагии интегратсионӣ пешниҳод намоед.

**Супориши 18**. Нақшаи конспекти яке аз мавзуъҳои биология дар синфҳои 5-11-ро бо назардошти татбиқи таълими тафриқа тартиб диҳед.

**Супориши 19.** Намунаи сохтори модули як дарсро барои яке аз мавзуъҳои фанни биология барои синфҳои 5-11 таҳия намоед.

**Супориши 20.** Варианти супоришҳои гуногунро барои назорати сатҳи дониши хонандагон доир ба яке аз мавзуъҳои фанни биология дар синфҳои 5-11-ум омода намоед.

Ҳамин тариқ, барои ташаккулёбии малакаҳои тадқиқотии донишҷӯён дар семинарҳо оид ба назария ва методикаи таълими биология барои пешниҳод намудани маҷмуи супоришҳо муҳим аст, ки онҳо рушди малакаҳои тадқиқотӣ:

таҳлилкунӣ, умумигардонӣ, озмоишгардонӣ ва хулосабарориро таъмин менамоянд. Супоришоти тавсифоти умумигардонӣ ва таҳлилкунӣ асосан ҳалли масъалаҳои биологӣ, иҷрои супоришҳо оид ба тавсифи таъсири омӯзгор ба хонандагон, нақшаҳои таснифоти рустаниҳову ҳайвонот ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Дараҷаи иҷрои супоришҳо қобилияти таълимии донишҷӯёнро муайян мекунад ва минбаъд онҳо мустақилона бо хоҳиши худ онҳоро иҷро мекунанд. Барои инкишоф додани малакаҳои муоширати илмии омӯзгорони оянда аз шаклҳои гуногуни гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Шакли маъмул ва самарабахши омода намудани омӯзгорони биология иҷро намудани корҳои лабораторӣ мебошад, ки шакли афзалиятноки омӯзиши методикаи таълими биология ҳисобида мешавад. Аҳамияти махсуси ин корҳо дар он аст, ки мавриди иҷрои онҳо донишҷӯён гузаронидани мушоҳида, тадқиқот, озмоиш, кор бо таҷҳизот, ҳисобкуниҳо, тартиб додани нақша, диаграмма, график, расм, ҷадвал, модул ва ғайраҳоро меомӯзанд.

Корҳои лабораторӣ дар донишҷӯён ҷаҳонбинии илмӣ, ташаббускорӣ ва мустақилиятро ташаккул медиҳанд. Корҳои лабораторӣ оид ба назария ва методикаи таълими биология барои ташаккулёбии малакаву маҳоратҳои тадқиқотии донишҷӯён имкониятҳои калон доранд. Дар дарсҳои лабораторӣ донишҷӯён бо методҳои ташкилу гузаронидани мушоҳида ва кори озмоишӣ, усулҳои коркарди маълумоти бадастомада шинос мешаванд, яъне имкон доранд, ки малакаҳои таҷрибавии худро ташаккул диҳанд. Дар дарсҳои лабораторӣ дараҷаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии донишҷӯёнро низ муайян кардан мумкин аст, вале дар баъзе мавридҳо хулоса баровардан душвор аст. Дар ҷараёни машғулиятҳои лабораторӣ татбиқи маҷмуии малакаву маҳоратҳои тадқиқотӣ сурат мегирад.

Барои мисол кори лабораторӣи №1-ро таҳлил менамоем, ки онро шартан ба дараҷаи репродуктивии фаъолияти тадқиқотӣ нисбат додан мумкин аст, зеро супоришҳо аз рӯйи амсилаи дар кор овардашуда иҷро карда мешаванд.

**Мавзуъ.** Тартиб додани супоришҳои тестӣ.

**Ҳадаф.** Шинос шудан ба навъҳои гуногуни супоришҳои тестӣ, тарзи тартиб додани супоришҳои тестӣ.

**Воситаҳои ёрирасон**. Маҷмуи китобҳои дарсӣ, китоби ҳалли масъалаҳои биологӣ, маводи дидактикӣ аз фанни биология барои синфҳои 5-11.

**Қисми назариявӣ.** Бо сабаби ба тарзи тестӣ гузаштани имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз фанҳои курси мактабӣ зарурати ба хонандагон омӯзонидани тарзҳои иҷрои супоришҳои тестӣ ба миён меояд. Дар маводи додашудаи китобҳои дарсии биология чунин машқҳо мавҷуданд, вале хело кам. Ин омӯзгоронро водор месозад, ки аз адабиёти иловагии методӣ истифода бурда, чунин супоришҳоро мустақилона тартиб диҳанд. Вобаста ба ин, зарурати ташаккул додани малакаву маҳоратҳои омода намудани супоришҳои тестӣ дар омӯзгорони ояндаи биология ба миён омадааст.

Дар адабиёти методӣ ду шакли супоришҳои тестӣ ҷудо карда мешаванд: супоришҳо барои бо шакли озоди ҷавоб (тестҳои кушода) ва супоришҳо барои интихоби ҷавоб (тестҳои пӯшида).

Намунаи тестҳои кушода:

**1. Кадоме аз ин рустаниҳо ба рустаниҳои бегул мансубанд?**

A) сарахсшаклон, обсабз, ушна;
B) себ, санавбар, зардолу;
C) ушна, садбарг, олу;
D) арча, секвоя, шафтолу.

**2. Кадом гулҳоро гулҳои тоқа меноманд?**

A) гулҳое, ки дар гулпоя яктоӣ ҷойгиранд;

B) гулҳое, ки дар гулпоя дутоӣ ҷойгиранд;
C) гулҳое, ки умри кам мебинанд;
D) гулҳое, ки дар гулпоя гурӯҳ-гурӯҳ ҷойгиранд.

**3.Тӯдагул чист?**

A) гулҳое, ки гурӯҳ-гурӯҳ ҷойгиранд;
B) гулҳое, ки думчаи гул надоранд;
C) гулҳое, ки тоқа-тоқа ҷойгиранд;
D) гулҳое, ки дар гулпоя яктогӣ ҷойгиранд;

**4. Рустаниҳоро вобаста ба намуди мева мувофиқа намоед:**

A) турб; 1) мағзакмева;
B) ҷуворимакка; 2) ғилофак;
C) пахта; 3) кӯсак;
D) лӯбиё; 4) ғӯза;
5) дон.

| Ҷ авоб | | | | |
|---|---|---|---|---|
| A | | | | |
| B | | | | |
| C | | | | |
| D | | | | |

**5.Узвҳои рустаниҳои гулдорро аз рӯйи расм бо як тартиби муайян мувофиқа намоед?**




A) барг;
B) гул;
C) реша;
D) поя;
E) тухм.

| Ҷа воб | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

6. **Муносибати мутақобилаи организмҳоро аз рӯйи ғизо мувофиқа намоед:**

1. Парандаҳо ва зебра A) мутуализм
2. Гулсанг B) симбиоз
3. Эпифитҳо C) паразитӣ
4. Шабушк D) комменсализм
5. Ҳазорпо ва калтакалос

7. Полидактилия ҳамчун аломати доминантӣ ба мерос мегузарад. Эҳтимолияти таваллудшавии фарзандони полидактилияро (бо фоиз) дар оилаи волидони гетерозиготӣ муайян намоед.

A) 10%;
B) 25%;
C) 50%;
D) 75%;
E) 100%.

8. Норасоии витаминҳоро ба пайдоиши бемориҳои организм мувофиқат намоед:

A) синга 1) A
B) шабкурӣ 2) C
C) камхунӣ 3) $B_6$
D) касалии пӯст 4) $B_{12}$
5)D

9. Зимни худ ба худ гардолудкунии нахӯдҳои фенотипан якхелаи тухмашон зарди ҳамвор дар насл 50 фоизи нахӯдҳо зарди ҳамвор, 20 фоиз зарди чиндор, 18 фоиз сабзи ҳамвор, 6 фоиз сабзи чиндор ба даст оварда шуд. Фоизи фенотипи волидайнро муайян намоед.

A) 1:2:1;
B) 3:1;
C) 9:3:3:1;
D) 13:3;
E) 9:3:4.

10. Духтари чашмкабуди ростдаст, ки падараш чапдаст буд ба писари мешчашми чапдаст, ки хешу табораш мешчашм аст, хонадор шуд. Агар аломатҳои

мешчашми ростдаст нисбат ба кабудчашми чапдаст доминант бошад, фоизи фенотипи насли якум чӣ гуна мешавад?

A) 25%:75% ;

B) 50%:50%;

C) 25%:25%:25%:25%;

D) 25%:50%:25%.

11. Мувофиқи ҳисоби олимон ба организми инсон дар як шабонарӯз тақрибан $10^{-3}$г йод зарур аст. Ин ба ҳисоби йодиди калий чанд грамм мешавад?

A) 0,9*$10^{-4}$ г**;**

B) 1,9*$10^{-4}$ г;

C) 2,9*$10^{-4}$ г;

D) 4,9*$10^{-4}$ г;

E) 3,9*$10^{-4}$ г.

Барои иҷро кардани тестҳои кушода вақти бештар лозим буда, тестҳои пӯшидаро тахмин кардан мумкин аст. Вобаста ба ин дар кори санҷишӣ баҳисобгирии миқдори ин шакли тестҳо зарур аст.

**Равиши кор.** Барои шинос шудан бо мазмуни мавзуъ ва интихоби тест мувофиқи китобҳои дарсӣ бо омӯзгор мувофиқа карда мешавад.

Маводи назариявиро конспект кунед.

Супоришеро эҷод кунед, ки аз 20 тести навъи кушода (панҷ супориши тестӣ аз ҳар як навъ) ва 10 тест (панҷ тест аз ҳар як навъ) иборат бошад.

Ҷавоби ҳамаи тестҳои таҳияшударо пешниҳод кунед.

Дар бораи иҷрои кор ба омӯзгор ҳисобот диҳед.

Рӯйхати супоришҳои тестиро барои мавзуъҳои ҳуҷайра, таърихи омӯзиши ҳаёт, мубодилаи моддаҳо, қонунҳои Мендел, тағйирпазирӣ, ирсият ва ғайраҳо пешниҳод намоед.

Ташкили машғулиятҳои лабораторӣ аз назария ва методикаи таълими биология имкон медиҳад, ки маҳорати таҷрибавии омӯзгори ояндаи биология ташаккул ёбад. Дар ҷараёни дарс методҳои фаъолияти тадқиқотӣ аз худ карда мешаванд, ҷустуҷӯи амалиёти мусоиде, ки ҳадафҳои гузошташударо амалӣ мегардонанд, сурат мегирад. Шаклҳои корҳои лабораторӣ гуногун буда метавонанд: ҷавоб додан ба саволҳо, иҷро кардани супоришҳои омодакардаи омӯзгор, бозии дидактикӣ, озмоишҳои педагогӣ ва психологӣ. Озмоиш педагогӣ ва психологӣ махсусан барои тайёрӣ ба таҷрибаи педагогӣ муфид аст, зеро иҷрои он одӣ буда, имкон медиҳад, ки ҳамаи донишҷӯён ҷалб карда шаванд, фаъолияти методии омӯзгори ояндаи биологияро намунавӣ гардонад ва бо ҳамин ба ташаккулёбии малакаву маҳоратҳои тадқиқотии донишҷӯён мусоидат мекунад.

**Муқарриз: Умаров У.- н.и.п., дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Бусыгин А.Г. Постановка вузовской лекции и оценка ее качества: научно-методическое пособие для преподавателей вузов и заведующих каферами / А.Г. Бусыгин, Т.А. Бусыгина. – Самара: Изд-во СГПУ, 2005. -25 с.
2. Баротзода К.А. Дидактические основы профессиональной подготовки будущих учителей к ведению самостоятельной работы по методике преподавания биологии // Вестник Таджикского национального университета. -2021. -№3. -С. 236-244.
3. Вербицкий А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход / А.А. Вербицкий. – М.: Высшая школа, 1991. - 207 с.
4. Виленский М.Я. Технологии профессионально-ориентированного обучения в высшей школе /М.Я. Виленский, П.И. Образцов, А.И. Уман. – М., 2005. – 192 с.
5. Гарунов М.Г. Пидкасистый. Самостоятельная работа студентов / М.Г. Гарунов. - М.: Знание, 1978.
6. Гершунский Б.С. Методологическое знание в педагогике / Б.С.Гершунский, Н.Д. Никандров. – М.: Педагогика, 1986. – 110 с.
7. Горбашов В.Л. Научное познание (методы, формы, подходы) / В.Л.Горбашов, П.А. Романов. – Йошкор-ола: Мар. ГУ, 1995. – 81 с.
8. Горелова Г.Г. Педагогические условия подготовки студентов к творческой профессионально-педагогической деятельности во внеаудиторной исследовательской работе: Автореф. дисс. канд. пед. наук / Г.Г. Горелова. - Челябинск, 1983. – 23 с.

9. Доблаев Л.П. Смысловая структура учебного текста и проблемы его понимания / Л.П. Доблаев. - М.: Просвещение, 1987.
10. Еремкин А.И. Система межпредметных связей в высшей школе (Аспект подготовки учителя) / А.И. Еремкин. – Харьков: Изд-во при Харьковском гос. ун-те изд. объединения «Вища школа», 1984. – 152 с.
11. Загвязинский В.И. Методология и методика дидактического исследования / В.И. Загвязинский. – М.: Педагогика, 1982. – 160 с.
12. Никитина Е.Ю. Формирование готовности студентов педагогического вуза к научно-исследовательской деятельности средствами проблемного обучения: дис. … канд. пед. наук / Е.Ю. Никитина.- Новокузнецк, 2007. – 198 с.
13. Нугмонов М. Системное представление методической подготовки будущего учителя математики в педвузе / М.Нугмонов //Профессиональная подготовка учителя математики средней школы: Тезисы докл. – Душанбе: ДГПУ, 1994. – С. 41-44.
14. Свиридова В.С. Научно-исследовательская работа студентов педагогического колледжа как средство формирования их готовности к педагогической деятельности /В.С. Свиридова: дисс. … канд. пед. наук. -Кемерово, 2002. – 226 с.
15. Сауров Ю.А. Основы методологии методики обучения физике дисс. д-ра. пед. наук / Ю.А. Сауров. – М., 2003. – 346 с.
16. Шахматова Р.Р. Методическая подготовка будущего учителя (из опыта студентов в процессе педпрактики). Автореф. дисс. … канд / Р.Р. Шахматова. – Омск, 2003. – 22 с.

## ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ ДАР РАВАНДИ ДАРСҲОИ ЛАБОРАТОРӢ-АМАЛӢ ВА СЕМИНАРИИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ

Шакли дигари фаъолияти таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ мебошанд. Ин навъи машғулиятҳо дар ҷараёни омӯзиши курсҳои «Методикаи таълими биология», «Ҳалли масъалаҳои биологӣ», «Биологияи мактабӣ» ва дигар фанҳои таълимии кафедра ба таври васеъ истифода мешаванд. Машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ ба амалигардонии робитаҳои байни фанҳо, робитаи назария ва амалия, ташаккулёбии фаъолияти маърифатии донишҷӯён, ба шинос шудани онҳо бо методҳои тадқиқоти илмӣ мусоидат мекунанд. Дар машғулиятҳои семинарӣ ба масъалаҳои таҳлилкунӣ ва хулосабарорӣ, дар дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ бошад, ба ҷанбаҳои озмоишии таълим афзалият дода мешавад. Тавре ки қаблан қайд кардем, супоришоти таълимӣ бояд ба хусусиятҳои инфродии донишҷӯён, сатҳи омодагии таълимӣ ва муҳокимаронии онҳо мувофиқат кунанд. Мавзуъҳои супоришҳоро бошад, барнома ва нақшаи таълимии фанни методикаи таълими биология муайян менамоянд. Ҳадафи пешниҳоди ин супоришот ба тавзеҳот ва мушкилоти дар илм мавҷудбуда нигаронида шудааст, на ба далелҳои маълум. Корҳои лабораторӣ дар донишҷӯён ҷаҳонбинии илмӣ, ташаббускорӣ ва мустақилиятро ташаккул медиҳанд. Корҳои лабораторӣ оид ба назария ва методикаи таълими биология барои ташаккулёбии малакаву маҳоратҳои тадқиқотии донишҷӯён имкониятҳои калон доранд. Дар дарсҳои лабораторӣ донишҷӯён бо методҳои ташкилу гузаронидани мушоҳида ва кори озмоишӣ, усулҳои коркарди маълумоти бадастомада шинос мешаванд, яъне имкон доранд, ки малакаҳои таҷрибавии худро ташаккул диҳанд. Дар дарсҳои лабораторӣ дараҷаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии донишҷӯёнро низ муайян кардан мумкин аст, вале дар баъзе мавридҳо хулоса баровардан душвор аст. Дар ҷараёни машғулиятҳои лабораторӣ татбиқи маҷмуии малакаву маҳоратҳои тадқиқотӣ сурат мегирад.

**Калидвожаҳо:** машғулиятҳои лабораторӣ, семинарҳо, методикаи таълими биология, робитаи байнифаннӣ, супоришҳо, гуманитаризатсия, корҳои мустақилона, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, китобҳои дарсӣ, супоришот.

## ФОРМИРОВАНИЕ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ПРОЦЕССЕ ЛАБОРАТОРНО-ПРАКТИЧЕСКИХ И СЕМИНАРСКИХ ЗАНЯТИЙ ПО МЕТОДИКЕ ОБУЧИНИЯ БИОЛОГИИ

Одной формой учебной деятельности академического типа являются лабораторно-практические занятия. Данная технология применяется активно в курсе изучения дисциплин «Методика обучения биологии», «Решение задачи по биологии», «Общая биология». Лабораторно-практические занятия способствуют осуществлению межпредметных связей, связи теории с практикой, развитию мыслительно-познавательной активности студентов, приобщению их к методам научного исследования. На семинарских занятиях предпочтение отдается синтетическим и аналитическим задачам, на лабораторных занятиях и педагогической практике–экспериментальным. Учебные задачи должны соответствовать индивидуальным особенностям обучающихся, уровню их образовательной и процессуальной подготовленности. Тематика задач определяется учебной программой по теории и методике обучения биологии. Целевая установка данных задач ориентирована на имеющиеся в науке объяснения и аргументы.Лабораторная работа у студентов развивает научный кругозор, инициативу и самостоятельность. Лабораторная работа по теории и методике обучения биологии имеет большой потенциал для развития у студентов исследовательских навыков. На лабораторных занятиях студенты знакомятся с методами организации наблюдения и экспериментальной работы, методами обработки полученных данных, то есть имеют возможность отработать свои практические навыки. На лабораторных занятиях можно определить уровень исследовательской активности студентов, но в ряде

случаев сделать выводы затруднительно. В ходе лабораторных занятий осуществляется комплексное применение исследовательских навыков.

**Ключевые слова**: лабораторные занятия, семинары, методика обучения биологии, межпредметная связь, задания, гуманитаризация, самостоятельная работа, средние общеобразовательные школы, учебники, задания.

## FORMATION OF RESEARCH ACTIVITY IN THE PROCESS OF LABORATORY PRACTICAL AND SEMINAR CLASSES IN THE SUBJECTS OF TEACHING METHODOLOGY BIOLOGY

One form of educational activity of the academic type is laboratory and practical classes. This technology is actively used in the course of studying the disciplines "Methods of teaching biology", "Problem solving in biology", "General biology". Laboratory and practical classes contribute to the implementation of interdisciplinary connections, the connection of theory with practice, the development of the mental and cognitive activity of students, their familiarization with the methods of scientific research.In seminars, preference is given to synthetic and analytical problems, in laboratory classes and pedagogical practice, experimental ones. As we have already noted, learning tasks should correspond to the individual characteristics of students, the level of their educational and procedural preparedness. The topics of the tasks are determined by the curriculum on the theory and methodology of teaching biology. The target setting of these tasks is focused on the explanations and arguments available in science, and not on the known ones.Laboratory work in students develops a scientific outlook, initiative and independence. Laboratory work on the theory and methodology of teaching biology has great potential for developing students' research skills. In laboratory classes, students get acquainted with the methods of organizing observation and experimental work, methods of processing the data obtained, that is, they have the opportunity to work out their practical skills.In laboratory classes, it is possible to determine the level of research activity of students, but in some cases it is difficult to draw conclusions. In the course of laboratory classes, a comprehensive application of research skills is carried out

**Key words:** laboratory classes, seminars, methods of teaching biology, interdisciplinary communication, assignments, humanitarization, independent work, secondary schools, textbooks, assignments.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Баротзода Камолиддин Ашур*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, дотсент. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 934-05-04-46**

**Сведение об авторе:** ***Баротзода Камолиддин Ашур*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, доцент. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **(+992) 934-05-04-46**

**Information about the author:** ***Barotzoda Kamoliddin Ashur*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, associate professor. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121..: **(+992) 934050446**.

УДК:372.861

# МУОШИРАТИ ШАХСӢ ВА ПЕДАГОГӢ ЯКЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ АКМЕОЛОГӢ

*Нуралиев М. И.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Муошират - ин шакли мушаххаси фаъолияти одам мебошад, ки ӯ ниёзмандии (талаботи) худро ба одамони дигар қонеъ мегардонад [1, с.143] . Инсон бе муошират, чун бе ҳаво зиндагӣ карда наметавонад. Муошират ин талаботи инсон чун мавҷудияти оқили иҷтимоӣ, чун дорандаи шуур мебошад. Тарзи ҳаёти хайвоноти олӣ ва инсонро баррасӣ карда, ду навъи алоқаи онҳоро ҷудо кардан мумкин аст: алоқа бо табиат ва алоқа бо мавҷудоти зинда. Навъи якум чун намуди фаъолияти инсон, ки ба дарк ва таҷдиди олам, аз ҷумла ба худ ва ба шароити ҳастии худ равона аст, муайян мегардад. Аз нуқтаи назари илми акмеология, муошурати педагогӣ бояд дар як сатҳи олӣ гузарад. Омӯзгорро дар ин ҷода мебояд, ки дониши касбӣ, маҳорати педагогӣ ва хусусиятҳои инсонии худро такмил диҳад.

Навъи дуюми алоқа бо он тавсиф меёбад, ки тарафҳои якҷояамалкунанда мавҷудоти зинда буда, бо мубодилаи ахбор машғуланд. Ин навъи алоқаҳои дохилинамудӣ ва байнинамудиро муошират меноманд. Муошират ба тамоми мавҷудоти зинда хос аст, аммо танҳо дар инсон он шаклҳои мукаммалро мегирад, бошуурона ва воситаи нутқ мегардад. Дар муошират ҷанбаҳои зерин ҷудо карда мешаванд: мундариҷа, мақсад ва воситаҳо. Мундариҷаи муошират иттилоотест, ки дар алоқаҳои байниҳамдигарӣ аз як мавҷудоти зинда ба мавҷудоти зинда мегузарад. Мундариҷаи муошират - маълумот дар бораи ҳолати дохилии мотиватсионӣ ё эмотсионалии мавҷудоти зинда. Як шахс ба шахси дигар дар бораи талаботҳои шахсии худ ба мақсади иштироки ӯ дар қонеъгардонии онҳо хабар медиҳад. Тавассути муошират маълумот дар бораи ҳолати эмотсионалӣ (қаноатмандӣ, шодӣ, хашм, андӯҳ, азоб ва ҳоказо) , ки барои ба роҳ мондани робита расонанд, аз як шахс ба шахси дигар мегузарад, чун воситаи бароҳмонии байнишахсӣ хизмат мерасонад. Масалан, нисбати шахси ғазаболуд ё азобкашида дар қиёс бо шахсе , ки шодию хурсандӣ мекунад, мо дигар хел рафтор менамоем. Ҳамчунин, иттилоот дар бораи ҳолати муҳити беруна, ки аз як шахс ба шахси дигар интиқол мегардад, мундариҷаи муошират шуда метавонад.

Муошират - раванди мураккабу гуногунҷанбаи барқароркунӣ ва вусъатдиҳии робитаи байниҳамдигарии одамон буда, дар асоси хоҳиши фаъолияти якҷоя намудани онҳо ба вуҷуд омадаасту мубодилаи афкор, ҳамкорӣ ва дарки ҳамдигарро дар бар мегирад [2, с.189].

Бе муошират ташаккули шахсият, тарбия ва рушди зеҳни ӯ имкон надорад. Муошират ба ташкили кори якҷоя, муҳокимаи нақшаҳо ва татбиқи онҳо кумак мерасонад. Дар инсон миқдори мақсадҳои муошират меафзояд: интиқол ва гирифтани донишҳо дар бораи олам, таълим ва тарбия, мувофиқсозии амалҳои оқилонаи одамон дар фаъолияти якҷояи онҳо, муқаррарсозии муносибатҳои байниҳамдигарии шахсӣ ва корӣ ва ҳоказо.

Ҳамин тариқ, муошират дар инсон воситаи қонеъгардонии талаботҳои гуногун мебошад: иҷтимоӣ, маданӣ, маърифатӣ, эҷодӣ, эстетикӣ, талаботҳои рушди зеҳнӣ, рушди ахлоқӣ ва ғайра. Одамон бо ҳамдигар мубодилаи ахбор мекунанд. Ин ахбор донишҳоро дар бораи олам, таҷрибаи ҳосилшуда, қобилият, маҳорату малакаҳоро дар бар мегирад.

Муошрати инсонӣ серпаҳлуст, аз рӯйи мундариҷаи дохилии худ гуногун аст. Шартҳои асосӣ (ё ташаккулёбандаи) - и муошират: 1) муошират рӯй медиҳад, агар

дар он на камтар аз ду нафар иштирок кунад (гӯянда ва шунаванда); 2 ) мавзуи муошират; 3) забони умумии муошират.

Акмеология аз оғози рушди худ стратегия ва технологияи ташаккули кордонҳои баландсифатро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ таҳия менамояд [3, с.7]. Барои педагогика асарҳои акмеологҳо, ки ба асосноккунии назариявӣ, инчунин ба корбурди амалии усулҳо равонаанд, арзиши муайяне доранд.

Мақсади муошират – он чизе, ки ба хотири он дар инсон ин навъи фаъолнокӣ ба вуҷуд меояд. Ҳашт мақсади муоширатро қайд кардан мумкин аст: 1) робитавӣ – муқаррарсозии робита чун ҳолати омодагии дутарафа ба қабул ва интиқоли ахбор ва нигоҳдории алоқаи дутарафа ба шакли ба ҳамдигар нигаронидашавии мунтазам; 2) иттилоотӣ (ахборотӣ) – мубодилаи ахбор – қабул ва интиқоли ягон маълумот дар ҷавоб ба дархост, инчунин мубодилаи афкор, ният қарорҳо ва ҳоказо; 3) водоркунанда (амрӣ) – ҳавасмандсозии фаъолнокии ҳамшарик ба муошират, ки ба иҷрои ин ё он амал равона аст; 4) ҳамоҳангсозӣ – мувофиқсозии дутарафаи амалҳо зимни ташкили фаъолияти якҷоя; 5) ҳамдигарфаҳмӣ – на танҳо дарки дурусти мазмуни ахбор, балки аз тарафи ҳамшарикон фаҳмидани ният, қарордодҳо, таассурот, ҳолати ҳамдигар; 6) эмотивӣ – дар ҳамшарик бедоршавии таассуроти лозимии эмотсионалӣ (“мубодилаи эмотсияҳо”), инчунин тағйирот бо ёрии таасурот ва ҳолатҳои шахсӣ; 7) муқаррарсозии муносибатҳо – дарки ҷойи худ дар низоми алоқаҳои нақшӣ, мақомӣ, корӣ, байнишахсӣ ва ғайраи ҷомеа, ки дар он фард бояд амал кунад; 8) таъсиррасонӣ – тағйири ҳолат, рафтор, ташкилаҳои шахсиятӣ – мазмунии ҳамшарик, аз ҷумла ниятҳо, нишондодҳо, афкор, қарорҳо, тасаввурот, талаботҳо, амалҳо, фаъолнокии ӯ; 9) аппелятивӣ (даъваткунанда) – ҷалби диққати ҳамсуҳбат, ҷудо кардани ҳамсуҳбат аз байни омма бо ёрии аломатҳои нутқ ва ҳоказо.

Муошırати педагогӣ функсияҳои зеринро иҷро менамояд: хабари маълумот, омӯхтани шахсияти одами дигар дар ҷараёни таълим ва якдигарфаҳмӣ [1, с.144].

Сохтори муоширатро бо роҳи ҷудокунии се тараф ё вазифа тавсиф намудан мумкин аст: тарафи коммуникативии муошират ба маънои маҳдуд, мубодилаи ахбор байни шахсони муоширaткунанда, яъне дар мубодилаи на танҳо донишу ғояҳо, балки амалҳо низ ифода меёбад; тарафи идрокии муошират – ҷараёни дарк ва ҳамдигарфаҳмии ҳамшарикон дар муошират.

Албатта, дар яке аз ин тарафҳо ба таври алоҳида мавҷуд нест ва ҷудокунии онҳо танҳо бо мақсади таҳлил амалӣ гаштааст. Тамоми тарафҳои муошират дар гурӯҳҳои хурд – коллективҳо, яъне дар шароити робитаи бевоситаи байни одамон ҷудо карда мешаванд.

Маҳорати педагогӣ, дар маҷмуъ, бо аломатҳои дигари такомули педагогӣ (санъати педагогӣ, кордонӣ ва ифодаёбандагии хусусиятҳои инфиродии омӯзгор) баррасӣ гашта метавонад. Маҳорати педагогӣ тарзи ҳастии омӯзгор ва амалишавандагии иқтидори фардияти ӯ, инчунин шароит барои бадастории “акме” мебошад. Амалия беш аз ҳама ба татбиқи дониш ва маҳоратҳои талабагон дар раванди таълим вобастагӣ дорад [4, с.141].

Аксаран, муоширатро ба шакли секунҷаи баробартараф бо хатти мавҷнок дар байн тасвир мекунанд ва ин маънои баррасии ҷараёни муоширатро чун муносибат ба ҳамсӯҳбат дар сатҳҳои иттилоотӣ, рафторӣ ва эмотсионалӣ дорад. Маҳз дар асоси чунин тасаввурот се вазифаи муошират муаяйн мегардад:

иртиботӣ, интераксия, дарки иҷтимоӣ. Онҳо тарафҳои секунҷаи баробартарафаро ташкил медиҳанд.

Дар ҷараёни муошират ҷудошавии се вазифаи муошират дар сатҳи назариявӣ бо мақсади омӯзиши воситаю методҳои таълимкунандаи онҳо гузаронида мешавад. Дар ҳаёт вазифаҳои муошират дар як вақт зуҳур мекунанд ва муайян кардани он ки кадоме аз вазифаҳои муошират дар кадом лаҳзаи мушаххас бартарии бештар дорад, номумкин аст.

Вақте ки дар бораи коммуникатсия ба маънои маҳдуд сухан мегӯянд, пеш аз ҳама, он фактеро ба назар мегиранд, ки дар ҷараёни фаъолияти якҷоя одамон бо тасаввурот, ғояҳо, манфиатҳо, ҳиссиёт, қарордодҳои гуногун мубодила мекунанд. Ҳамаи инро чун иттилоот баррасӣ кардан мумкин аст ва он гоҳ худи ҷараёни коммуникатсия чун ҷараёни мубодилаи ахбор фаҳмида мешавад. Аммо дар ҷараёни коммуникативӣ мубодилаи фаъоли иттилоот рӯй медиҳад. Хусусияти мубодилаи иттилоот байни одамон дар тафовут аз сохторҳои кибернетикӣ бо он муаяйн мегардад, ки тавассути аломатҳои гуногун ҳамшарикон ба ҳамдигар таъсир расонда метавонанд. Ба ибораи дигар, мубодилаи чунин иттилоот ҳатман таъсир ба рафтори ҳамшарикро дар назар дорад, яъне аломат вазъи иштирокчиёни ҷараёни коммуникативиро тағйир медиҳад. Ба ин маънӣ аломат дар муошират ба олот дар меҳнат монанд аст. Таъсири коммуникативӣ, ки дар ин ҷо ба вуҷуд меояд, чун таъсири психологии як шахс ба шахси дигар бо мақсади тағйирдиҳии рафтори ӯ арзёбӣ мегардад. Масалан, муошират авторитарӣ, ҳатто гӯянда ҳуқуқи амркунӣ дошта бошад ё эътироз, ё пассившавӣ, ки чун эътироз низ баррасӣ гашта метавонад. Самаранокии коммуникатсия маҳз бо сатҳи таъсиррасонӣ чен карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки тағйири худи навъи муносибатҳо, ки байни иштирокчиёни коммуникатсия ташаккул ёфт, ҷой дорад. Аммо ин дар ҷараёнҳои "сирф" иттилоотӣ рӯй намедиҳад. Технологияи акмеологӣ ба ташаккули худсобиткунӣ равона шудааст. Дар робита бо ин барои муаллим ва роҳбар масъалаи инкишофи мақсадҳои хонандагон аҳамияти муҳим касб мекунад [5, с.62].

Баъдан таъсири коммуникативӣ чун натиҷаи мубодилаи ахбор танҳо замоне имкон дорад, ки шахси равонакунандаи иттилоот ва шахси қабулкунандаи он дорандаи низоми ягона ё мушобеҳи "кодсозӣ" ё ғайрикодсозӣ мебошад. Ба забони одӣ ин қоида ба таври зайл ифода меёбад: ҳама бояд ба як забон сухан ронанд. Ин хусусан аз он сабаб муҳим аст, ки равонкунанда ва қабулкунандаи ахбор дар ҷараёни коммуникативӣ доимо ҷойи худро иваз мекунанд.

Ҳар гуна мубодилаи ахбор байни онҳо танҳо дар ҳолате имконпазир аст, вақте ки аломатҳо ва маъноҳои мустаҳакамшуда ба ҳамаи иштирокчиёни ҷараёни коммуникативӣ маълум бошанд. Танҳо қабули низоми ягонаи аломатҳо имкониятҳои ҳамшариконро дар фаҳмидани ҳамдигар таъмин менамояд. Дарки тамоми он ахборот, ки онҳоро ҳамшарикони мо мефиристанд, кори осон нест. Дар ҳаёти муқаррарӣ мо хело ҳам кам талаффуз мекунем: "Намефаҳмам", ҳамзамон ҳамеша ба худ бояд савол дод: гуфтор ё рӯйдод чӣ маъно дорад? Мақсади ҳамшарикон чист? Гёте таъкид кардааст: "Ҳар як шахс он чизеро мешунавад, ки мефаҳмад". Дарвоқеъ, чизи аз ҳама асосиро мо дарк мекунем. Барои тасвири ин

ҳолат психологияи иҷтимоӣ аз забоншиносӣ истилоҳи “тезаурус”-ро, ки низоми умумии аломатҳоро мефаҳмонаду онро тамоми аъзоёни гурӯҳ қабул мекунанд, иқтибос мегирад. Аммо гап дар он аст, ки ҳатто маънои ҳамаи калимаҳоро дониста, одамон онҳоро якхела намефаҳманд. Ҳанӯз Л. С. Вигодский қайд кардааст, ки фикр ҳеҷ гоҳ ба маънои аслии калимаҳо баробар нест, бинобар ин, дар муошираткунандагон на танҳо дарки мушобеҳ дар нутқ, дар низоми луғавӣ ва наҳвӣ, балки дарки якхелаи вазъияти муошират бояд ҷой дошта бошад. Ин танҳо дар ҳолати дохилкунонии коммуникатсия ба як низоми умумии фаъолият имкон дорад.

Хуллас, дар шароити коммуникатсияи инсонӣ монеаҳои хосси коммуникативӣ пайдо шуда метавонанд. Ин монеаҳо бо ҷойҳои нозуки ягон шабакаи коммуникатсия ё бо ғалатҳо дар кодсозӣ ё ғайрикодсозӣ алоқаманд нестанд. Онҳо хусусияти иҷтимоӣ ё психологӣ доранд. Аз як тараф, чунин монеаҳо аз сабаби вуҷуд надоштани дарки ҳолати муошират, ки ба он на танҳо гуногунии “забон”-и муошири иштирокчиёни ҷараёни коммуникативӣ, балки фарқияти амиқтари байни ҳамшарикон мавҷудбуда боис аст, пайдо мешаванд. Ин фарқияти иҷтимоӣ, сиёсӣ, динӣ, касбӣ буда, на танҳо шарҳ (тафсири) - и дигари ҳамаи як мафҳумро тавлид мекунанд, ки дар ҷараёни коммуникатсия истеъмол мегарданд, балки як навъ ҷаҳондарккунӣ, ҷаҳонфаҳмӣ ва ҷаҳонбинӣ ҳисоб меёбанд. Чунин навъи монеаҳоро сабабҳои психологӣ, мансубияти ҳамшарикон аз рӯйи коммуникатсия ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд овардаанд, зимни пайдошавии онҳо дохилшавандагии коммуникатсия ба низоми васеи муносибатҳои шахсӣ ва ҷамъияти баръало намоён аст. Коммуникатсия дар ин ҳолат нишон медиҳад, ки он танҳо як тарафи муошират мебошад.

Навъҳои иттилоотӣ ва воситаҳои коммуникатсия ҷудо карда мешаванд. Иттилооте, ки аз равонакунанда бармеояд, ду навъ буда метавонад: водоркунанда ва муқарраркунанда. Иттилооти водоркунанда дар фармон, маслиҳат, хоҳишу илтимос ифода меёбад. Он ба ҳавасмандсозии ягон амал равона аст. Иттилооти муқарраркунанда ба шакли ахбор пешниҳод мегардад. Он дар системаҳои гуногуни таълим мавҷуд буда, тағйирёбии бевоситаи рафторро дар назар надорад, ҳарчанде ки дар ин ҳолат низ қоидаи умумии коммуникатсияи инсонӣ амал мекунад. Интиқоли дилхоҳ иттилоот танҳо тавассути аломатҳо, аниқтараш системаҳои аломатҳо имкон дорад. Дар ҷараёни муошират якчанд системаҳои аломатҳо мавҷуданд.

Вобаста ба намуди системаи аломатҳо коммуникатсияи забонӣ (ба сифати системаи аломатҳои нутқ истифода мегардад) ва коммуникатсияи ғайризабонӣ (системаҳои ғайринутқии аломатҳо мавриди истифода қарор меёбад). Маҳорати истифодабарӣ аз намуди муайяни аломатҳо ва маҳз аз аломатҳо – намудҳо асоси нутқро ташкил медиҳад.

Аломат гуфта, чунин падида (ташкили моддӣ) – ро меноманд, ки тавассути он фикри ягон шахс ба самти муайян равона мегардад. Он чизе, ки ба он аломат мансуб аст, дар тафаккури мо маънои аломат мебошад. Масалан, маънои калимаи “Моҳ” – ҳамроҳи табиии Замин, маънои калимаи “шодӣ” – и ҳиссиёти пурзӯр ва хуше, ки бо иҷрои бобарори ягон кор, вохӯрӣ бо шахси наздик ва ғайра ҳамроҳ мегардад. Дар коммуникатсияи ғайризабонӣ тамоми маҷмуи воситаҳо бояд вазифаҳои зеринро иҷро кунанд: илова ба нутқ, интиқоли ҳолати эмотсионалии ҳамшарикони ҷараёни муошират.

Системаи аломатҳое, ки имову ишора, қиёфабозӣ ва ғайраро дар бар мегирад, воситаи асосӣ мебошад. Системаҳои паралингвистӣ ва эксталингвистии аломатҳо низ илова коммуникатсияи забонӣ маҳсуб меёбанд. Системаи паралингвистӣ - низоми вокализатсия (сифати овоз, диагазон, оҳангнокии он). Системаи экстролингвистӣ ба нутқ таваққуф, дохилаҳои дигар (масалан, сулфа, гиря, ханда ва ғ. ) - ро ворид менамояд. Ҳамаи ин иловаҳо ахбори аз ҷиҳати семантикӣ муҳимро на тавассути аломатҳои иловагии нутқ, балки бо ёрии усулҳои нутқӣ афзун мегардонанд.

Фазо (макон) ва замони ташкили ҷараёни коммуникативӣ системаи аломатҳо низ буда, чун қисмҳои ҳолатҳои коммуникативӣ бори маънавиро ба дӯш доранд. Чунончи, рӯ ба рӯ шинонидани ҳамшарикон ба пайдошавии робита мусоидат менамояд, ба гӯянда диққат бештар ҷалб мегардад. Дар озмоиш бартарии шаклҳои маконии ташкили муошират (ҳам барои ду ҳамшарик дар ҷараёни муошират, ҳам дар ҷамъомадҳои оммавӣ) исбот карда шудааст. Мушобеҳи он баъзе меъёрҳо нисбати тавсифоти замони муошират чун илова ба ахборот аз ҷиҳати семантикӣ муҳим баромад, мекунанд.

Сари вақт ҳозир шудан ба оғози гуфтушунидҳои дипломатӣ эҳтироми хосса нисбат ба ҳамсуҳбат ҳисоб меёбад. Баръало, дермонӣ ба чунин гуфтушунид як навъ беэҳтиромиро нишон медиҳад. Дар баъзе соҳаҳо (пеш аз ҳама дар дипломатия) иҷозат ба дермонӣ дода намешавад.

Илми махсусе, ки ба меъёрҳои ташкили маишӣ ва замони муошират машғул аст (проксемика) ҳоло дорои маводи калони озмоишӣ мебошад. Асосгузори проксемика Э. Холл, ки проксемикаро "психологияи маконӣ" меномад, шаклҳои ташкили маконии муошират хайвонотро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Барои коммуникатсияи инсонӣ методикаи махсуси арзёбии муошират дар асоси омӯзиши ташкили макони он пешниҳод гаштааст. Э. Холл, масалан, меъёрҳои наздикшавии шахсро ба ҳамшарик, ки ба маданияти амрикоӣ хос аст, муайян намудааст: масофаи ниҳоӣ (0 - 45 см); масофаи шахсӣ (45 - 120 см); масофаи иҷтимоӣ (120 - 400 см); масофаи оммавӣ (400 - 750 см). Ҳар яке аз онҳо ба ин ё он ҳолати муошират хос аст. Ин таҳқиқот, пеш аз ҳама, зимни таҳлили муваффақиятнокии фаъолияти гурӯҳҳои гуногуни мубоҳисавӣ аҳамияти калони амалӣ доранд."Тарафи интерактивии муошират" истилоҳест, ки тамоми қисмҳои муошират бо ҳамкории одамон алоқамандро бо ташкили бевоситаи фаъолияти якҷояи онҳо тавсиф медиҳад.

Ҷараёни коммуникативӣ дар асоси як навъ фаъолияти якҷоя ба вуҷуд меояд. Мубодилаи донишу ғояҳо нисбати ин фаъолият ногузир дар назар доранд, ки ҳамдигарфаҳмии бадастовардардашуда зимни кӯшишҳои якҷоя дар ташкилу рушди фаъолият татбиқи худро меёбад. Барои иштирокчиёни он на танҳо мубодилаи ахбор, балки ташкили "мубодилаи амалҳо", банақшагирии онҳо низ хеле муҳим аст. Бинобар ин, ду навъи асосии амали якҷоя ҷудо карда мешавад, ки мухолифи ҳамдигаранд: муттаҳидшавӣ ва рақобатнокӣ. Ғайр аз муттаҳидшавӣ ва рақобатнокӣ, дар бораи созиш ва низоъ, мутобиқшавӣ ва мухолифат ассотсиатсия ва диссотсиатсия ва ҳоказо сухан меравад. Нисбати ҳамаи ин мафҳумҳо принсипи ҷудокунии намудҳои гуногуни амали якҷоя истифода мегардад. Дар ҳолати якум чунин зуҳуроти он, ки ба ташкили фаъолияти якҷоя мусоидат намуда, аз ин нуқтаи назар мусбӣ мебошанд, мавриди таҳлил қарор ёфтаанд. Ба гурӯҳи дуюм амалҳои якҷояе дохил мешаванд, ки ба фаъолияти педагогӣ халал расонида, як навъ монеа мегарданд. Муттаҳидшавӣ ё амали якҷояи муттаҳидкунанда ҳамоҳангсозии қувваҳои ягонаи иштирокчиёнро (батартибдарорӣ, якҷоякунӣ, ҷамъбасткунии ин қувваҳо) ифода менамояд.

Муттаҳидшававӣ унсури зарурии фаъолияти якҷоя буда, бо талаботи махсуси он тавлид ёфтааст. Нишондиҳандаи муҳимми "зичӣ" - и амали якҷояи муттаҳидкунанда дохилшавии ҳамаи иштирокчиёни ҷараён ба он мебошад.

Нисбати шеваи дигари амали якҷоя – рақобатнокӣ гуфтан мумкин аст, ки дар ин ҷо таҳлил бештар ба шакли баръало намоёни он маҳз ба низоъ бархӯрди мақсадҳо, манфиатҳо, мавқеъҳо, афкор ё ақидаҳои субъектҳои амали якҷоя мутамарказонида мешавад.

Асоси дилхоҳ низоъро ҳолате ташкил медиҳад, ки ё мавқеи мухталифи тарафҳо аз рӯйи ягон сабаб ё мақсаду воситаҳои бадастории онҳо дар ҳолатҳои мазкур ё номувофиқатии манфиатҳо, хоҳишҳо ва рақобатҳои субъектҳои амалҳои якҷояро дар бар мегирад. Низоъҳо ногаҳон беихтиёрона ба вуҷуд меоянд. Дар аксари мавридҳо арзёбиҳои манфӣ, ки хусусияти интиқодӣ доранд, ба онҳо ғизо медиҳанд.

Азбаски инсон чун шахсият муошират мекунад, пас, ӯ аз тарафи шахси дигар низ чун шахсият дарк мегардад. Дар асоси тарафи берунаи рафтор як шахс гӯё ин шахси дигарро "мехонад", дар бораи маълумот пайдо мекунад. Тасаввуроте, ки зимни он пайдо мешаванд, дар ҷараёни муошират нақши муҳими танзимкунандаро мебозанд.

Якум, шахси дигарро фаҳмида, худи фард дарккунанда ташаккул меёбад.

Дуюм, аз андозаи аниқии "қироатӣ"- и шахси дигар мувофиқати ташкили амалҳои якҷоя вобаста аст. Тасаввурот дар бораи инсони дигар бо сатҳи худогоҳии шахсӣ алоқаи зич дорад: ҳар қадаре ки шахси дигар кушода шавад (ба миқдори калон ва тавсифоти амиқтар), тасаввурот дар бораи худ низ ҳамон қадар пурратар мегардад.

Дар рафти дарки шахси дигар дар як вақт якчанд ҷараён татбиқи худро меёбанд: арзёбии эмотсионалии шахси дигар, кӯшиши фаҳмидани рафтори ӯ, бунёди стратегияи рафтори худ. Аммо дар ин ҷараёнҳо на камтар аз ду нафар ширкат меварзад ва ҳар яке аз онҳо субъекти фаъол мебошад. Пас, муқоисаи худ бо дигарон аз ду тараф амалӣ мегардад: ҳар яке аз ҳамшарикон худро ба дигаре монанд мекунад. Яъне, зимни бунёди стратегияи ҳамкорӣ ҳар як шахс на танҳо талабот, ваҷҳҳо, муқаррароти шахси дигарро бояд ба ҳисоб гирад, балки ин шахси дигар низ талабот, ваҷҳҳо ва муқаррароти ӯро бояд дарк кунад.

Аз таҳлили адабиёт (Деркач А. А., Зобнина Т.В., Жукова Т. А. Лутфуллозода М., Абдураҳимов Қ.) бармеояд, ки олимони ин соҳа нақши акмеологияро дар муошират шахсӣ ва педагогӣ бо исботи таҳқиқотҳои хеш арзёбӣ намудаанд [ 6, 7, 8, 9, 10, 11, 14, 15 ] .

**Муқарриз: Тошзода С.- н.и.п., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Лутфуллоев М. Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ (васоити таълимӣ) / М.Лутфуллоев, Қ. Абдураҳимов. - Душанбе, 2012. - 208 с.
2. Психология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ (Давлатов М., Юнусова Н. М., Расулов С. Х. ва диг.; Зери таҳрири Давлатов М. - Душанбе, 2010.
3. Педагогическая акмеология. Коллективная монография Екатеринбург РГППУ 2012 г.
4. Лутфуллоев М. Назарияи таълим / М.Лутфуллоев, Қ. Абдураҳимов. - Қӯрғонтеппа, 2014.
5. Файзулло Шарифзода. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ. –Душанбе: Ирфон, 2010.
6. Деркач А. А. Акмеологические основы развития профессионала / А. А. Деркач. - М.- Воронеж, 2004.
7. Деркач А. А. Акмеология / А. А. Деркач, В.Г. Зазыкин. - С-Пб., 2003.
8. Жукова Т. А. Дидактическая игра как значимый элемент подготовки специалистов / Т. А. Жукова // Инновации в образовании. -2006. -№ 1.
9. Зашихин В. А. Инновационный проект развития акмеологической полипрофильной школы / В. А.Зашихин // Профильная школа. -2005. -№ 6.
10. Зобнина Т. В. Акмеологическая система психологической подготовки будущих учителей / Т. В. Зобнина // Педагогика. -2006. -№ 6.

11. Лутфуллозода М. Технологияи таълими интерактивӣ / М.Лутфуллозода, Қ.Абдураҳимов, А. Мирзоев, А. Гулов, З. Ҳалимов. – Душанбе: Ирфон, 2017.
12. Мелик-Пашаев А. А. Акмеология и творчествою к постановке проблемы / А. А. Мелик-Пашаев // Мир психологии. -1999. -№ 2. -С. 23-29.
13. Панасюк В. П. Школа и качество: выбор будущего / В. П. Панасюк. - С- Пб.: КАРО. -2003.
14. Козырева О. А. В поиске акмеологических оснований развития компетентности учителя / О. А. Козырева // Начальная школа плюс до и после. -2006. -№ 2.
15. Максимова В. Н. Акмеология: новое качество образования / В. Н. Максимова // Завуч. -2004. -№ 3, 6, 7, 8.

## МУОШИРАТИ ШАХСӢ ВА ПЕДАГОГӢ ЯКЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ АКМЕОЛОГӢ

Муаллиф дар таълифоти хеш муошират шахсӣ ва педагогиро ҳамчун яке аз масъалаҳои акмеологӣ баҳо додааст. Ҳамчунин қайд кардааст, ки муошират шакли мушаххаси фаъолияти одам мебошад, ки ӯ ниёзмандии худро ба одамони дигар қонеъ мегардонад. Ин андешаи муаллиф дар асоси ақидаҳои олимони соҳаи илмҳои педагогӣ дарҷ гардидааст. Инсон бе муошират, чун бе ҳаво, зиндагӣ карда наметавонад. Муошират талаботи инсон чун мавҷудияти оқили иҷтимоӣ, чун дорандаи шуур мебошад. Аз нуқтаи назари илми акмеология муошират педагогӣ бояд дар як сатҳи олӣ гузарад. Омӯзгорро дар ин ҷода мебояд, ки дониши касбӣ, маҳорати педагогӣ ва хусусиятҳои инсонии худро такмил диҳад. Муошират ба тамоми мавҷудоти зинда хос аст, аммо танҳо дар инсон он шаклҳои мукаммалро мегирад, бошуурона ва воситаи нутқ мегардад. Муошират раванди мураккабу гуногунҷанбаи барқароркунӣ ва вусъатдиҳии робитаи байниҳамдигарии одамон буда, дар асоси хоҳиши фаъолияти якҷоя намудани онҳо ба вуҷуд омадаасту мубодилаи афкор, ҳамкорӣ ва дарки ҳамдигарро дар бар мегирад.Бе муошират ташаккули шахсият, тарбия ва рушди зеҳни ӯ имкон надорад. Муошират ба ташкили кори якҷоя, муҳокимаи нақшаҳо ва татбиқи онҳо кумак мерасонад. Дар инсон миқдори мақсадҳои муошират меафзояд: интиқол ва гирифтани донишҳо дар бораи олам, таълим ва тарбия, мувофиқсозии амалҳои оқилонаи одамон дар фаъолияти якҷояи онҳо, муқаррарсозии муносибатҳои байниҳамдигарии шахсӣ ва корӣ ва ҳоказо.Ҳамин тариқ, муошират дар инсон воситаи қонеъгардонии талаботҳои гуногун мебошад: иҷтимоӣ, маданӣ, маърифатӣ, эҷодӣ, эстетикӣ, талаботҳои рушди зеҳнӣ, рушди ахлоқӣ ва ғайра. Одамон бо ҳамдигар мубодилаи ахбор мекунанд. Ин ахбор донишҳоро дар бораи олам, таҷрибаи ҳосилшуда, қобилият, маҳорату малакаҳоро дар бар мегирад.

**Калидвожаҳо:** муошират шахсӣ ва педагогӣ, масъалаҳои акмеологӣ, илмҳои педагогӣ, илми акмеология, талаботҳои рушди зеҳнӣ, рушди ахлоқӣ, муносибатҳои байниҳамдигарӣ, мубодилаи ахбор, мақсадҳои муошират, маҳорати касбии омӯзгор, маҳорату малакаҳо.

## ЛИЧНОСТНО - ПЕДАГОГИЧЕСКОЕ ОБЩЕНИЕ - ОДНА ИЗ АКТУАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ АКМЕОЛОГИИ

В своей работе автор рассматривает личностно-педагогическое общение как одну из акмеологических проблем. Он также отметил, что общение - это особая форма человеческой деятельности, которая удовлетворяет потребности других людей. Это мнение автора основано на взглядах ученых в области педагогических наук. Человек не может жить без общения, как без воздуха. Общение - это потребность человека как социально разумного существа, как обладателя сознания. С точки зрения акмеологии, педагогическое общение должно происходить на высшем уровне. В связи с этим учителю необходимо повышать свои профессиональные знания, педагогические навыки и человеческие качества. Общение присуще всем живым существам, но только в человеке оно принимает совершенные формы, становится сознательным и средством речи.Коммуникация - это сложный и многогранный процесс восстановления и расширения контактов между людьми, основанный на желании работать вместе, и включает обмен идеями, сотрудничество и понимание.Без общения невозможно сформировать человека, взрастить и развить его ум. Общение помогает организовать совместную работу, обсудить планы и реализовать их. У человека увеличивается количество целей общения: передача и получение знаний об окружающем мире, образование и воспитание, согласование рациональных действий людей в их совместной деятельности, установление личных и профессиональных отношений и так далее.Таким образом, общение в человеке - это средство удовлетворения различных потребностей: социальных, культурных, познавательных, творческих, эстетических, интеллектуального развития, нравственного развития и так далее. Люди делятся информацией друг с другом. Эта информация включает знания об окружающем мире, опыт, способности, навыки и компетенции.

**Ключевые слова**: личностно-педагогическое общение, акмеологические проблемы, педагогические науки, акмеологическая наука, требования интеллектуального развития, нравственное развитие.

**PERSONAL PEDAGOGICAL COMMUNICATION IS ONE OF THE URGENT PROBLEMS OF ACMEOLOGY**

In his work, the author considers personal-pedagogical communication as one of the acmeological problems. He also noted that communication is a special form of human activity that satisfies the needs of other people. This author's opinion is based on the views of scientists in the field of educational sciences. A person cannot live without communication, as without air. Communication is a human need as a socially intelligent being, as the owner of consciousness.Communication is a human need as a socially intelligent being, as the owner of consciousness. From the point of view of acmeology, pedagogical communication should take place at the highest level. In this regard, the teacher needs to improve their professional knowledge, teaching skills and human qualities. Communication is inherent in all living beings, but only in man does it take perfect forms, becomes conscious and a means of speech.Communication is a complex and multifaceted process of restoring and expanding contacts between people, based on the desire to work together, and includes the exchange of ideas, cooperation and understanding.Without communication, it is impossible to form a person, to nurture and develop his mind. Communication helps to organize joint work, discuss plans and implement them. A person has an increase in the number of goals of communication: the transfer and acquisition of knowledge about the world around him, education and upbringing, the coordination of rational actions of people in their joint activities, the establishment of personal and professional relationships, and so on.Thus, communication in a person is a means of satisfying various needs: social, cultural, cognitive, creative, aesthetic, intellectual development, moral development, and so on. People share information with each other. This information includes knowledge about the surrounding world, experience, abilities, skills and competencies.

**Key words :** personal pedagogical communication, acmeological problems, pedagogical sciences, acmeological science, requirements of intellectual development, moral development.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нуралиев Мансур Исматуллоевич* -** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи таълими ибтидоии факултети педагогика ва варзиш. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айни, 67 Телефон**: (+992) 93 - 581 - 86 – 30.**

**Сведение об авторе**: ***Нуралиев Мансур Исматуллоевич*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры педагогики и психологии начального образования факультета педагогики и физической культуры. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, проспект Айни, 67. Телефон: **(+992) 93 - 581 - 86 - 30.**

**Information about the author**: ***Nuraliev Mansur Ismatulloevich*** - Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, applicante of the Department of Pedagogy and Psychology of Primary Education, Faculty of Pedagogy and Sports. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini avenue, 67.
Phone**.: (+992) 93 - 581 - 86 - 30.**

**УДК: 530.1**

# МАЗМУНИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСИ ПЕДАГОГӢ АЗ ФАННИ НАЗАРИЯ ВА МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФИЗИКА

***Қодирова Д.Т., Тошматов А.Д.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Бинобар сабаби дар адабиётҳои педагогӣ мавҷуд будани роҳҳои гуногуни таъриф додани КМД, мо чунин тасвияро нигоҳ медорем: КМД – ин кори банақшагирифтаи донишҷӯён мебошад, ки аз рӯйи супориш ва зери роҳбарии муаллим, лекин бе иштироки бевоситаи ӯ иҷро карда мешавад.

Мақсади асосии КМД беҳтар кардани омодагии мутахассисоне мебошад, ки ба ташаккул додани амалиёти системаҳои донишҳои бунёдӣ ва касбӣ, маҳоратҳо ва малакаҳо равона карда шудааст. Ҳамчун мушкилоти илмӣ, таҳқиқоти КМД дар солҳои 70-ум ба миён омад. Корҳои аввалин оид ба КМД бо номи олимон А.В. Усова, З.А. Вологодская, Л. Ансиферов, Л.И. Рубинова ва дигарон алоқаманданд [3, 7, 9, 12, 15].

Дар манбаъҳои гуногун мушкилоти ташкил кардани корҳои мустақилонаи хонандагон дида баромада шудаанд. Дар корҳои Б.Г. Ананев, А.А. Бодалев, Л.С. Виготский, А.Н. Леонтев, С.Л. Рубинштейн, Н.Ф. Тализина, Л.М. Фридман ва дигарон нақш ва мавқеи мустақилият дар ташаккул ёфтани шахсияти инсоният баррасӣ шудаанд. Зарурият ва муҳиммияти ташаккул додани мустақилият дар корҳои В.В. Давидов, В.С. Мерлин, Д.Б. Элконин ва дигарон дида баромада шудаанд [2, 6, 8, 16].

Ҷанбаҳои гуногуни ташкил кардани корҳои мустақилона дар корҳои С.И. Архангелский, Ю.К. Бабанский, А.И. Берг, П.Я. Галперин, Я.Г. Гендлер, Н.Г. Дайри, М.А. Данилов, А.М. Дорошкевич, А.Л. Думчене, Б.П. Есипов, С.И. Зиновев, Т.И. Илина, А.М. Ивасишин, Н.Ф. Краснов, Н.П. Краевский, И.И. Кобилятский, Н.В. Кузмина, Г.Н. Кулагина, Истомин Л.С. инъикос ёфтаанд. Мазмуни корҳои мустақилонаи донишҷӯёни ихтисоси педагогӣ аз фанни назария ва методикаи таълими физика дар корҳои Р.А. Лозовский, А.С. Линди, А.Г. Молибога, Т.К. Мучаидзе, Р.А. Низамов, Н.Д. Никандров, И.Т. Огородников, Е.К. Осипянс, П.И. Пидкасисткий, М.Н. Скаткин, Н.Ф. Тализина, А.В. Усова ва дигарон муфассал шарҳу эзоҳ дода шудаанд [1, 9, 12, 15].

Аз тарафи муаллифон мафҳуми соҳибихтиёрӣ, корҳои мустақилона, мустақилияти фаъолияти таълимӣ, намудҳо ва сатҳи соҳибихтиёрӣ, роҳҳои фаъол гардонидани корҳои мустақилонаи хонандагон ва донишҷӯён бо ёрии шаклҳои машғулиятҳои таълимӣ ва методҳои гузаронидани онҳо ва ғайраҳо кушода дода шудаанд.

Дар як қатор таҳқиқот корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар алоқаи наздик бо хусусиятҳои мантиқӣ-мазмунии фанҳои муайяни тахассусӣ дида баромада шудаанд (Я.Г. Гендлер, М.К. Койчуманов, Н.П. Краевский, Р.А. Лозовский, А.И. Мелюков, Я.Я. Сприеслис ва дигарон) ё ин ки курсҳои психология ва педагогика (Г.И. Гусев, Г.Н. Новоселов, Ю.С. Пименов ва дигарон).

Д. Шарифов, Е.Н. Трушенко дар корҳои худ чунин намудҳои корҳои мустақилонаро ҷудо мекунанд:

- кор аз болои лексияҳо; омодагӣ ба лексияҳо; гӯш андохтан ва навишти лексияҳо;
- омодагӣ ба машғулиятҳои амалӣ-семинарӣ ва кори мустақилона дар ин машғулиятҳо;
- омодагӣ ба машғулиятҳои лабораторӣ ва кори мустақилона дар ин машғулиятҳо;

- кор бо китобҳо; бо китобҳои дарсӣ, бо адабиётҳои иловагӣ, ки муаллим тавсия додааст;
- кори мустақилона ҳангоми иҷро кардани вазифаи хонагӣ;
- тартиб додани баромадҳо, рефератҳо ва м.и.;
- омодагӣ ба кори санҷишӣ, ба санҷиши тестӣ, ба имтиҳон;
- корҳои курсӣ;
- рисолаи тахассусии хатм (кори дипломӣ);
- кори мустақилона ҳангоми таҷрибаи педагогӣ дар мактаб;
- фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ.

М.В. Белобородов методи фасетиро (маҷмуи якчанд таснифҳои бевосита, ки дар як вақт аз рӯйи асосҳои гуногун ба вуҷуд оварда мешаванд) барои ҷудо кардани намудҳои корҳои мустақилона истифода мебарад. Муаллиф чунин асосҳоро истифода бурдааст: мустақилият дар фаъолият, мустақилият дар фаъолияти назоратӣ-санҷишӣ дар асосӣ рефлексия, мустақилият дар асосӣ типологияи шахсият.

Ба ташкил кардани корҳои мустақилонаи донишҷӯён аз рӯйи курси «Назария ва методикаи таълими физика» рӯ меоварем.

Ба мушкилоти ташкил кардани корҳои мустақилонаи донишҷӯён аз рӯйи фанни назария ва методикаи таълими физика як қатор таҳқиқот, аз ҷумла корҳои (И.А. Бобкова, З.А. Вологодская, В.В. Завялов, Г.А. Засобина, И.П. Коновала, Д.И. Кулбитский, Ю.И. Лукянов, Л.А. Манчева, В.А. Маркушев, И.К. Туришев, А.В. Усова, И.И. Сиркун, А.И. Шабликин, А.Н. Ярошенко ва дигарон бахшида шудаанд [4, 8, 12, 15]. Дар ин корҳо масъалаҳои ташкил кардани корҳои мустақилонаи донишҷӯён вобаста ба машғулиятҳои курсҳои лексионӣ, семинарӣ, амалӣ ва лабораторӣ, инчунин вобаста бо фаъолияти таълимӣ дар давраи таҷрибаи педагогӣ баррасӣ шудаанд.

А.В. Усов и Л.И. Рубинов дар тавсияҳои методии «Системаи корҳои мустақилона вобаста ба курсҳои лексионӣ аз рӯйи методикаи таълими физика» [5, с.12] системаи корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро пешниҳод менамояд. Оғози ташкил кардани система барномаи курси «Назария ва методикаи таълими физика» мебошад. Супориш ба ташаккул додани маҳоратҳои муайян равона карда шудааст, онҳо бо гуногунӣ ва саҳеҳии тасвият фарқ мекунанд.

Л.А. Прояненков дар монографияи худ «Омодагии педагогии муаллимони оянда нисбат ба ҳалли масъалаҳои намунавии ташкил кардани раванди таълимӣ-тарбиявӣ аз рӯйи физика: мушкилот, консепсия, амсила» амсилаи омодагии методиро тавсиф мекунад [10, с.13].

Муаллиф талаботҳоро нисбат ба ташкил кардани раванди таълим ташаккул додааст, ки яке аз онҳо талабот нисбат ба ташкил кардани фаъолияти таълимии донишҷӯён мебошад. Дар он самтҳои асосии такмил додани ташкил кардани фаъолият ҷудо карда шуда, ҳар кадоме аз онҳо ошкор карда шудаанд. Яке аз самтҳо зиёд кардани саҳми корҳои мустақилонаи донишҷӯён (КМД) бо имкониятҳои интихоб намудани намудҳои фаъолияти таълимӣ, инчунин пурқувват кардани нақши идора кардани КМД барои ба даст овардани натиҷаҳои банақшагирифташуда мебошад. Муаллиф қайд мекунад, ки кори мустақилона метавонад чи дар машғулиятҳо дар зери назорати муаллим ва чи берун аз машғулиятҳо бе назорати муаллим ичро карда шавад. КМД- ро дар дилхоҳ машғулиятҳо ташкил кардан мумкин аст.

Аз тарафи муаллиф амсилаи методикаи омодагии муаллими оянда нисбат ба ташкил кардани фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ аз рӯйи физика кор карда баромада шудааст, ки дар он мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Амсила 3 қисматро дар бар мегирад. Кисмати мақсаднок –аз омодагӣ ва гузаронидани намудҳои гуногуни дарсҳо ва омодагӣ нисбат ба таълими мавзуи курси мактабии физика иборат аст. Ин қисмат 2 гурӯҳи масъалаҳои намунавии касбиро (МНК) дар бар мегирад.

Маълумотҳои МНК дар худ системаро ташкил медиҳанд, чунки ҳамаи мақсадҳои омӯзиши курси мактабии физикаро (КМФ) фаро мегиранд.

Қисмати пурмазмунӣ – ин системаи дониш ва тарзҳои фаъолият, меъёрҳои барқарор кардани пайдарпайии МНК мебошад. Қисмати тартиботи мурофиа – ин методҳо, восита, шаклҳои ташкил кардан ва назорати таълимӣ мебошад.

Аз тарафи муаллиф ҳолати консептуалӣ ташаккул дода шудааст, ки ба мақсадҳо, мазмун ва методикаи ташкил кардани фаъолияти таълимии донишҷӯён тааллуқ дорад. Қайд карда мешавад, ки:

- мақсади омода кардан, бояд дар худ системаи новобастаи масъалаҳои намунавиро фаро гирад;
- мазмуни омодагӣ дар намуди методҳои ҳалли масъалаҳои намунавӣ пешкаш карда мешавад;
- сохти омодагии методӣ -системаи модулҳо мебошад, ки МНК- ро дар бар мегирад;
- методикаи ташкил кардани фаъолияти таълимии донишҷӯён бояд: дар асоси назарияи марҳила ба марҳила ташаккул ёфтани амалиётҳои фикрӣ сохта шавад, ба донишҷӯён имконияти мустақилона ба даст овардани маълумотҳо дода шавад, имконияти таъсири байниҳамдигарии фаврии муаллим ва донишҷӯён таъмин карда шавад.

Қисмати тартиботи мурофиавиро муфассал дида мебароем. Дар таркиби он ду гурӯҳ масъалаҳои касбӣ ҷудо карда мешаванд:

- кор карда баромадан ва гузаронидани дарсҳои намудҳои гуногун;
- омодагӣ ба таълими мавзуи курси физикаи мактабӣ.

Дар доираи қисмати тартиботи мурофиавӣ ҳангоми омода намудани муаллими оянда нисбат ба лоиҳа даровардани раванди таълимӣ-тарбиявӣ аз рӯйи физика ҳалли пурраи маҷмааи масъалаҳои намунавии касбӣ (МНК) дар назар дошта мешавад:

МНК 1.1. Кор карда баромадани дарсҳои ташкил кардани элементҳои донишҳои физикӣ ва маҳоратҳои комилан мувофиқ.

МНК 1.2. Кор карда баромадани системаи дарсҳо, ки дар хонандагон мафҳум оид ба намуди муайяни донишҳои физикӣ ва методи дарёфт кардани донишҳои физикии ин намуд дар сатҳи донишҳои эмпирикӣ, ё ин ки назариявӣ ташаккул меёбанд.

МНК 1.3. Кор карда баромадани дарсҳои ташаккул додани системаи донишҳо оид ба ҳодисаҳои физикӣ ва методҳои ҳалли масъалаҳои намунавии физикӣ барои татбиқ намудани он.

МНК 1.4. Кор карда баромадани дарси ташаккул додани донишҳои амалӣ ва маҳорати ҳал кардани масъалаҳои аҳамияти амалидошта.

МНК 1.5. Кор карда баромадани дарси ташаккул додани системаи донишҳо оид ба назарияи физикӣ ва маҳорати мураттаб кардани элементҳои донишҳои физикӣ мувофиқи сохти назария.

МНК 1.6. Кор карда баромадани дарсҳои ташаккул додани донишҳои пурмазмуни фалсафӣ оид ба материя, тарз ва шаклҳои мавҷудияти он, оид ба раванди идрок.

МНК 1.7. Кор карда баромадани дарсҳои ташаккул додани системаи донишҳо – манзараи физикии олам ва маҳорати мураттаб кардани мазмуну мундариҷаи донишҳои физикӣ ва фалсафӣ мувофиқ бо сохти манзараи олами физикӣ.

МНК 1.8. Кор карда баромадани дарсҳои ташаккул додани маҳорати дар матн ёфтани элементҳои донишҳои физикӣ ва маънидод кардани маънои онҳо.

МНК 2.1. Банақшагирии солона.

МНК 2.2. Кор карда баромадани системаи масъалаҳои физикӣ.

МНК 2.3. Кор карда баромадани системаи масъалаҳои маърифатӣ.

МНК 2.4. Кор карда баромадани системаи чорабиниҳои назоратӣ.
МНК 2.5. Таҳлили илмӣ-методии мавзуъ.
МНК 2.6. Банақшагирии мавзуъ [10].

Аз тарафи муаллиф дастурамали алгоритмӣ аз рӯйи ҳалли МНК пешкаш карда шудааст, ки гузориши масъалаҳои таълимӣ-методӣ, методикаи кор карда баромадани ҳал ва ҷудо кардани донишҳои такягоҳӣ, нишон додани намунаи ҳал, мустақилона ҳал намудани МНК дар маводи муайяни физикӣ бо назорат аз рӯйи ҳар як амалиёти метод, мустақилона ҳал кардани МНК дар маводи муайян бо қайд кардани амалиёт, мустақилона ҳал кардани МНК дар маводи муайян дар намуди ихтисорро дар бар мегирад. Ҳар як марҳила аз нуқтаи назари мазмуни супоришҳои таълимӣ барои донишҷӯён ва маводҳои дидактикӣ барои кумаки корҳои мустақилонаи онҳо тавсиф дода мешавад. Таклиф барои омӯзиши мустақилонаи қисмҳои методикаи таълими физика аз рӯйи манбаи маълумотҳо пешниҳод карда мешавад. Супоришҳое, ки муаллиф пешниҳод намудааст, ба мустақилона ба даст овардани донишҳо аз рӯйи ташаккул додани маҳоратҳои намунавии таълимӣ равона карда шудааст.

Самаранокии амсилаи мазкур аз тарафи Л.А. Прояненкова дар эксперименти педагогӣ исбот карда шудаанд.

Ташкил кардани КМД дар доираи таҷрибаи педагогӣ дар кори Л.А. Манчева [6] дида баромада шудааст. Л.А. Манчева ҳисоб менамояд, ки муносибат нисбат ба назарияи таълим дар давраи таҷрибаи педагогӣ ба кор карда баромадани системаҳои супоришҳои методӣ барои донишҷӯён алоқаманд мебошад, ки дар раванди ҳал кардан ба мақсадҳое расидан мумкин аст, ки бо ташаккул додани баъзе маҳоратҳои касбии муаллими ояндаи физика алоқаманд аст.

Дар асоси тартиб додани системаи супоришҳо чунин принсипҳо ҷой доранд:

- дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорати лоиҳакашии раванди таълимӣ-тарбиявӣ; мувофиқати мазмун ва таркиби донишҳо бо таркиби ташкилдиҳандаҳои асосии системаҳои педагогӣ;
- дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорати касбӣ дар сатҳи назариявӣ (синтези дониш аз рӯйи физика, фалсафа, педагогика, психология, методикаи таълими физика) ва мувофиқ бо консепсияҳои назариявии сохти фаъолияти таълимӣ-касбӣ дар давраи таҷрибаи педагогӣ.

Ин принсипҳо (дуюм ва сеюм) то андозае навъҳои гуногунии корҳои мустақилонаро дар муаллифи мазкур муайян мекунанд.

Ба сифати асос муносибати фаъолият нисбат ба таълими донишҷӯён қабул карда мешавад.

Системаи супоришҳо шаш гурӯҳи асосиро дар бар мегирад:

I. Дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорати сохтани иерархияи мақсадҳои таълими физика дар мактаби миёна.

II. Дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорат аз рӯйи лоиҳакашӣ ва сохти таркибии маводҳои таълимӣ аз рӯйи физика.

III. Дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорати сохтани системаи масъалаҳо барои мазмуни муайяни физикӣ.

IV. Дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорати лоиҳакашии истифода бурдани эксперименти намоишӣ ҳангоми таълими хонандагон мувофиқ бо мақсадҳои гузошташуда.

V. Дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорати лоиҳакашии методҳои таълими физика барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда.

VI. Дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорати лоиҳакашии раванди таълим аз фанни физика дар ҳудуди мавзуи муайян.

И.П. Коновалов супориши таълимиро ҳамчун маҷмуи амалиётҳои мантиқии бо ҳам алоқаманд дида мебароял, ки амалӣ кардани он равандҳои хурди педагогиро таъмин менамояд: аз ҷудо кардани мақсад то дарёфт ва санҷиши

натиҷаҳо. И.П. Коновалов таснифи супоришҳоро аз нуқтаи назари фаъолият интихоб менамояд. Муаллиф қайд мекунад, ки системаи донишҳо бояд ба дарк ва аз худ кардани он маҷмуи амалиётҳои мантиқан алоқаманд, ки фаъолияти воқеии педагогиро дар пуррагии он ташкил медиҳад, равона карда шуда бошад.

Ташкилдиҳандаҳои системаи донишҳо ташкилдиҳандаҳои доираи дарк кардани ҳодисаҳои педагогӣ мебошанд. Илова бар ин, дар системаи донишҳо мушкилот, намудҳои фаъолият ва пайдарпайии амалиёт, ки донишҷӯ иҷро мекунад, ба миён меоянд. Супориш дар системаи КМД, мувофиқи назари И.П. Коновалов, аз рӯйи шаш қисм пешниҳод карда мешавад:

- Муайян кардани ҳодисаи педагогӣ.
- Гузориши мушкилот.
- Пешниҳод кардани фарзияҳо.
- Интихоб кардани амсилаи психологӣ-педагогӣ.
- Истифода бурдани консепсияҳо ва ғояҳои педагогӣ.
- Ба даст овардани хулосаҳои назариявӣ.

То соли 2008 маводҳои методӣ барои корҳои мустақилона дар худ супоришро бо татбиқ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) дар таълим дар бар намегирифтанд. Ва фақат соли 2008 чунин муаллифон, монанди М.Д. Даммер, В.К. Крахоткина, О.В. Боброва, Е.В. Оспенникова, А.А. Оспенников, Е.С. Ремизова, А.И. Назаров, А.Ф. Кавтрев, Т.А. Андреева супоришҳои методиеро пешниҳод намуданд, ки истифода бурдани захираҳои рақамии таҳсилотро дар амалияи таълимӣ дар бар мегиранд. Дар поён мисолҳои чунин супоришҳо (ниг. ба мисолҳои супоришҳои намуди нав) оварда мешаванд.

Мисолҳои супоришҳои намуди нав (супоршиҳо бо татбиқ намудани ТИК) [7, 14].

1. Муаллиф: М.Д. Даммер (2008).

- Тарзи эҷод кардани мушкилоти вазъиятӣ ва методикаи ҳал кардани онро бо ёрии эксперименти компютерӣ тавсвир кунед. Истифода бурда мешавад: «Китобхонаи дастурҳои аёнӣ». Супориши видеоии «Магар шиша шаффоф аст» аз қисми «Тасаввуротҳои умумӣ оид ба рӯшноӣ».
- Кор карда баромадани системаи табиӣ ва эксперименти компютерӣ аз рӯйи мавзуи «Муҳаррикҳои ҳароратӣ».
- Аломатҳои муҳимми мафҳуми «кор» ва «тавоноӣ», «энергия»-ро дар курси физикаи мактабҳои асосӣ (граф-схемаро тартиб диҳед) ҷудо кунед ва системаи корҳои мустақилонаи хонандагонро бо татбиқ намудани захираҳои таҳсилоти рақамӣ (ЗТР) тасвир кунед.
- Мазмун ва методикаи гузаронидани дарсро, ки мақсад аз мураттаб сохтани дониш аз рӯйи мавзуи «Ҳодисаҳои ҳароратӣ»-и курси физикаи мактабҳои асосӣ мебошад, тасвир кунед.
- Мазмун ва методикаи гузаронидани корҳои экспериментали аз рӯйи мавзуи «Гидроаэростатика»-ро бо татбиқ намудани ТИК тасвир кунед.
- Аломатҳои муҳимми мафҳуми «лаппиши механикӣ»-ро (граф-схемаро тартиб диҳед) ҷудо кунед. Системаи машқҳоро бо татбиқ намудани ТИК пешниҳод намоед.
- Методикаи хотимавии мураттабии донишро оид ба масса дар синфи 11 бо истифода бурдани ТИК тасвир кунед.
- Мазмуни лаҳзаи дарсро бо эксперименти намоишӣ аз рӯйи омӯзиши қонуни дуюми Нютон бо истифода бурдани ТИК пешниҳод намоед.

2. Муаллифон: В.К. Крахоткин, О.В. Бобров (2008)

- Кор карда баромадани корҳои лабораторӣ барои хонандагони синфҳои 7-9 бо истифода бурдани лабораторияи рақамии «Архимед».

- Кор карда баромадани эксперименти намоишӣ бо истифода бурдани лабораторияи рақамии «Архимед» аз рӯйи мавзуъҳои: «Ҳодисаҳои электрикӣ», «Майдони электромагнитӣ».
- Сохтани «захираҳо»-и методии муаллими физика аз рӯйи истифода бурдани ТИК оид ба мавзуъҳои: «Сохти атом ва ядрои атом», «Асосҳои механика», «Майдони электромагнитӣ», «Ҳодисаҳои электрикӣ», «Тағйирёбии ҳолатҳои агрегатии модда».

3. Муаллифон: Е.В. Оспенникова, А.А. Оспенников (2008)

- Омода намудани коллексияи объектҳои таълимии виртуалӣ ба эксперименти намоишии физикӣ.
- Дар асоси маводҳо кор карда баромадани коллексияи супоришҳои ташхисии тестӣ барои корҳои фронталӣ (рӯ ба рӯ) бо хонандагон аз рӯйи мазмуни эксперименти намоишии физикӣ.
- Кор карда баромадани маводҳои рақамии дидактикӣ аз рӯйи мазмуни эксперимент.
- Намоиши видеоии таҷрибаи табиӣ.
- Кор карда баромадани лаҳзаи маҷмааи таълимӣ-методии (МТМ) машғулияти таълимӣ, ки гузаронидани эксперименти намоишии физикиро дар шароити истифода бурдани воситаҳои ТИК- ро дар бар мегирад.
- Омодагӣ ва намоиши лаҳзаи машғулият, ки эксперименти намоишии физикиро бо татбиқ намудани ТИК ва лавозимоти муосири донишро (бозиҳои навардӣ) дар бар мегирад.

4. Муаллифон: Е.В. Оспенникова, Н.А.Оспенников (2008)

- Кор карда баромадани системаи донишҳо барои корҳои мустақилона, ки барои истифода бурдани хонандагони мактабҳои миёна маводҳои ЗТР ва лавозимотҳои нави фаъолияти таълимӣ ҳангоми омода ва иҷро кардани эксперименти лабораторӣ равона карда шудааст.
- Сохтани маҷмааи маводҳои рақамии дидактикӣ барои машғулиятҳои лабораторӣ аз фанни физика дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ.
- Кор карда баромадани МТМ- и машғулиятҳои лабораторӣ, ки аз тарафи хонандагон истифода бурдани захираҳо ва лавозимоти муҳити таълимиро дарбар мегирад.

5. Муаллифон: Е.В. Оспенникова, Е.С. Ремизова (2008)

- Кор карда баромадани элементҳои маҷмааи маводҳои рақамии дидактикӣ барои корҳои мустақилонаи хонандагон бо захираҳои таълимӣ аз рӯйи таърихи ФФЭ.
- Кор карда баромадани МТМ-и машғулиятҳо, ки ташкил кардани корҳои таълимии мактаббачагонро бо ҳисобкуниҳои рақамӣ аз рӯйи таърихи имтиҳонҳо дарбар мегирад.

6. Муаллифон: А.И. Назаров, А.Ф. Кавтрев, Т.А. Андреева (2008)

- Асоснок кардани мубрамияти донишҳо ва маҳоратҳо аз рӯйи мавзӯъҳои «Электростатика» ва «Индуксияи электромагнитӣ»- и курси «Физикаи умумӣ ва эксперименталӣ» бо ёрии ТИК.

Интихоб кардани мавод барои лоиҳакашии дарс аз рӯйи ҳалли масъалаҳо.

Дар доираи таҳқиқот таҳлили маводҳои методӣ анҷом дода шуда буд, ки ба ташкил кардани КМД аз рӯйи «Методикаи таълими физика» дар давраи солҳои 1974-2009 тааллуқ дорад.

Ҳамин тариқ, ду амсилаи сохтани системаи КМД мавҷуд аст:

1. Асмилаи классикӣ (А.В. Усова, Л.И. Рубинова, Е.В. Оспенникова ва дигарон). Аз мазмуни барномаҳои курс ва тавсифи тасниф/салоҳияти хатмкунандагон бармеояд, ки дар ин амсила системаи супоришҳо ташаккул меёбад. Аксарияти муаллифон КМД- ро дар доираи амсилаи мазкур кор карда

мебароянд. Фарқ дар системаҳои пешниҳодшуда дар мазмуни гуногунии навъҳои супоришҳо мебошад.

2. Амсилаи ғайрианъанавӣ (Л.А. Прояненкова): системаи корҳои мустақилона аз масъалаҳои намунавии касбии муаллими физика ва зерсупоришҳо, ки мазмуни онҳоро мекушояд, иборат аст. Мазмуни фан дар раванди ҳалли масъалаҳои намунавӣ дар асоси корҳои мустақилона аз худ карда мешавад.

Новобаста аз амсилаи сохтани системаҳои КМД мушкилоти гуногунии навъҳои супоришҳои таълимӣ метавонад нисбатан ҳалли мустақилона дошта бошад.

Мушкилоти ҷустуҷӯйи муносибатҳо нисбат ба муайян кардани системаҳои КМД мавҷуд аст. Ба назари мо, се намуд муносибатҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

- муносибати эмпирикӣ: омӯзиши маводҳои методӣ, ки ба мазмун ва ташкил кардани КМД, таҳлили супоришҳо барои КМД, ҷудо кардани навъҳо ва намудҳои онҳо, сохтани диаграммаи таносуби миқдории супоришҳои навъҳо ва намудҳои гуногун тааллуқ доранд;
- муносибати назариявӣ: сохтани системаҳои супоришҳо дар асоси амсилаи ҷамъбастии раванди таълим.
- муносибати меъёрӣ: аз консепсияҳо ва мазмуни стандартҳои таҳсилот сохтани системаи супоришҳо бармеояд. Барои наслҳои гуногуни стандартҳо тамоил барои пурра муайян кардани натиҷаҳои омодагии касбии мутахассисон характернок аст. Муносибати мазкур дар қатори умумӣ ҷойгир нест, зеро ки стандартҳои таҳсилот, чун қоида, дар худ натиҷаҳои пештар иҷро кардашудаи таҳқиқотро ҳамчун аз ҳама бештар масъалаҳои тараққикарда ва масъулиятноки мубрами рушди иҷтимоии ҷамъият интихоб мекунанд.

Дар мақолаи мазкур мазмун ва натиҷаҳои муносибати эмпирикӣ нисбат ба муайян кардани намудҳои КМД дида баромада шудааст. Таҳлили дастурҳои методӣ (тақрибан 20 манбаъ), ки ба мушкилоти ташкил кардани КМД бахшида шудаанд, нишон дод, ки ба донишҷӯён, чун қоида, панҷ намуд супоришҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Омӯзиш ва маводҳоро аз манбаъҳои гуногуни иттилоот мазмунро мухтасар навишта гирифтан.

Мисол:

- таърифи воҳидҳои асосии ҳар як курси физикаро аз рӯйи маҷаллаи «Физика дар мактаб» мухтасар карда навишта гиред (муаллиф: Л. Ансиферов) [7];
- аз барномаҳо навишта гирифтани номгӯйи маҳоратҳои тавсифи политехникӣ дошта, ки хонандагони синфҳои 6-7 бояд дар раванди омӯзиши курси физика аз худ намоянд (муаллифон: А.В. Усова, Л.И. Рубинова, 1982) [11, с.12].

2. Омода намудани тафсирҳои кӯтоҳи аналитикӣ.

Мисол:

- иҷро кардани таҳлили масъалаҳои муайян дар дидактикаҳои хусусӣ (ҷузъӣ) (методикаи таълими математика, методикаи таълими физика) (муаллифон: А.В. Усова, Н.Н. Тулкибаева) [4];
- омода кардани таҳлили танқидии масъала барои қонуни бақои импулс, ки дар китоби дарсӣ ва маҷмуи масъалаҳои таҳияи П.А. Римкевич мавҷуд аст (муаллифон: А.В. Усова, З.А. Вологодская) [15].

3. Супориш барои аниқ кардани донишҳои методӣ.

Мисол:

- мазмуни мухтасари лаҳзаҳои дарсро навишта гирифтан, ки яке аз тарзҳои эҷод кардани мушкилоти вазъиятиро дар дар дарс тавсиф мекунад (муаллиф: В.Л. Кокшаров) [8];
- номгӯйи супоришҳои назоратиро нисбат ба масъалаи пешниҳодшуда барои мавзуи «Ҳодисаи электрикӣ» тартиб диҳед (муаллиф: В.Л. Кокшаров) [8].

4. Лоиҳакашии раванди таълим дар доираи мавзуи муайян.

М и с о л :

- ➢ таҳлил кардани қисми китоби дарсии А.В. Перишкина «Физика»-и синфи 7 «Фишори ҷисмҳои сахт, моеъҳо ва газҳо» ва пешниҳод кардани нақшаи нави омӯзиши мавзуи мазкур (муаллиф: В.Л. Кокшаров) [8];
- ➢ тавсиф кардани методикаи ташкил ва кор карда баромадани МТМ-ии 2 дарсҳои ҳалли масъалаҳо дар мавзӯи «Фишори ҷисмҳои сахт, моеъҳо ва газҳо» (муаллиф: В.Л. Кокшаров) [8];
- ➢ кор карда баромадани МТМ-ии машғулият, ки ташкил кардани корҳои таълимии мактаббачагонро бо ҳисобкуниҳои рақами аз рӯйи имтиҳонҳо дар бар мегирад (муаллифон: Е.В. Оспенникова, Е.С. Ремизова) [16].

5. Лоиҳакашии воситаҳои таълимӣ.

М и с о л :

кор карда баромадани мазмуни супоришҳо барои корҳои назоратӣ аз рӯйи мавзуи «Сохти атом ва ядрои атом» (муаллифон: В.К. Крахоткина, О.В. Боброва) [16];

- ➢ тестҳо тартиб диҳед, ки мақсадаш – ин маънидод кардани дараҷаи аз ҷониби хонандагон аз худ кардани мавзуи «Ҳодисаи электрикӣ» бошад (муаллиф: В.Л. Кокшаров) [3];
- ➢ кор карда баромадани мазмуни корҳои лабораторӣ барои хонандагони синфҳои 7-9 бо истифода бурдани лабораторияҳои рақамӣ (муаллифон: В.К. Крахоткина, О.В.Боброва) [16].

Маълум аст, ки намудҳои асосии фаъолият, ки ба омодагии касбии мутахассисони оянда нигаронида шудаанд, бояд асоси кор карда баромадани системаҳои супоришҳо барои КМД-ро ташкил диҳанд.

**Муқарриз: Бозоров Х. – н.и.п., дотсенти ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Государственный образовательный стандарт высшего профессионального образования. Специальность 1-02.05.02 физика с дополнительной специальностью. - Москва, 1005.
2. Ибрагимов Г.И. Педагогический эксперимент: проблемы и основные направления совершенствования / Г.И.Ибрагимов // Педагогика. -1010. -№ 3. -С. 10—17.
3. Ларионов В. В., Зеличенко В. М., Пак В.В. Совместная деятельность студентов на практических занятиях по физике: формирование физических идей на уровне проекта / В. В.Ларионов, В. М.Зеличенко, В.В. Пак // Вестн. Томск. гос. пед. ун-та (Tomsk State Pedagogical University Bulletin). 2012. Вып. 2 (117). -С. 147–151.
4. Ларионов В. В. Об экспериментальной поддержке семинарских занятий по физике в профильной школе / В. В.Ларионов, А. М. Вернигора // Школа будущего. -2012. -№ 5. -С. 27–31.
5. Ларченкова Л. А. Образовательный потенциал учебных физических задач в современной школе: автореф. дис…. д-ра пед. наук: 13.00.02 / Ларченко-ва Людмила Анатольевна. -СПб., 2014. -42 с.
6. Манчева Л.А. Совершенствование профессиональной подготовки студентов –будущих учителей физики в условиях университетского образования в НРБ / Л.А. Манчева. – М., 1983.
7. План изучения методики физики. Сост. Л. Анциферов. – Курск, 1977.
8. План семинарских занятий по курсу «Разработка моделей учебных занятий». Сост. В.Л. Кокшаров. –Пермь, 1998.
9. Планы спецкурсов и спец. семинаров по методике преподавания физики. Сост. А.В. Усова, З.А. Вологодская, Н.Н. Тулькибаева. –Челябинск, 1978.
10. Прояненкова Л.А. Методическая подготовка будущих учителей к решению типовых задач организации учебно-воспитательного процесса по физике: проблема, концепция, модель. – М., 2009. –160 с.
11. Савенков А.И. Психологические основы исследовательского подхода к обучению: учебное пособие / А.И. Савенков. -Москва: Ось-89, 2006.
12. Система самостоятельных работ в связи с лекционным курсом по методике преподавания физики: метод. рекомендации для студентов пединститутов. Под ред. А.В. Усовой. – Челябинск, 1982.
13. Теория и методика обучения физике в школе: Общие вопросы: учебное пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений. С.Е. Каменецкий, Н.С. Пурышева, Н.Е. Важеевская и др.. Под ред. С.Е. Каменецкого, Н.С. Пурышевой. Москва: Изд. центр «Академия», 2000.
14. Усова А.В. Формирование у школьников научных понятий в процессе обучения / А.В. Усова. - Москва: Педагогика, 1986.

15. Усова А.В. Планы лекций и практических занятий по методике физики. Задания для самостоятельных работ / А.В. Усова, З.А. Вологодская. – Челябинск, 1977.
16. Цифровые образовательные ресурсы в школе: методика использования. Естествознание: сб. учеб.-метод. материалов для педагогических вузов. Сост. Н.П. Безрукова, А.С. Звягина, Е.В. Оспенникова. Под общ. ред. Е.В. Оспенниковой. –М.: Университетская книга, 2008. –480 с.

## МАЗМУНИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСИ ПЕДАГОГӢ АЗ ФАННИ НАЗАРИЯ ВА МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФИЗИКА

Дар мақолаи мазкур мушкилоти ташкил кардани корҳои мустақилонаи донишҷӯён ҳангоми таълими физика дида баромада шудаанд. Таҳлил давраи таърихии калонро (1980-2020) дар бар мегирад. Дар Стандартҳои давлатии таҳсилоти зинаи бакалавриат қисмати вақти таълимӣ, ки ба корҳои мустақилонаи донишҷӯён (КМД) ҷудо карда шудааст, зиёд карда шудааст. Вобаста ба ин талабот нисбат ба ташкил кардани корҳои мустақилонаи донишҷӯён ва натиҷаҳои он меафзояд. Барои ин нав кардани мазмун, методикаи ташкил кардани КМД, воситаҳои ёрирасони дидактикии он зарур аст. Талаботҳои мазкур ба ҳамаи фанҳо, аз он ҷумла ба фанни назария ва методикаи таълими физика тааллуқ доранд. Мушкилоти муайян кардани мазмуни КМД, намудҳои он, талабот ба супоришҳо пайдо мешавад. Дар мақола мафҳумҳои корҳои мустақилона, мустақилияти фаъолияти таълимӣ, намудҳо ва сатҳи соҳибихтиёрӣ, роҳҳои фаъол гардонидани мустақилияти хонандагон ва донишҷӯён бо ёрии шаклҳои машғулиятҳои таълимӣ ва методҳои гузаронидани онҳо ва ғайраҳо кушода дода шудаанд. Дар як қатор таҳқиқотҳо корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар алоқаи наздик бо хусусиятҳои мантиқӣ-мазмунии фанҳои муайяни тахассусӣ дида баромада шудаанд. Дар асоси таҳлили таҳқиқотҳои иҷро карда шуда оид ба он ки барои иҷро кардани санҷиши сохтани баъзе системаи донишҳо барои КМД, ки ба омодагии касбӣ-методӣ равона карда шудааст, хулосаҳои саҳеҳ бароварда шудааст. Дар доираи таҳқиқоти мазкур таҳлили маводҳои методӣ анҷом дода шуд, ки ба ташкил кардани КМД аз рӯйи «Методикаи таълими физика» тааллуқ доранд.

**Калидвожаҳо:** назария ва методикаи таълими физика, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, татбиқ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, мустақилият дар фаъолият, мустақилият дар фаъолияти назоратӣ-санҷишӣ, мустақилият дар асоси типологияи шахсият.

## СОДЕРЖАНИЕ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ СПЕЦИАЛЬНОСТИ ПО ПРЕДМЕТУ «ТЕОРИЯ И МЕТОДЫ ПРЕПОДАВАНИЯ ФИЗИКИ»

В статье рассматриваются проблемы организации самостоятельной работы студентов по методике преподавания физики. Анализируются наиболее интересные подходы к изучению систем самостоятельной работы. Анализ охватывает длительный исторический период (1980-2020 годы).Государственные стандарты бакалавриата увеличивают долю учебного времени, отводимого на самостоятельную работу студентов (DSS). В связи с этим растет потребность в организации самостоятельной работы студентов и их результатов. Для этого необходимо обновить содержание, методы организации DMC, его дидактические средства. Эти требования распространяются на все дисциплины, включая предмет «Теория и методика преподавания физики». Существуют трудности с определением содержания ДКК, его типов и требований к заданиям.В статье разъясняются понятия автономии, самостоятельной работы, самостоятельности образовательной деятельности, типы и уровни суверенитета, способы активизации самостоятельной работы школьников и студентов через формы и методы обучения и т. В ряде исследований была изучена самостоятельная работа студентов в тесной связи с логическими и содержательными особенностями отдельных дисциплин. На основании анализа проведенного исследования были сделаны точные выводы о необходимости апробировать построение некой системы знаний для ДКК, которая направлена на профессиональную подготовку. В рамках данного исследования был проведен анализ методических материалов, связанных с формированием ДМК по «Методике преподавания физики».

**Ключевые слова:** теория и методика обучения физике, самостоятельная работа студентов, применение информационных и коммуникационных технологий, самостоятельность в деятельности, самостоятельность в контрольно-тестовой деятельности, самостоятельность на основе типологии личности.

## CONTENT OF INDEPENDENT WORK OF STUDENTS OF PEDAGOGICAL SPECIALTY ON THE SUBJECT "THEORY AND METHODS OF TEACHING PHYSICS"

The article deals with the problems of organizing students' independent work according to the methods of teaching physics. The most interesting approaches to the study of independent work systems are analyzed. The analysis covers a long historical period (1980-2020). Government standards for undergraduate studies increase the proportion of study time devoted to student self-study (DSS). In this regard, there is a growing need for organizing students' independent work and their results. For this, it is necessary to update the content, methods of organizing the DMC, its didactic means. These requirements apply to all disciplines, including the subject

"Theory and Methods of Teaching Physics". There are difficulties in defining the content of the DCC, its types and requirements for assignments.The article explains the concepts of autonomy, independent work, independence of educational activity, types and levels of sovereignty, ways of activating the independent work of schoolchildren and students through the forms and methods of teaching, etc. features of individual disciplines. Based on the analysis of the conducted research, precise conclusions were made about the need to test the construction of a certain knowledge system for DCC, which is aimed at professional training. Within the framework of this study, an analysis of methodological materials related to the formation of the DMC according to the "Methods of teaching physics" was carried out.

**Key words:** theory and methodology of teaching physics, independent work of students, application of information and communication technologies, independence in activity, independence in control and test activities, independence based on personality typology.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Қодирова Дилафрӯз Толибовна*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи материалҳо. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров-16. Телефон: **988-45-51-47**, E-mail: **dilafruz.71@mail.ru**

***Тошматов Абдунабӣ Давлатович*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, дотсенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров-16. Телефон: **907-71-72-44;**

**Сведение об авторах:** ***Кодирова Дилафруз Толибовна*** - Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, доцент кафедры методики преподавания физики и технологии материалов. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. С. Сафарова,16

Телефон: **988-45-51-47**, E-mail: **dilafruz.71@mail.ru**

***Тошматов Абдунаби Давлатович*** - Кулябский государственный университет имени А. Рудаки,, доцент кафедры общей и теоретической физики. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. С. Сафарова,16 Телефон: **907-71-72-44**

**Information about the authors:** ***Kodirova Dilafruz Tolibovna*** **-** Kulyab State University named after A. Rudaki, Associate Professor of the Department of Methods of Teaching Physics and Technology of Materials. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, st. S. Safarova, 16. Phone: **988-45-51-47,** E-mail: **dilafruz.71@mail.ru**

***Toshmatov Abdunabi Davlatovich*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Associate Professor of the Department of General and Theoretical Physics. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, st. S. Safarova, 16 Phone: **907-71-72-44;**

УДК:37.051

# ВИЖАГИҲОИ АМАЛҲОИ ТАЪЛИМИИ ИРТИБОТӢ-МУОШИРАТӢ ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

***Наимова Д.Д.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар марҳалаи ҳозираи рушди низоми маориф омӯзиши забонҳои хориҷӣ аҳамияти махсус дорад ва масъалаи тайёр кардани хонандагон ба муошırати пурмаҳсул ва амалисозии қобилиятҳои онҳо дар соҳаи ҳамкории «шахс-шахс»-ро ба худ мегирад. Тағйироти динамикӣ дар ҷаҳон ва зарурати вокуниши мувофиқ ба онҳо рушди соҳаи иртиботӣ-муоширатии муҳассилинро дар шароити таҳсилоти мактабӣ мувофиқ месозад.

Барои он ки дар ин соҳаи фаъолият муваффақона амалӣ гардад, сифатҳое доштан лозим аст, ки ба талаботи, фаъолияти касбии шахсияти коркун мувофиқ бошад. Муҳимтарини онҳо қобилияти барқарор кардан ва нигоҳ доштани робита бо дигарон ва ташкили фаъолияти худ ва атрофиён мебошанд. Аз ин рӯ, яке аз ҷиҳатҳои тайёр кардани мутахассисони муваффақ рушди соҳаҳои иртиботӣ-муоширатӣ мебошад.

Педагогҳо дар дарсу машғулиятҳо усулҳои фаъоли таълимро истифода мебаранд. Ба онҳо амали бозсозӣ ва хусусияти эҷодии омӯзиш, интерактивят, истифодаи навъҳои гуногуни муошират, муколама ва полилог хос аст.

Дар баробари ин, на танҳо тамоюлҳои муҳассилинро ташаккул ва рушд додан, балки натиҷаҳои онро назорат кардан лозим аст, аз ин рӯ, омӯзиши майлҳои иртиботӣ-муоширатӣ ба низоми ташхиси муҳассилин дохил карда шудааст.

Дар марҳилаи ҳозираи рушди Тоҷикистон ва ташаккули муносибатҳои он бо дигар кишварҳо, ҳам барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва ҳам барои истифодаи самараноки онҳо дар муошират шароити мусоид ба вуҷуд омадааст. Донистани забонҳои хориҷӣ барои муҳассилин имконоти нав мекушояд: шарти ҳатмии идомаи таҳсил дар хориҷа, таҳкими робитаҳои байналмилалӣ мебошад. Татбиқи муошırати забонӣ як масъалаи таъхирнопазир боқӣ монда, дар раванди таълим ҷорӣ намудани усулҳо ва шаклҳои нави таълимро талаб мекунад. Дар амалияи таълими забонҳои хориҷӣ дар раванди таълим фаъолона ҷорӣ намудани шаклҳои интерактивӣ хеле умедбахш аст. Истифодаи чунин шаклу усулҳои таълим хеле маъмул гаштааст ва сабаби ин номутобиқати сатҳи маҳорати меъёрҳои иртиботӣ-муоширатӣ ва раванди воқеии муошират буд. Ба ҳама маълум аст, ки донистани забони хориҷӣ имрӯз зарурати воқеӣ аст. Дар байни ҷавонон имрӯз омӯзиши забони англисӣ, иштирок дар курсҳои забономӯзӣ, маҳфилҳои гуфтугӯӣ хеле маъмул аст. Аксар волидон фарзандони худро аз хурдӣ ба курсҳои забони англисӣ мефиристанд, зеро медонанд. Ҳадафи асосии таълими забонҳои хориҷӣ, чунонки маълум аст, омода намудани шахс барои иштироки самаранок дар муколамаи фарҳангҳо, рушди иҷтимоию фарҳангии ӯ, ташаккули салоҳияти иртиботии муҳассил мебошад, ки қариб дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт зарур аст.

Дар айни замон дар таълими забонҳои хориҷӣ ба муошират, интерактивият, омӯзиши забон дар заминаи фарҳангӣ, мустақилият ва гуманизатсияи омӯзиш талаботи зиёд вуҷуд дорад. Ин принсипҳо имкон медиҳанд, ки салоҳияти

байнифарҳангӣ рушд дода шавад ва қобилияти муошират афзоиш ёбад. Ҳадафи ниҳоии таълими забонҳои хориҷӣ таълими озодона аст. Барои таълими муошират бо забони хориҷӣ бояд вазъиятҳои воқеии ҳаётӣ, яъне принсипи ҳақиқии муошират эҷод карда шаванд, ки омӯзиши маводро ҳавасманд карда, рафтори мувофиқро рушд медиҳанд. Хусусияти интерактивии таълим ба хонандагон имкон медиҳад, ки бо ҳамдигар робита дошта, ба ин раванд омӯзгор, ки ҳамчун ташкилкунандаи раванди таълим баромад мекунад, ҷалб карда шавад. Ин стратегияро равиши ба хонанда нигаронидашуда меноманд ва истифодаи дурусти он имкон медиҳад, ки вобаста ба шаклҳои интерактивии истифодашуда то 50-90% азхудкунии маводи таълимӣ муяссар гардад.

Муаллим бо интихоби шаклу усулҳои таълим, ки қобилияти эҷодии хонандагонро ошкор мекунанд, барои онҳо имконоти нав мекушояд. Дар баробари ин, ба инобат гирифтани тамоми омилҳо, аз ҷумла психологӣ, хеле муҳим аст, зеро муҳассилин монеаи муайяни равониро паси сар мекунанд, муошират кардан, иртибот барқарор карданро дар муҳити забони хориҷӣ меомӯзанд. Омӯзиши иртиботу муошират, истифодаи чунин шаклҳои муассир, ба мисли интерактивият, аз муаллим талаб мекунад, ки дар дарс вазъиятҳои фаъоли мутақобила эҷод кунад.

Истифодаи усулҳои интерактивии таълим самаранокии раванди таълимро баланд мебардорад, зеро он вазъиятҳои воқеии ҳаётро ба вуҷуд меорад ва хонандагонро ба вокуниши мувофиқ ба онҳо тавассути забони хориҷӣ водор мекунад ва ҳамин тариқ, малакаҳои муоширати хонандагонро ташаккул медиҳад.

Интерактивӣ будани таълим нисбат ба таълими забони хориҷӣ ҳамчун амали мутақобилаи шифоҳии ду ё зиёда одамон дар раванди муошират фаҳмида мешавад. Шаклҳои омӯзиши интерактивӣ имкон медиҳанд, ки ба ҳадафҳои чунин сатҳҳо, аз қабили дониш, фаҳмиш, татбиқ ноил гардед, ки барои ташаккули малакаҳои муоширату иртибот хеле муҳим аст. Шаклҳои гуногуни интерактивии таълими забонҳои хориҷӣ мавҷуданд, аз қабили бозиҳои таълимӣ (нақшбозӣ, корӣ, таълимӣ), супоришҳои эҷодӣ, экскурсияҳо, намоишгоҳҳо, спектаклҳо, суҳбатҳо, ҳуҷуми зеҳнӣ ва ғайра.

Раванди таълим бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагон дар ин раванд яксон иштирок кунанд, бо ҳамдигар фаъолона ҳамкорӣ кунанд. Ҳама иштирокчии фаъоли раванди педагогӣ гарданд. Шаклҳои интерактивии таълими забонҳои хориҷӣ ба рушди малака ва қобилиятҳои муошират, қобилияти кор кардан дар даста, гӯш кардани андешаи дигарон ва ҳимояи нуқтаи назари худ мусоидат мекунанд.

Дар рафти истифодаи шаклҳои интерактивии таълим шавқи умумӣ ба омӯхтан ва ҳавасмандии омӯзиши забони хориҷӣ ташаккул меёбад. Дар дарсу машғулияти забони хориҷӣ шаклҳои гуногуни интерактивии дарсро метавон истифода бурд, аз қабили дарс-экскурсия, экскурсияи маҷозӣ, дарс-баҳс, кор дар гурӯҳ ва ғайра.

Дар марҳилаи дуюм донишҷӯ амалеро дар шакли беруна, моддӣ (ё маънавӣ) бо истифодаи ҳамаи амалиётҳои ба он дохилшуда иҷро мекунад. Дар ин ҳолат ҳамаи ҷузъҳои амалиёт иҷро мешаванд. Дар ин ҷо хонандагон мундариҷаи амалро меомӯзанд ва омӯзгорон метавонанд иҷрои ҳар як амалиёти ба амал дохилшударо

назорат кунанд.Дар ин марҳила, бояд вазифаҳо, аз ҷумла ҳолатҳои маъмулии татбиқи ин амал пешниҳод карда шаванд, ки барои азхудкунии амал ҳамчун мавод заруранд. Тайёрӣ ба гузариши амал ба марҳилаи дигар аз омезиши фаъолияти моддӣ, амалӣ бо сухан иборат аст.

Марҳилаи сеюм ташаккули амалро ҳамчун нутқи беруна фаро мегирад. Дар ин ҳолат, амал бо роҳи ворид кардани ҳолатҳои дорои шароити номуайян ба раванди таълим умумӣ карда мешавад.

Марҳилаи чорум амалиёти гуфтугӯ бо худро фаро мегирад. Дар оғози ин марҳила амал аз рӯйи вижагиҳояш аз амали марҳилаи сеюм фарқ намекунад. Аммо ҳамин ки шакли зеҳнӣ гирифт, коҳиш меёбад, автоматизатсия мешавад ва шакли амалро мувофиқи формула мегирад [5].Марҳилаи панҷум ташаккулёбии амалро дар нутқи ботинӣ фаро мегирад, вақте ки амал автоматӣ мешавад.Ҳамин тариқ, ҳар як амали нав бояд аввал ба кор андохта шавад; он бояд танҳо дар марҳилаи охирин ба автоматика оварда шавад. Вобаста аз намуди амалиёт, ё тамоми амал ё танҳо қисмати тахминии он марҳила ба марҳила коркард мешаванд. Расидан ба марҳилаи азхудкунии амал маънои ба охир расидани рушди онро надорад. Истифодаи он дар оянда барои ҳалли масъалаҳои мухталиф метавонад аз донишҷӯ талаб намояд, ки амалҳоро экстерериозӣ кунад, онҳоро дар нутқи беруна ё шакли моддӣ иҷро кунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон тағйиротҳои ҷаҳониро таъкид карда, зикр намуданд: «Вақте мо дар бораи тарбияи насли наврас мегӯем, набояд фаромӯш кунем, ки онҳоро бояд дар мактабҳо бо таҷҳизотҳои муосир муҷаҳҳаз, аз ҷумла компютерҳо таъмин намоем» [10].Фаъолияти инсон ба ақидаи равоншиносон, аз ангезаҳои ин фаъолият ба вуҷуд меояд. Вақте ки ҳадафи вазифа бо ангеза рост меояд, амал ба фаъолият табдил меёбад. Нақши ангеза хеле баланд аст, аз ин рӯ, дар баробари марҳилаҳои асосии раванди азхудкунии амалҳои нав муҳаққиқ П.Я.Галперин ҳамчун як марҳилаи мустақили ташаккули ҳавасмандии фаъолият дар хонандагон ҷудо мекунад.

Мувофиқи марҳилаҳои номбаршуда, мусаллам аст, ки АҶТ иртиботӣ-муоширатӣ низ бояд рушд кунад.Рушди АҶТ иртиботӣ-муоширатӣ барои хонандагони синфҳои миёна аҳамияти хосса дорад. Синни мураккабтарини таълимӣ наврасӣ ҳисобида мешавад, ки дар он давраи балоғат ба амал меояд, ки сабаби инҳирофҳои гуногуни психофизиологӣ ва рӯҳӣ мешавад. Вижагиҳои ин давра афзоиши тағйирёбии руҳия, ноустувории эҳсосӣ, афзоиши норозигӣ мебошанд.

Аммо, бо он ки вазъи иҷтимоӣ дар мактаб ва оила тағйир намеёбад, наврас ба мубориза барои эътирофи ҳуқуқҳои худ шуруъ мекунад, ки муноқишаҳоро бо калонсолон ва ҳамсолон ба вуҷуд меорад.Барои наврас муошират ба фаъолияти асосӣ табдил ёфта, ҷанбаи маҳрамона ва шахсӣ дорад. Дар муошират ҳамсол мавзуи муошират аст ва сохтан ва нигоҳ доштани муносибат бо ӯ мазмуни он мебошад. Ин нуқтаи назарро муҳаққиқон Д.Б.Элконин, Т.В.Драгунов пешниҳод кардаанд.

Дар раванди муошират наврасон аксар вақт бо мушкилоти гуногун дучор меоянд. Мувофиқи таҳқиқоти психологӣ, наврасон аксар вақт на танҳо бо калонсолон, балки бо ҳамсолони худ муошırати муваффақона барқарор карда наметавонанд: онҳо на ҳама вақт чӣ гуна гӯш кардан ва фаҳмидани дигарро медонанд, нуқтаи назари худро таҳия ва дифоъ карда наметавонанд. Аксар вақт, наврас ба ҷойи таҳлили мушкилот ва ҷустуҷӯи роҳҳои мувофиқи он мекӯшад, ки ба объекти зиддият шадидан таъсир расонад ва амалҳое ба амал оварад, ки ба муноқиша оварда мерасонанд. Имрӯзҳо проблемаи муноқишаҳои наврасон актуалӣ аст, зеро мо ҳар рӯз дар кӯча, дар мактаб ба он дучор меоем. Афзоиши шумораи ноболиғони дорои рафтори девиантӣ ва амалҳои зиддиҷамъиятӣ (авбошӣ, бетартибӣ, майзадагӣ ва ғ.) низ ба қайд гирифта шудааст. Мо боварӣ дорем, ки ин мушкилот, пеш аз ҳама, бо сатҳи пасти салоҳияти иртиботӣ-муоширатӣ ва иҷтимоии наврасон алоқаманд аст. Барои кам кардани шиддати чунин падидаҳо ва пешгирии пайдоиши онҳо, дар хонандагон амалҳои тарбиявии иртиботӣ-муоширатии универсалиро рушд додан зарур аст.Мухтасар вижагиҳои синнусолии рушди фаъолияти иртиботӣ-муоширатии наврасонро баррасӣ мекунем:

1.Тақвияти рушди тафаккури расмӣ, назариявӣ, инъикосӣ ва мулоҳизакорӣ. Хонандагони синфҳои миёна мулоҳиза ронданро ба тарзи гипотезӣ-дедуктивӣ, ҷамъбаст ва хулосабарорӣ, мустақилона фикр кардан, эҷодкорона алоқа намудан, робитаҳои сабабу натиҷаҳоро барқарор кардан, далелҳо овардан, баҳс карданро меомӯзанд. Наврасон чунин амалҳо аз қабили таҳлил, муқоиса, абстраксия, индуксия ва ғ. истифода мебаранд. Тафаккури онҳо мустақил, фаъол ва эҷодкор мегардад.

2.Такмил додани роҳи ҳалли мушкилоти иртиботӣ-муоширатӣ.

Ҳамин тавр, ҳангоми тавсифи ҳар як ҳодиса, наврас қодир аст, ки робитаҳои дохилии сабабу натиҷаҳои рӯйдодҳоро идома диҳад ва на танҳо онҳоро бозгӯ кунад. Дар айни замон, наврасон мекӯшанд, ки сабабҳои рӯйдодҳоро пайдо кунанд ва онҳоро асоснок кунанд. Гузариш ба усули дедуктивии сохтани тавзеҳ амалӣ карда мешавад. Дар наврасон муносибати дифференсиалӣ ба вазифаҳо меафзояд, гарчанде ки онҳо фарқи байни исбот ва боваркуниро то ҳол суст фарқ мекунанд.

3.Гирифтани малакаҳои ҳамкории иҷтимоӣ бо гурӯҳи ҳамсолон. Фаъолияти таълимии наврасон асосан инфиродӣ идома дорад, аммо дар корҳои беруназсинфӣ аксар вақт ҳамкориҳои воқеӣ ба роҳ монда мешаванд. Дар ин ҷо робитаҳои дӯстона мавҷуданд, бинобар ин наврасон эҳсос мекунанд, ки малакаҳои ҳамкории иҷтимоӣ бо гурӯҳи ҳамсолон ва қобилияти пайдо кардани дӯстонро пайдо мекунанд.

4.Бартараф кардани эгосентризм. Бо андухтани таҷрибаи муошират, наврасон ба назар гирифтан ва пешбинии имкони андешаҳои гуногун, талабот ва манфиатҳои дигаронро меомӯзанд. Онҳо асоснок кардан ва исбот кардани фикри худро, фаҳмидани ҳиссиёт, хоҳишҳо ва фикрҳои одамони дигарро меомӯзанд.

5.Ҳамоҳангсозии талошҳо. Омодагии кӯдак барои муҳокима ва гуфтушунид дар бораи вазъияти мушаххас шарти ҳифзи муносибатҳои дӯстона бо ҳамсолон мебошад.

Вазифаи муҳиме, ки дар назди омӯзгор истодааст, ба назар гирифтани ин вижагиҳост. АҶТ иртиботӣ-муоширатиро ташаккул ва рушд додан лозим аст, ки дар он наврасон қобилияти муошират, аз ҷумла қобилияти гӯш кардани мусоҳибро рушд диҳанд (Ю.В. Касаткина, Н.В. Клюева , М.И.Лисин, Г.В.Рогова). Ҳар як падидаи педагогӣ нишондоди муайяни миқдорӣ ва сифатии худро дорад. Тағйири шахсият метавонад бо сабаби тағйирёбии арзишҳо, робитаҳо ва муносибатҳо ба амал ояд. Шарти ҳатмии баланд бардоштани самаранокии ташаккули амалҳои таълимии иртиботӣ-муоширатии ҷомеӣ дар байни хонандагон таҳияи низоми нишондиҳандаҳо мебошад.Барои дастгирии технологии рушди амалҳои ҷомеи иртиботӣ-муоширатии хонандагон дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ, мо нишондиҳандаҳоеро муайян кардем, ки тавассути онҳо сатҳи ташаккули амалҳои омӯхташуда баҳогузорӣ карда шуд.

**Муқарриз: *Ҷумъахон Алимӣ* – профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Алхазишвили, А.А. Теория и практика обучения устной речи на иностранном языке: учеб. пособие /А.А.Алхазишвили. -М.: Просвещение, 2005. - 204 с.
2. Государственная программа компьютеризации общеобразовательных школ Республики Таджикистан на 2011-2015. - Душанбе, 2010. -42с.
3. Государственная программа совершенствования обучения и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на 2015-2020гг. -Душанбе, 2015.
4. Программа обучения английскому языку для 3-11 классов общеобразовательных школ (Составители: П. Джамшедов, редактор: Д.Самади. -Душанбе, 2014.-55с.).
5. Бодалев, А.А.Психология общения/А.А.Бодалев.-М.:Институт практической психологии; Воронеж: НПО «МОДЭК», 1996. - 256 с.
6. Гурвич, П.Б. Коррективно-подготовительный аспект методики преподавания иностранных языков: учеб. пособие /П.Б.Гурвич. - Владимир: Изд-во ВГПИ, 1982. -76с.
7. Миралиев, А.М. Педагогика ва психология/А.М.Миралиев, М.Давлатов. –Душанбе: Ирфон, 2007. -343с.
8. Расулов, Д. Педагогика (теория воспитания) /Д. Расулов, Л. Сайдахмадов, А. Гаффоров. - Душанбе, 2009. -267с.
9. Рахмон, Э. Ответственность за будущее нации. Послание Маджлиси Оли Таджикистан. - «Азиа Плюс»: 2012.
10. Рахмон. Э. Послание президента РТ Маджлиси Оли, - «Азия Плюс», 2003.
11. Хуторской, А.В. Методика личностно-ориентированного обучения. Как обучать всех по-разному? : пособие для учителя / А. В. Хуторской. -М.: ВЛАДОС-ПРЕСС, 2005.-383с.
12. Шарифов, Ф. Педагог – это творческая работа/Ф. Шарифов. - Душанбе, 1984.
13. Шарифов, Ф. Теория и практика обучения-взаимодействия в начальном периоде средней школы/Ф. Шариофв. -Д., 1997.
14. Шукуров, М. Методика преподавания таджикского языка в начальной школе / М.Шукуров, А.Эшонджонов, А. Рахмонов - Сталинобод: НДТ, 1956. - 232с.


## ХУСУСИЯТҲОИ АМАЛҲОИ ТАЪЛИМИИ ИРТИБОТӢ-МУОШИРАТӢ ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ


Мақола тавсифи вижагиҳои амалҳои таълимии иртиботӣ-муоширати роҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ фаро мегирад.Ба андешаи муаллиф, дар марҳилаи аввали таълим хонандагон бо шароити татбиқи он ва мундариҷаи заминаи индикативии амал шинос мешаванд. Омӯзгор пайдарпай технологияи иҷрои амалиётҳои индикативӣ, иҷроия ва назоратиро, ки амалро ташкил медиҳанд, нишон медиҳад. Хонандагон бояд ба малакаҳои аллакай азхудшуда такя намуда, кӯшиш кунанд, ки мантиқ ва технологияи амали навро фаҳманд ва асоси тахминии онро ташкил кунанд.Муаллиф зикр мекунад, ки ҳар як падидаи педагогӣ нишондоди муайяни миқдорӣ ва сифатии худро дорад. Тағйири шахсият метавонад бо сабаби тағйирёбии арзишҳо, робитаҳо ва муносибатҳо ба амал ояд. Шарти ҳатмии баланд бардоштани самаранокии ташаккули амалҳои таълимии иртиботӣ-муоширатии ҷомеӣ дар байни хонандагон таҳияи низоми нишондиҳандаҳо мебошад.Мулоҳизаҳояшро муаллиф ҷамъбаст намуда, хулоса менамояд, ки барои дастгирии технологии рушди амалҳои ҷомеи иртиботӣ-муоширатии хонандагон дар раванди омӯзиши забони

хориҷӣ, нишондиҳандаҳоеро муайян кардаанд, ки тавассути онҳо сатҳи ташаккули амалҳои омӯхташуда баҳогузорӣ карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** амалҳои таълимӣ, дастгирии технологӣ, малакаҳои иртиботӣ-муоширатӣ, фаъолияти омӯзгор, хонанда, омӯзгор, ташаккули амалҳо, таълими забони хориҷӣ, технология, такмил додан, таҷрибаи муошират, корҳои беруназсинфӣ.

## ОСОБЕННОСТИ КОММУНИКАТИВНО-ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРИ ОБУЧЕНИИ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ

В статье описаны особенности коммуникативной учебной деятельности при изучении иностранного языка. По мнению автора, на начальном этапе обучения учащиеся ознакомятся с условиями его выполнения и содержанием ориентировочной основы. Автор демонстрирует последовательность и технологию указательных и управляющих воздействий, составляющих действие. Задача учителя - показать ученикам свои мыслительные действия для решения учебной задачи. Учащиеся должны развивать навыки, которые они уже освоили, и попытаться понять логику и технологию нового действия и сформировать основу для его предсказания. В настоящее время учащийся не выполняет действие самостоятельно. Автор отмечает, что каждое педагогическое явление имеет свое количественное и качественное определение. Изменения личности могут происходить в результате изменения ценностей, отношений и взглядов. Обязательным условием повышения эффективности формирования коммуникативной образовательной деятельности школьников является разработка системы показателей. Обобщая свои замечания, автор приходит к выводу, что для построения технологической поддержки развития навыков коммуникации учащихся в процессе изучения иностранного языка мы выявили индикаторы, с помощью которых оценивался уровень развития изучаемых действий.

**Ключевые слова:** образовательная деятельность, технологическое обеспечение, коммуникативные навыки, педагогическая деятельность, ученик, учитель, развитие действий, обучение иностранному языку, технология, совершенствование, коммуникативные навыки, внеклассная деятельность.

## FEATURES OF COMMUNICATIVE AND PEDAGOGICAL ACTIVITY IN TEACHING A FOREIGN LANGUAGE

The article describes the features of communicative learning activities in the study of a foreign language. According to the author, at the initial stage of training, students will become familiar with the conditions for its implementation and the content of the indicative framework. Demonstrates the sequence and technology of pointing and controlling actions that make up the action. The task of the teacher is to show students their mental actions to solve the educational problem. Students should develop the skills they have already mastered and try to understand the logic and technology of the new action and form the basis for predicting it. The student is not currently performing the action on his own. The author notes that each pedagogical phenomenon has its own quantitative and qualitative definition. Personality changes can occur as a result of changes in values, attitudes and attitudes. A prerequisite for increasing the effectiveness of the formation of communicative educational activities of schoolchildren is the development of a system of indicators. Summarizing his remarks, the author comes to the conclusion that in order to build technological support for the development of students' communication skills in the process of learning a foreign language, we identified indicators that were used to assess the level of development of the studied actions.

**Key words:** educational activity, technological support, communication skills, pedagogical activity, student, teacher, development of actions, teaching a foreign language, technology, improvement, communication skills, extracurricular activities.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Наимова Дилосо Давляштоевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, докторанти Ph.D. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.Телефон: **987512251**

**Сведение об авторе:** ***Наимова Дилосо Давляташоевна*** . – Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, докторант Ph.D. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова-16. Телефон: **987512251**

**Information about the author:** ***Naimova Diloso Davlyatshoevna*** . – Kulyab State University. A. Rudaki, doctoral student of the Kulyab State University named after. A. Rudaki. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street-16. Phone**: 987512251**

УДК:372.861

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

*Саидзода И.М., Тагоев Ш.Х., Саидҷаҳфаров А.И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Бо пешрафти илму техника ва дар системаи таҳсилот пайдо шудани барномаҳои компютерии навини таълимӣ, системаи маорифи ҷумҳурӣ ҳам марҳилаи навини рушдро аз сар мегузаронад. Ҳамаи ин пешравиҳо дар системаи маорифи кишвар ба ворид шудан ба фазои навини таҳсилоти ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд. Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонии муосир дар самти технологияҳои иттилоотӣ бо суръати баланд рӯ ба пешравӣ дорад. Иттилоотикунонии системаи маориф ва тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа моро водор месозад, ки дар самти коркарди роҳҳои дурусти иттилоот чораҳои мушаххасро андешем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар марҳилаи рушди технологияҳои иттилоотӣ қарор дорад, ки инро дар ҳамаи самтҳо мушоҳида намудан мумкин аст, махсусан дар соҳаи маориф.

Истифодабарии самараноки технологияҳои иттилоотӣ ба баланд бардоштани салоҳиятнокии дониши муҳассилин дар ҳама самтҳо заминагузор аст. Натиҷаҳои салоҳиятнокии истифодабарии технологияҳои компютериро дар ҳамаи самтҳо мушоҳида намудан мумкин аст, масалан, дар соҳаи маориф, иқтисодиёт, меъморӣ, тиб ва ғайра. Технологияҳои компютериро бояд дар ҳамаи самтҳо самаранок ва моҳирона истифода намоем.

Истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ дар раванди дарсҳо, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар ҳар як дарс, хусусиятҳои хосси худро дорад. Масалан, дар синфҳои ибтидоӣ бештар бо истифода намудани бозиҳои мантиқӣ, дар дарсҳо аз фанҳои дақиқ имкониятҳои махсуси ба самти дарс мувофиқкардашуда ва ғайра. Бояд гуфт, ки агар технологияҳои компютериро дар раванди дарсҳои синфҳои ибтидоӣ татбиқ кардан хоҳем, мо, пеш аз ҳама, синну соли хонандагонро бояд ба инобат мегирем, чунки дар истифодаи технологияҳои компютерӣ барои ин синну сол, вақти маҳдуд муайян шудааст. Новобаста аз ин, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба ташаккул додани қобилият ва салоҳиятнокии донишомӯзӣ ва рушди тафаккури онҳо таъсири мусбат мерасонад.

Татбиқи технологияҳои компютериро дар раванди дарсҳо аз синфҳои ибтидоӣ оғоз намудан лозим аст, чунки онҳо пайдарпай вобаста ба синну сол ба ин технологияҳо рӯй оварда, муҳиммияти истифодабарии онҳоро дарк мекунанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки бо истифода намудани технологияҳои компютерӣ раванди дарс ҷолибтар мегардад. Омӯзгор имконият меёбад, то маводҳои қаблан омоданамудаашро дар тахтаи электронӣ ба воситаи слайдҳо нишон диҳад. Масалан: диаграммаҳо, санаҳо, номи шахсиятҳои машҳур, рӯйдодҳои таърихӣ, формулаҳои математикӣ ва ғайра. Тавассути имкониятҳои номбурда, омӯзгор вақтро сарфа намуда, оиди мавзуъ маълумотҳои бештарро пешниҳоди хонандагон

карда метавонад. Ҳамаи ин гуфтаҳо далели онанд, ки истифодаи технологияҳои компютерӣ дар раванди тадриси дарсҳо хеле муҳим буда, технологияҳои мазкур салоҳиятнокии хонандагонро боло мебаранд.

Оиди татбиқи технологияҳои компютерӣ дар раванди дарсҳо олимони Дмитриев А.Е, Красилникова Р.А., Коджаспирова Г. М., Петров К. В., Ершов А.П., Брунер Д., Скиннер Б., Тализина Н.Ф., Ланд П. ва дигарон дар назария ва амалияи компютерикунонии мактабҳо саҳми арзанда гузоштаанд. Аз ҷониби онҳо оид ба таъминоти методӣ-барномавии раванди таълим ба воситаи компютер якчанд корҳои илмию методӣ коркард шудааст [1, с.4].

Аз ҷониби олимони тоҷик ҳам дар ин самт корҳои илмии зиёде ба сомон расонида шудаанд. Масалан, аз ҷониби Комилиён Ф.С. [5], Файзализода Б. [6], Саидзода И., Тағоев Ш., Давлатов Р. ва дигарон якчанд китобҳои дарсӣ, монография, диссертатсия ва мақолаҳои илмӣ таҳия шудаанд, ки ҳамаи инҳо барои рушди илми тоҷик ва болобардории салоҳиятнокии хонандагон нақши арзанда мебозанд [5, с.13].

Аз сабаби он ки технологияҳои компютерӣ бо суръати кайҳонӣ рушд намуда истодаанд, дар самти татбиқи онҳо дар раванди таълим ҳам, ҳар рӯз ягон воситаҳои навини техникии дорои захираҳои бузурги иттилоотӣ-таълимӣ ба вуҷуд омада истодаанд. Ин пешравиҳо салоҳиятнокии раванди таълимро зиёд намуда, ба омӯзгорону хонандагон имкониятҳои бештарро дар раванди илмомӯзӣ муҳайё месозанд.

Воситаҳои навини компютерӣ аз ҷиҳати техникӣ, иттилоотӣ, садоӣ ва дигар имкониятҳои бузург раванди илмомӯзиро рушд медиҳанд. Маҳз ба шарофати ин технологияҳои навин сифати таҳсилот боло меравад [4,с.6].

Иттилоотикунонии ҷомеа ва бо иттилооти муҳиму дастрас таъмин намудани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, роҳҳои самаранок истифода намудани иттилоот ва технологияҳои иттилоотиро аз синни мактабӣ ба хонандагон омӯзонидан лозим аст.

Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар системаи маориф ва истифодаи самараноку афзалиятноки он барои мақсадҳои зерин нигаронида шудааст:

- ✓ қобилияти омӯзиш, ташаккул ва рушди маърифати хонандагон;
- ✓ мураттабсозӣ ва фардикунонии системаи таълим;
- ✓ рушди дониши муҳассилин ҷиҳати самаранок истифода намудани технологияҳои компютерӣ ва дарки тафаккури сунъӣ;
- ✓ рӯй овардан аз низоми анъанавӣ ба низоми навини таҳсилот;
- ✓ идоракунии сифатнок ва рушди салоҳиятнокии дониши хонандагон;
- ✓ самаранок истифода намудан аз манбаъҳои интернетӣ [10,с.13].

Яке вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳар як омӯзгори фаннӣ, пеш аз ҳама, баландбардории маърифати иттилоотии хонандагон аст. Ташаккул ва баландбардории фарҳанги иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна бидуни омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ ғайриимкон аст.

Имрӯзҳо таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки компютер як воситаи ёрирасони ҳамакораи инсон ба ҳисоб рафта, қариб ба тамоми масъалаҳои ҳаётию мантиқии инсон ҷавоб гуфта, дар раванди ҳалли онҳо ёрӣ мерасонад.

Компютер ба як таҷҳизоти универсалии ҳамакорае табдил ёфтааст, ки он вазифаҳои телефон, телевизор, воситаҳои видеою аксбардорӣ, таҷҳизотҳои ташхисӣ ва ғайраро иҷро мекунад. Инчунин, бо воситаи компютер усулҳои худкори идоракунии корхонаҳо, фаъолиятҳои таълимӣ, назорати доимии сифати таҳсилот ва дигар равандҳои кориро танзим намудан мумкин аст [5, с.9].

Имрӯз Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки тамоми равандҳои таҳсилотро аз рӯйи стандартҳои навин ба роҳ монад. Мақсади ҷорӣ намудани ҳамаи стандартҳои навин барои зинаҳои таҳсилот, пеш аз ҳама, ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани системаи таълим мебошад. Дар стандарт ва барномаҳои навин яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ва муҳим масъалаи компютеркунонии муассисаҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамаи ин аз муҳиммият ва татбиқи бевоситаи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим гувоҳӣ медиҳад.

Гарчанде тамоми стандартҳо гуногунсохт бошанд ҳам, мақсади аввалиндараҷаашон ба се самт нигаронида шудааст:

- ✓ талабот ва натиҷанокии раванди таҳсил;
- ✓ талабот ба сохтор ва барномаҳои асосии таълимӣ;
- ✓ татбиқи бевоситаи стандарт дар раванди таълим дар вобастагӣ аз талаботҳои ҷойдошта.

Дар раванди татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар дарсҳои математикаю алгебра чунин имкониятҳоро истифода бурдан мумкин аст:

- ✓ истифода намудани донишҳои заминавии математикӣ барои шарҳ додани ҳолати объектҳо, ҳисобкуниҳо ва арзёбии муносибатҳои миқдорию сифатӣ;
- ✓ омӯзиши тафаккури мантиқӣ, алгоритмӣ, роҳҳои дуруст баҳо додани натиҷаи ҳалли масъала ва иҷроиши дурусти алгоритмҳо;
- ✓ гирифтани таҷриба ва донишҳои ибтидоии риёзӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани онҳо дар раванди ҳалли масъалаҳои таълимӣ, маърифатӣ ва амалӣ;
- ✓ омӯзиш, шинохт ва дарки масъалаҳои ҳалталаб, ки роҳи ҳалли онҳоро танҳо ба воситаи компютер ҷустуҷӯ менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки бо ёрии технологияҳои компютерӣ усулҳои навини кор бо манбаъҳои додаҳои алтернативии иттилоотро дар шабакаи интернет, имконотҳои барномаҳои чандрасонаӣ ва бозиҳои мантиқиро ба муҳассилин омӯзонидан имконпазир аст.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми гузаронидани дарсҳо бо истифода аз технологияҳои компютерӣ хонандагон эҳсосоти мусбиро ба даст меоранд, инчунин эътимоди онҳо нисбат ба дарс зиёд шуда, ба омӯзиши мавзуи дарсӣ аз нигоҳи нав назар менамоянд, ки ин ҳама аз самаранокии татбиқи технологияҳои компютерӣ дарак медиҳад.

***Шаклҳои истифодаи ТИ дар раванди дарс.*** Дар раванди тадриси дарсҳо технологияҳои компютериро дар якчанд намудҳо истифода намудан мумкин аст. Ҳар як омӯзгори фаннӣ метавонад аз имконоти мавҷуда ва маҳорати педагогии худ ба ин технологияҳо рӯ оварад. Масалан, истифодаи ТИК дар шакли бозиҳои

мантиқӣ, викторинаҳо, презентатсияҳо ва ғайра. Инчунин, ҳар як омӯзгор метавонад ба таври алоҳида манбаи иттилооти таълимии худро дошта бошад, ки барои ҳар як мавзуи дарсӣ мувофиқ гардонида шудаанд.

Аз ҳама шаклҳои маъмултарини татбиқи ТИК дар раванди дарс инҳоянд:

- ✓ тахтаҳои электронӣ-интерактивӣ;
- ✓ барномаҳои таълимии тайёр, вобаста ба фанни таълимӣ;
- ✓ истифода намудан аз захираҳои интернетӣ;
- ✓ ташкил намудани семинар-машваратҳои гурӯҳӣ тавассути имкониятҳои шабакавӣ [7, с.8-10].

***Тахтаҳои электронӣ.*** Имрӯзҳо қариб дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ тахтаҳои электрониро вохӯрдан мумкин аст. Аммо, мутаассифона, на ҳамаи омӯзгорон аз ин тахтаҳо самаранок истифода бурда метавонанд.

Тахтаи электронӣ ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои хонанда як таҷҳизоти ҳамакораи универсалие мебошад, ки онро дар раванди дарс бояд самаранок истифода намоянд. Омӯзгор презентатсияҳо, филмҳои тасвирии таълимӣ, бозиҳои мантиқӣ оиди мавзуи дарсӣ, тасвири графику формулаҳо ва ҳазорон имкониятҳои дигарро метавонад ба осонӣ нишон диҳад. Тавассути имкониятҳои тахтаҳои электронӣ дилхоҳ шаклҳои геометриро ба осонӣ тасвир намудан мумкин аст. Истифода аз ин тахтаҳо, хонандагонро ба раванди азхудкунии маводҳои таълимӣ ҷалб намуда, суръат ва рафти дарсро беҳтар мегардонад [5, с.9].

Мушоҳидаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки бисёре аз хонандагон, махсусан хонандагони хурдсол, аз рафтан ба назди тахтаи синф метарсанд ва ё шарм мекунанд. Тахтаи электронӣ бошад, ин масъаларо ҳал менамояд, чунки хонандагон, махсусан кӯдакон, ҳама масъалаҳои марбут ба компютерро дӯст медоранд ва кӯшиш менамоянд, то аз имкониятҳои раванди дарс қафо намонанд.

Тахтаҳои электронӣ дар робита ба барномаҳои кориашон имкониятҳои зиёде доранд, ки барои ҳар як фанни таълимӣ вобаста шудаанд. Масалан, барои дарсҳои физика, геометрия, санъати тасвирӣ ва ғайра.

Ҳангоми истифода аз тахтаи электронӣ омӯзгор имконияти зиёд дорад, ки ба осонӣ аз матнҳо, диаграммаҳо тасвирҳои нақшавӣ ва дигар намуди чандрасонаҳо истифода барад. Маҳз тавассути истифодаи тахтаи электронӣ имконият фароҳам меояд, то амсилаи дурусти дарси худро бо хонандагон бо аёниятҳо нишон диҳем.

Ҳамаи имкониятҳои дар боло номбаршуда кори омӯзгори фанниро хеле осон намуда, вақти ӯро сарфа мекунанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки хонандагон бештар ба аёниятҳои дарсӣ диққат медиҳанд, ки ин аёниятҳоро ба осонӣ тавассути тахтаҳои электронӣ нишон додан мумкин аст. Бо истифода аз тахтаи электронӣ диққати хонандагонро ба осонӣ ҷалб намудан мумкин аст. Масалан, бо имкониятҳои тасвирӣ, диаграммаҳо, садо ва бозиҳо. Ҳамаи гуфтаҳои боло далели онанд, ки бояд дар ҳама ҳолатҳои раванди дарс тахтаҳои электрониро барои баландбардории салоҳиятнокии дониши хонандагон самарнок истифода намоем. Афзалиятҳои тахтаҳои электронӣ дар расми 1 оварда шудаанд.




**Расми 1. Афзалиятҳои тахтаҳои электронӣ.**

Бояд қайд намоем, ки он бартариҳо ва афзалиятҳое, ки дар расми 1 оварда шудаанд, ҳама аз самаранокии истифодаи тахтаҳои электронӣ дар раванди дарсҳо гувоҳӣ медиҳанд.

Тамоми он воситаҳои аёние, ки имрӯз истифода бурда мешаванд, ҳам ҷиҳатҳои мусбӣ ва ҳам манфиро доранд. Аммо дар раванди истифодабарии тахтаҳои электронӣ ин мушкилот кам ба назар мерасанд. Масалан:

- ✓ **мушкилоти техникӣ**: қатъ шудани қувваи барқ, вайроншавии барномаи кории тахтаи электронии синф ва ғайра;
- ✓ **пешакӣ тайёр намудани маводҳои таълимӣ**: барои истифода намудани тахтаҳои электронӣ, омӯзгори фаннӣ бояд пешакӣ ҳамаи маводҳои таълимиро тайёр намояд. Тайёр кардани маводҳои дарсӣ назар ба дарси муқаррарӣ вақти зиёдтарро талаб мекунад [9].

Гарчанде баъзе мушкилот дар раванди истифодаи тахтаҳои электронӣ ҷой дошта бошанд ҳам, ин ҳама нисбӣ буда, ба раванди таълим на онқадар таъсиррасон мебошанд. Бояд гуфт, ки истифодаи тахтаҳои электронӣ ҳама вақт салоҳиятнокии раванди дарсро боло мебарад.

***Рӯнамоҳои таълимӣ***. Рӯнамосозӣ (рӯнамо-презентатсия) яке аз самтҳои муҳимми татбиқи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим ба ҳисоб мераванд. Гарчанде барои таҳия намудани рӯнамоҳои таълимӣ барномаҳои гуногуни мавҷуд бошанд ҳам, барномаи MS Power Point яке аз барномаҳои оммафаҳм ба ҳисоб меравад ва бештари рӯнамоҳои таълимиро маҳз тавассути ин барнома месозанд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки на ҳамаи омӯзгорон методикаи дуруст таҳия намудани рӯнамоҳои таълимиро медонанд. Бояд қайд намуд, ки таҳия намудани рӯнамо аз истифодабаранда санъати баланди дизайнериро талаб менамояд. Инчунин, интихоби тарҳи рӯнамо ва рангҳо бояд ба равиши дарс ва синну соли хонандагон мувофиқ гардонида шавад. Интихоби ранг ва ороиши маводи таълимӣ ба руҳияи хонанда таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ҳатто дар бисёр давлатҳои мутараққии олам, пеш аз намоиш додани рӯнамоҳо, онҳоро аз диди психологӣ бо машварати равоншинос мутобиқ мегардонанд. Аз ин лиҳоз зарур мешуморем, ки дар ҳама ҳолатҳо, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, ҳамаи рӯнамоҳои таълимиро аз назари раваншинос гузаронанд.

Рӯнамо аз маҷмуи пайдарпайи слайдҳо иборат мебошад, ки ҳар яке ба ягон масъалаи муайян ва ё мафҳуме вобастагӣ дорад. Яке аз мақсадҳои асоситарини истифодаи рӯзнамоҳо, дар тамоми экрани монитор ва ё тахтаи электронӣ нишон додани маводҳо аст. Масалан, агар парвандаи компютерӣ дар экран намоиш дода шавад, пас хонанда онро ба таври возеҳтар дарк менамояд. Мавод метавонад дар шакли расм, нақша, диаграмма, график, видео ва ғайра пешниҳод карда шавад.

Дар синфхонаҳои таълимӣ бо истифода аз рӯнамоҳои чандрасонаӣ маълумоти заруриро ба осонӣ ва самаранок пешниҳод намудан мумкин аст.

Олимон исбот намудаанд, ки инсон 20%-и чизеро, ки мешунавад ва 30%-и он чиро мебинад, ва зиёда аз 50%-и чизеро, ки мебинад ва мешунавад, дар як вақт дар хотирааш нигоҳ дошта метавонад [4,6-8].

Дар асоси ин гуфтаҳо хулоса баровардан мумкин аст, маҳз тавассути татбиқи тахтаҳои электронӣ ва истифодаи рӯнамоҳо дар раванди дарсҳо мо метавонем салоҳиятнокии дониши хонандагонро боло бардорем.

Аз ҷиҳати методӣ рӯнамоҳо бояд дар чунин шакл сохта шаванд:

✓ иттилооти дохили як слайд бояд аз меъёри муқаррарӣ зиёд набошад (иттилоот тарзе форматбандӣ шавад, ки барои хондани он ягон душворӣ пеш наояд);

✓ дар дохили як слайд зиёда аз ду расмро ҷойгир кардан лозим нест;

✓ андозаи ҳарфҳоро аз 24-28 кам кардан мувофиқи мақсад нест;

✓ агар мавод барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳия шуда бошад, муаррифии он на бештар аз як маротиба дар давоми 5 мувофиқи мақсад аст;

✓ тамоми рӯнаморо бо як услуб таҳия намоед. Масалан, замина, андоза, ҳарфҳо, шакл, ранг ва ғайра;

- ✓ интихоби шакли зоҳирии рӯнамо бояд диққатҷалбкунанда бошад.

**Захираҳои интернетӣ.** Истифода намудан аз захираҳои иттилоотии шабакаи интернет дар раванди дарсҳо, яке самтҳои муҳимми татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ба ҳисоб меравад. Ҷомеаи имрӯзаро, ки ҷомеаи иттилоотист, бидуни шабакаи интернет тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, татбиқ ва истифодабарии самараноки шабакаи интернетро аз зинаҳои аввалини таълим бояд ба хонандагон нишон диҳем. Хонанда бояд дарк намояд, ки интернет як манбаи бузурги нигоҳдорандаи иттилоот ба ҳисоб рафта, хонанда метавонад бо дарёфт намудани маводҳои навини таълимӣ дониши худро сайқал диҳад. Бояд қайд намоем, ки шабакаи интернет барои раванди таълим як воситаи ёрирасони пуриқтидор ба ҳисоб меравад, ки он, бешубҳа, ба субъектҳои соҳаи таълим таъсири мусбӣ мерасонад. Тавассути шабакаи интернет имконият фароҳам меояд, то раванди дарсиро ба таври мустақим (онлайн) ва ё ғайримустақим (офлайн) дар раванди ташкили машваратҳои гурӯҳӣ идора намуда, маводҳои навини таълимиро аз бар намоем.

Дар бисёре аз мавридҳо тавассути истифодабарии расмҳои интернетӣ манбаи иттилоотии таълимӣ барои омӯзгор муҳайё мешавад. Масалан, расмҳои таърихӣ, амсилаҳои консептуалӣ, диаграммаҳо ва ғайра.

Имкониятҳои истифодабарии шабакаи интернет дар раванди таълим инҳоянд:

- ✓ ҷустуҷӯ ва коркарди захираҳои иттилоотӣ оиди мавзуи дарсӣ;
- ✓ баландбардории муошираті касбию эҷодӣ;
- ✓ интихоб ва истифодаи маводи педагогӣ-дидактикӣ аз нигоҳи нав;
- ✓ истифодаи воситаҳои техникии муосир, ки барои хонандагон шавқоваранд ва малакаи эҷодии онҳоро зиёд мекунанд;
- ✓ истифодаи адабиётҳои навини ватанию хориҷӣ;
- ✓ дастрасӣ ба маводҳои таълимии муосир;
- ✓ ташкил намудани озмунҳои фаннӣ дар низоми мустақим;
- ✓ рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва омӯзишӣ;
- ✓ дарсҳо бо имкониятҳои чандрасонаӣ;
- ✓ корҳои беруназсинфӣ аз рӯйи фанҳо;
- ✓ бозиҳои мантиқии гурӯҳию фардӣ;
- ✓ филмҳои мустанади таълимӣ ва ғайра [5,9,10].

Ҳамаи имкониятҳои дар боло номбаршуда танҳо як қатра дар баҳр мебошанд, ки мо онҳоро пешниҳод намудем. Дар асл, шабакаи интернет худ як манбаи бузурги иттилоот мебошад, ки он нақши китоб, омӯзгор, роҳбалад, дӯст ва ғайраро бозида метавонад.

Шабакаи умумиҷаҳонии интернет, на танҳо барои хонандагон, балки барои омӯзгорон ҳам як манбаи бузурги илмомӯзӣ ба ҳисоб меравад.

**Хулоса.** Дар раванди таҳқиқоти илмӣ-педагогии мазкур, нақши технологияҳои компютерӣ дар раванди дарсҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифт.

Дар ҷаҳони имрӯза, ки ҷаҳони илму техника мебошад, бидуни технологияҳои компютерӣ фаъолиятҳои таълимӣ ва раванди идоракунии коргузориҳо дар корхонаҳоро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Технологияҳои компютерӣ як

воситаи ёрирасон дар фаъолиятҳои илмӣ, таълимӣ, таҳқиқотӣ ва ҳалли масъалаҳои амалӣ ба ҳисоб меравconfigured.

**Муқарриз: Одиназода С.А.- н.и.ф.м., дотсенти ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Аствацатуров Г.О. Дизайн мультимедийного урока / Г.О. Аствацатуров //Методика, технологические приемы, фрагменты уроков. - Волгоград, 2009. –С.133.
2. Безусова Т.А. Некорректные задачи, как средство развития культуры математического и естественнонаучного мышления школьников: Автореф. дисс. к.п.н. / Т.А. Безусова. -Тюмень, 2008.
3. Воронина Т.П. Образование в эпоху новых информационных технологий / Т.П.Воронина, В.П.Кашицин, О.П. Молчанова. - М.: Информатика, 1995.-С. 220.
4. Дмитриев А.Е. Моделирование и реализация формирования готовности учителя начальных классов к творческой и педагогической деятельности / А.Е. Дмитриев. - М.: МПГУ, 2012. – С.336.
5. Комилиён Ф.С. Технологияи бозиҳои педагогӣ дар рушди салоҳиятҳои хонандагон дар ҷараёни таълими системаи ҳисоб. Дастури таълимӣ / Ф.С.Комилиён, Ш.Х.Тағоев, А.Ш.Комилӣ. - Душанбе, 2019. –С.160.
6. Раджабов Б. Ф. Значение информационных технологий в системе среднего профессионального медицинского образования Таджикистан / Б.Ф. Раджабов // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. – 2016. – № 2/3 (40). – С. 7-12.
7. Раджабов Б. Ф. Современные информационные методы дистанционного обучения в медицинских вузах Таджикистана / Б.Ф. Раджабов, Ф.С. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – № 2. – С. 305-310.
8. Роберт И.В. Современные информационные технологии в образовании: дидактические проблемы; перспективы использования / И.В. Роберт. - М.: Школа-Пресс, 1994. -С. 205.
9. Саидзода И.М. Методикаи ташкили дарсҳои технологияи иттилоотӣ дар мактабҳои миёна / И.М.Саидзода, Қ.Ҳайётов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ, Душанбе. - 2021. -№3. -С. 293-300.
10. Саидов И.М. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар фаъолияти таълимӣ / И.Саидов, А.И. Саидҷаҳфаров //Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ. - Душанбе, 2021.- №4. -С. 220-227.
11. Саидов И.М. Нақши технологияи иттилоотӣ дар таҳсилоти фосилавӣ / И.М.Саидов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. -№1,(29). ISSN 2617-5620., Душанбе, 2020. -С. 161-166.
12. Саидов И.М. Омӯзиши технологияи иттилоотӣ ҳамчун омили рушди салоҳиятнокии дониши хонандагон / И.М.Саидов, С.Мирзоев, Қ.Ҳайётов. Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Бахши педагогика психология. 2021. -№1,(33). -С. 60-64. ISSN 2617-5620.
13. Саидов И.М. Хизматрасониҳои технологияҳои компютерӣ ҳамчун омили рушди таҳсилоти фосилавӣ / И.М.Саидов, Қ.Ҳайётов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши педагогика ва психология, методикаи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ. -№4(4). -Душанбе, 2020. -С. 160-164.
14. Селевко Г.К. Педагогические технологии на основе информационно-коммуникационных средств / Г.К. Селевко. – М.: НИИ школьных технологий, 2010. –С. 208, (Серия «Энциклопедия образовательных технологий».)
15. Селевко Г.К. Педагогические технологии на основе информационно-коммуникационных средств / Г.К. Селевко. – М.: НИИ школьных технологий, 2010. –С.208. (Серия «Энциклопедия образовательных технологий».)
16. Селевко Г.К. Современные образовательные технологии: Учебное пособие/ Г.К. Селевко. – М.: Народное образование, 1998. – С. 256 .
17. Сергеева Т. Новые информационные технологии и содержание обучения / Т.Сергеева // Информатика и образование. -М., 1991. -№1. -С. 3-10.
18. Захарова И. Г. Информационные технологии в образовании. Учебное пособие для студ. пед. учеб. заведений/ И. Г. Захарова. – М.: Издательский центр «Академия», 2003. –С.192.
19. Якушина Е. В. Электронно-образовательные ресурсы: педагогические качества, достоинства и недостатки / Е. В. Якушина //Народное образование. -2011. -№2. -С. 151.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Мақолаи мазкур ба масъалаи татбиқи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим бахшида шудааст. Дар раванди таҳқиқоти илмӣ мо роҳҳои афзалиятноки истифодабарии технологияҳои компютериро, ки ба баландбардории салоҳиятнокии дониши хонандагон заминагузоранд, мавриди таҳлил қарор додем.Бо пешрафти илму техника ва дар системаи таҳсилот пайдо шудани барномаҳои компютерии навини таълимӣ, системаи маорифи ҷумҳурӣ ҳам марҳилаи навини рушдро аз сар мегузаронад. Ҳамаи ин пешравиҳо дар системаи маорифи кишвар ба ворид шудан ба фазои навини таҳсилоти ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд. Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонии муосир дар самти технологияҳои иттилоотӣ бо суръати баланд рӯ ба пешравӣ дорад. Иттилоотикунонии системаи маориф ва тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа моро водор месозад, ки дар самти коркарди роҳҳои дурусти иттилоот чораҳои мушаххасро андешем.Дар ҷаҳони имрӯза, ки ҷаҳони илму техника мебошад, бидуни технологияҳои компютерӣ фаъолиятҳои таълимӣ ва раванди идоракунии коргузориҳо дар корхонаҳоро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Технологияҳои компютерӣ як воситаи ёрирасон дар фаъолиятҳои илмӣ, таълимӣ, таҳқиқотӣ ва ҳалли масъалаҳои амалӣ ба ҳисоб мераванд.Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамоем, ки татбиқи технологияҳои компютериро дар ҳалли масъалаҳои ҷойдошта ва зарурияти омӯзиши онро аз давраҳои мактабӣ ба хонандагон омӯзонем. Хонанда бояд дарк намояд, ки имрӯз бидуни истифодабарии самараноки технологияҳои компютерӣ дар ҷомеа ба дастовардҳои навин ноил шудан ғайриимкон аст.

**Калидвожаҳо:** иттилоот, компютер, салоҳиятнокӣ, рӯнамо, хонанда, омӯзгор, сифат, таҳсилот, малака, дониш, технология, қобилият, омӯзиш.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

Данная статья посвящена применению компьютерных технологий в образовательном процессе. В процессе научного исследования мы проанализировали приоритетные способы использования компьютерных технологий, которые позволят повысить компетентность знаний учащихся.С развитием науки и техники и появлением новых компьютерных программ в системе образования, система образования страны также переживает новый этап развития. Все эти разработки в системе образования страны способствуют внедрению новой глобальной образовательной среды. Сегодня современное мировое сообщество стремительно развивается в сфере информационных технологий. Информатизация системы образования и всех жизненно важных сфер общества требует от нас конкретных шагов по обработке нужной информации.В современном мире науки и техники невозможно представить образовательную деятельность и процесс делопроизводства на предприятиях без компьютерных технологий. Вычислительная техника является вспомогательным средством в научной, учебной, исследовательской и практической деятельности.В связи с этим мы предлагаем приучать школьников к применению компьютерных технологий в решении существующих задач и необходимости их изучения со школьной скамьи. Читатель должен понимать, что сегодня невозможно добиться новых достижений в обществе без эффективного использования компьютерных технологий.

**Ключевые слова:** информация, компьютер, компетенция, презентация, читатель, учитель, качество, образование, навыки, знания, технология, способность, обучение.

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS FOR THE USE OF COMPUTER TECHNOLOGY IN THE EDUCATIONAL PROCESS

This article is devoted to the use of computer technologies in the educational process. In the process of scientific research, we analyzed the priority ways of using computer technologies that will improve the competence of students' knowledge.With the development of science and technology and the emergence of new computer programs in the education system, the country's education system is also experiencing a new stage of development.All these developments in the country's education system contribute to the introduction of a new global educational environment. Today, the modern world community is rapidly developing in the field of information technology. Informatization of the education system and all vital spheres of society requires us to take specific steps to process the necessary information.In the modern world of science and technology, it is impossible to imagine educational activities and office work in enterprises without computer technology. Computer technology is an auxiliary tool in scientific, educational, research and practical activities.In this regard, we propose to accustom schoolchildren to the use of computer technology in solving existing problems and the need to study them from school. The reader should understand that today it is impossible to achieve new achievements in society without the effective use of computer technology.

**Key words:** information, computer, competence, presentation, reader, teacher, quality, education, skills, knowledge, technology, ability, learning.

Дар асоси имконот ва ҷанбаҳои мусбати дар боло овардашуда, мо гуфта метавонем, ки технологияҳои таълими фосилавӣ барои муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ имконоти азим доранд.

Технологияҳои таълими фосилавӣ чунин функсия ва маъно доранд:

-омӯзиш бо истифодаи телевизиони интерактивӣ;

-технологияҳои парвандаҳо - истифодаи CD ё дигар намудҳои воситаҳои ахбори электронӣ бо маводи таълимӣ, истифодаи компютерҳои инфиродӣ, телефонҳои мобилии муосир, смартфонҳо, планшетҳо, DVD-плейерҳо, телевизор дар раванди таълим;

-истифодаи ТИИ ва таълими фосилавӣ дар соҳаи маориф (масалан, низомҳои мудирияти омӯзиш - низоми мудирияти омӯзиши English, LMS, сомонаи таълими

фосилавӣ, курсҳои махсуси таълимии электронӣ, низоми мониторинги таҷрибаомӯзон, каналҳои муошират байни омӯзгор ва шунавандагон).

Масалан дар Русия имрӯзҳо маҷмуъҳо ва низомҳои гуногуни таълимӣ мавҷуданд:

-таълими фосилавӣ, ки дар он маълумот ва технологияҳои иртиботӣ барои ташкили раванди таълим истифода мешаванд: IBM Learning Accelerator (таҳиякардаи IBM); низоми "Прометей" (таҳиягари ширкати "Virtual Technologies in Education"); Маркази таълимии дурдасти "DOCENT" (таҳиягари "UNIAR" ширкат); маркази таълимии WebTutor (аз ҷониби ширкати "WebSoft" таҳия шудааст); LMS eLearning Server 4G (аз ҷониби Hypermethod IBS Company таҳия шудааст); низоми таълими фосилавӣ Competentum. Magister (таҳиягари ширкати "Competentum"); низоми мудирияти таълим Competentum. ShareKnledge (аз ҷониби Competentum таҳия шудааст); маҷмуи барномаҳои нармафзори Learn eXact (аз ҷониби Giunti Interactive Labs таҳия шудааст); низоми таълими фосилавии iSpring Online (аз ҷониби ҶДММ Ричмедиа таҳия шудааст); ATutor низоми мудирияти мундариҷаи омӯзиш (аз ҷониби гурӯҳи таҳиягарони Канада сохта шудааст ва дар доираи иҷозатномаи умумии ҷамъиятии GNU паҳн шудааст); Низоми мудирияти фаъолияти омӯзишӣ (LAMS) (дар асоси натиҷаҳои Донишгоҳи кушодаи Нидерланд ва дар доираи иҷозатномаи умумии ҷамъиятии GNU паҳншуда);

-омӯзиши онлайн ва омӯзиш (OLAT -дар Донишгоҳи Сюрихи Швейтсария таҳия ва дар доираи иҷозатномаи умумии ҷамъиятии GNU паҳн шудааст); сервери бисёрканали тахтаи таҳия (аз тарафи Blackboard, Inc таҳия шудааст);

TrainingWare Class (аз ҷониби Corporate Training Systems таҳия шудааст, ки дар доираи иҷозатномаи умумии ҷамъиятии GNU амал мекунад); муҳити таълими динамикии ба модул нигаронидашуда; муҳити динамикии объективии ба объект нигаронидашуда (Moodle -аз ҷониби гурӯҳи таҳиягарон аз кишварҳои гуногун сохта шудааст ва дар доираи иҷозатномаи умумии ҷамъиятии GNU паҳн карда шудааст) ва дигарон.

Ҳар як низоми таҳсилоти фосилавии дар боло номбаршуда афзалиятҳо ва нуқсонҳои худро дорад. Низомҳои маъмултарини таҳсилоти фосилавиро, ки дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон ва муассисаҳои таълимии дигар кишварҳои ҷаҳон истифода мешаванд, таҳлил мекунем.

Барои мисол, низоми таҳсилоти фосилавии iSpring Online низоми сохтани курсҳои интерактивии электронӣ, тестҳо, захираҳо бо истифодаи замимаҳои офисӣ мебошад. Низомро iSpring (ҶДММ Ричмедиа, Йошкар-Ола) таҳия кардааст. Ин низом пардохт карда мешавад, хариди версияи асосӣ (на бештар аз 250 нафар иштирокчиён ва шунавандагон) 49,000 рубл барои истифодаи солона, версияи васеъ (на бештар аз 1000 корбар) - 97,000 рубл. Барои шахсони ҳуқуқӣ (муассисаҳои таълимӣ) тахфифҳо пешниҳод кардан мумкин аст (то 30%).

Хусусиятҳои асосии низоми таҳсилоти фосилавии iSpring Online: ҳуҷҷатҳои нашршударо идора кардан (дастгирии SCORM 2004 (ҳама нашрҳо); дастгирии SCORM 1.2; зеркашии аудио (.MP3); зеркашии файли матн (PDF, DOC, XLS); зеркашии файлҳое, ки дар барномаҳои iSpring сохта шудаанд; эҷод, интиқол, нусхабардорӣ, ҷузвдонҳо барои ҳуҷҷатҳо; муқаррар кардани шартҳои гузаштан аз

курсҳо; барқароркунии бознигарии курс, ҳузури китоби меҳмонон).Таҳияи ҳисоботҳо ва шарҳи оморӣ (ҳисоботҳо дар бораи корбарон ва гурӯҳҳо; ҳисобот дар бораи маводи нашршуда; омори тестҳо; омори саволномаҳо ва пурсишҳо; омори дафтарчаи меҳмонон; қобилияти содироти ҳисоботҳо (CSV, XML, PDF); нусха; барқароркунии омор; омор оид ба намуди маводҳо).

Мудирияти корбарон ва гурӯҳҳо (воридоти шумораи зиёди корбарон; ташкили сабти номи худ; муқаррар кардани ҳуқуқ барои гурӯҳҳо ва корбарони инфиродӣ; ташкили ҳуқуқҳои муаллиф).Танзими портали омӯзишӣ (муқаррар кардани ном, суроғаи портали омӯзишӣ; таъин кардани суроғаи портали омӯзишӣ; илова кардани логотипи портали омӯзишӣ; ташкили майдонҳои профили корбар; дастгирӣ барои нусхаҳои гуногуни забон).

Омода будани омӯзгори донишгоҳ ба истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ ҳамчун хусусияти ҳамгирошудаи касбӣ ва шахсӣ, аз ҷумла зарурати истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ бо мақсади мувофиқгардонии раванди таълим, хамчунин шавқу рағбат ба таҳсилоти муттасил ва худомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаҳмида мешавад; дониш, малака ва маҳоратҳои амалие, ки барои татбиқи фаъолияти касбӣ бо истифода аз воситаҳои техникӣ ва нармафзор, захираҳои иттилоотӣ ва методии таълими фосилавӣ, аз ҷумла низомҳои автоматикунонидашудаи таълим ва низомҳои автоматии мудирияти дониш заруранд.

**Муқарриз:Ҷ. Алимӣ – профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Красильникова, Е.В. Природа интернет-экономики / Е.В. Красильникова //Известия Самарского университета. -Серия: Экономика, управление, право. -2010. -Вып.2. - С.9-14.
2. Крук, Б.И. Стратегия проектирования дистанционного курса при обучении через сеть Internet /Б.И. Крук, О.Б.Журавлёва, Е.Г.Соломина // Открытое и дистанционное образование. -2005. -№ 1 (17). - С.18-24.
3. Қурбонова, Ф. Технологияи таълими ҳамгирои забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / Ф. Қурбонова //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. -Д., 2020. - №1 (29). - 103-108.
4. Саидов, И. Нақши технологияи иттилоотӣ дар таҳсилоти фосилави /И.Саидов //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.- 2020. - №1 (29). -С.161-167
5. Салоҳиддинова, Г. Таълими фосилавӣ - омили муҳимми воридшавӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ /Г.Салоҳиддинова //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. –Д., 2019. -№4 (28).- С.104-107.
6. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. -Душанбе, 2015.
7. Стратегияи миллии рушди таҳсилот барои солҳои 2006-2015. – Душанбе, 2005. - 32с.
8. Тагайназарова, М.С. Роль современных педагогических технологий в обучении английскому языку / М.С. Тагайназарова //Наука и инновация. - Д., 2015. -№4 (14). - С.66-68.
9. Формирование системы независимой оценки квалификации и качества дистанционного образования: концепции, проблемы, решения (DEQ- 2014) //Материалы Всероссийской конференции. В.Н.Голубкин, Э.Ю.Есипова, Н.Г.Малышкина, И.М.Александрова. - Жуковский, 2014. - С.91-94.
10. Хапаева, С.С. Особенности проведения экзамена в виртуальной образовательной среде /С.С.Хапаева //Вестник Московского государственного университета.-2007.-№2.-С. 115-117.
11. Хуторской, А.В. Компетентностный подход в обучении. Научно-методическое пособие/А.В. Хуторской. - М.: Издательство «ЭйТФ с», 2013.-73с.
12. Хуторской, А.В. Современная дидактика: Учебное пособие. 2-е издание, переработанное /А.В. Хуторской. -М.: Высшая школа, 2007. - 639 с.
13. Цой, Л.Н. Организационный конфликт. Менеджмент: 111вопросов, 111 ответов / Л.Н. Цой. - М.: Книжный мир, 2007. - С.352.

**ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ ВА ЗАРФИЯТИ ОН**

Дар мақола масъалаҳои вобаста ба технологияи таълими фосилавӣ дар замони муосир баррасӣ ва тавсиф шудаанд. Ба андешаи муаллиф, даҳсолаҳои охир бо рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ тавсиф мешуданд. Муассисаҳои таълимии Тоҷикистон, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мекӯшанд, ки аз дастовардҳои муосири илм ва техника дар соҳаи технологияҳои компютерӣ фаъолона истифода баранд ва онҳоро ба раванди таълим, дастгоҳи маъмурӣ ва фаъолияти таълимӣ ворид намоянд. Муаллиф зикр мекунад, ки ҳангоми муайян кардани зарфияти таълими фосилавӣ ва технологияҳои таълими фосилавӣ зарур аст, ки омӯзиши электрониро ёдовар шавем. Андешаҳояшро ҷамъбаст намуда, муаллиф хулоса мекунад, ки таълими электрониро чунин баррасӣ ва арзёбӣ кардан мумкин аст: омӯзиш бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ. Эътирофи таҳсилоти электронӣ ва истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ дар сатҳҳои гуногуни таҳсилот аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** технология, таълими фосилавӣ, технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ, омӯзиши электронӣ, техника, таълим, муассисаҳои таълимӣ, таҳсилот, марҳилаҳо, хусусиятҳо, таҳсилоти олии касбӣ, технологияҳои компютерӣ.

**ТЕХНОЛОГИЯ ДИСТАНЦИОННОГО ОБУЧЕНИЯ И ЕЕ ВОЗМОЖНОСТИ**

В статье рассматриваются и описываются вопросы, связанные с технологией дистанционного обучения в современное время, По мнению автора, последние десятилетия характеризуются бурным развитием информационных и коммуникационных технологий. Образовательные учреждения Таджикистана, в том числе высшие учебные заведения, стараются активно использовать новейшие достижения науки и техники в области компьютерных технологий и интегрировать их в учебный процесс, управленческий аппарат и воспитательную деятельность. Автор отмечает, что при определении потенциала дистанционного обучения и дистанционных образовательных технологий необходимо упомянуть электронное обучение. Подводя итоги, автор приходит к выводу, что электронное обучение можно рассматривать и оценивать следующим образом: обучение с использованием информационно-коммуникационных технологий. Признание электронного обучения и использования технологий дистанционного обучения на разных уровнях образования осуществляется Правительством Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** технология, дистанционное обучение, информационно-коммуникационные технологии, электронное обучение, технология, образование, образовательные учреждения, обучение, этапы, особенности, высшее образование, компьютерные технологии.

**DISTANCE LEARNING TECHNOLOGY AND ITS POSSIBILITIES**

The article discusses and describes issues related to the technology of distance learning in modern times. According to the author, the last decades are characterized by the rapid development of information and communication technologies. Educational institutions of Tajikistan, including higher educational institutions, are trying to actively use the latest achievements of science and technology in the field of computer technology and integrate them into the educational process, management apparatus and educational activities. The author notes that when determining the potential of distance learning and distance learning technologies, it is necessary to mention e-learning. Summing up, the author comes to the conclusion that e-learning can be considered and evaluated as follows: learning using information and communication technologies. The recognition of e-learning and the use of distance learning technologies at different levels of education is carried out by the Government of the Republic of Tajikistan.

**Key words:** technology, distance learning, information and communication technologies, e-learning, technology, education, educational institutions, training, stages, features, higher education, computer technologies.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобохонов Ҷамшед Сабзаалиевич*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.Телефон: **988497447.**

**Сведение об авторе**: ***Бобохонов Джамшед Сабзаалиевич*** - – Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, соискатель. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. С. Сафарова,16 Телефон: **988497447.**

**Information about the author*: Bobokhonov Jamshed Sabzaalievich*** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, applicant. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street 16. Phone**: 988497447.**

УДК: 371

# ШИНОХТИ ҲАҚҚИ МОДАРУ ПАДАР ДАР «ҚОБУСНОМА»-И УНСУРМАОЛИИ КАЙКОВУС ВА ПЕДАГОГИКАИ МАРДУМИИ БАДАХШОНИ ТОҶИКИСТОН

*Саидиброимов Шозодаиброҳим*
**Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев**

Бадахшон минтақаи афсонавист, ки табиати сеҳрангезу шигифтангези он бо мардуми сарбаландаш асрҳо боз тавачҷуҳи муҳаққиқону таърихнигорон, олимону шоиронро ба худ ҷалб намудааст. Гарчанде ки мардумшиносон вижагиҳои мардуми ин сарзаминро асрҳои аср мавриди ковиш ва пажӯҳиш қарор дода бошанд ҳам, ҳанӯз гиреҳҳои нокушода роҷеъ ба вижагиҳои педагогикаи мардумии сокинони ин сарзамин арзи вуҷуд доранд.

Агарчи роҷеъ ба хусусиятҳои хосси педагогикаи мардумии Бадахшон дар тарбияи фарзанд аз ҷониби чи олимони ватанӣ ва чи хориҷӣ корҳои зиёд ба анҷом расонида шуда бошанд ҳам, паҳлуҳои тадқиқнашуда дар ин самт ҳанӯз ҳам зиёданд. Сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки аз қадимулайём мавқеи тарбия бо такя ба хиради волои инсонӣ дар оилаҳои мардуми тоҷик, аз ҷумла минтақаи дурдасти Тоҷикистон-Бадахшон мавқеи асосӣ дошт.

Мавриди зикр аст, ки тарбия дар оилаи мардуми тоҷик ва бахусус, мардуми Бадахшон аз рӯзҳои аввали пайдоиши одам дар рӯйи олам арзи вуҷуд дошта, асрҳои аср мақоми хешро гум накарда, баръакс, то кунун дар ҳоли рушд аст. Мардуми ин сарзамин дар тарбия намудани фарзандон нақши хирадро боло гузошта, аз панду андарзҳои бузургон, донишмандону мутафаккирон васеъ истифода менамуданд, ки «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус низ дар ин ҷода мавқеи назаррас дошт. Банда бо усулҳои истифодаи панду андарзҳои ниёгон тарбия намудани насли наврасро аз бузургони оилаи хеш ҳам шунидаву ҳам дар тарбияи хеш мушоҳида намуда, аз назарияи онҳо тарбия мегирифтаму аз амалашон таҷриба. Қисмате аз ин таҷрибаро дар ҳамбастагӣ ба боби панҷуми асари болозикр мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медиҳам.

Таҳлилу мушоҳидаҳо собит намуданд, ки гузаштагони Бадахшони Тоҷикистон ба тарбияи фарзанд дар руҳияи шинохти қадри падару модар диққати асосӣ медоданд. Ин мавзуъро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, моҳи майи соли 2014 бо бузургони оилаи хеш: падарам Саидиброимов Одилшо ва амакам, шоир-маорифчӣ Саидиброимов Исмоилшо суҳбати озод, саволу ҷавоб доир намудам. Дар рафти суҳбат ва баҳсу мунозираҳо оид ба мавзуи зайл дарёфтам, ки онҳо дар тарбияи мо фарзандон чун дигар оилаҳои деҳаи мо ва билкул Бадахшон саҳми назаррас гузошта, пайваста ба насиҳат машғул буданд ва муҳимтараш худ мактаби тарбия барои фарзандон буданд, рафторашон гуфтори онҳоро инъикос менамуд. Падару модар дар ободонии диёр саҳми арзанда гузошта, тамоми мардуми деҳ якдилона ба обод кардани диёри хеш машғул буданд. Дар корҳои ҳаррӯза ба ҳамдигар ёрӣ мерасонданд, мушкилиҳои ҷойдоштаи мардуми деҳаро якҷо ҳал мекарданд ва фарзандонро низ дар ин руҳия тарбия мекарданд. Масалан, аз Саидиброимов И. суол кардам: «Мақсад аз меҳнати дастаҷамъона ва якҷояи мардум чӣ буд?», дар ҷавобам гуфт: «Хайру баракат дар иттиҳоду иттифоқ аст, як кас танҳо дар ҳалли мушкилот ё иҷрои кор муваффақ шудан наметавонад, мо инро аз гузаштагон мерос гирифтаем ва шиори мо «Пароканда лашкар наояд ба кор» аст ва уҳдадории мо ин аст, ки шумо, фарзандони худро низ дар ин руҳия тарбия намоем». Ободии диёр, шукуфоии Ватан мақсаду мароми гузаштагон буд ва ба ин мақсади хеш расидагӣ доштанд. Саидиброимов О. бошад, ба ин савол чунин посух дод: «Яке аз мақсадҳои офарида шудани одам дар олам ободӣ ва муҳофизати

муҳити зист аст. Мо падару модар вазифадорем, ки дар ободонии кишвар нақши бориз дошта, фарзандонро тарбия намоем, ки анъанаи неки падару модар, ки мо онро аз гузаштагони худ ба мерос гирифтем, идома бахшанд». Ин ҳамбастагиро дар «Қобуснома» низ пайдо намудем: «Бидон, эй писар, ки Офаридгор чун хост, ки ҷаҳон обод монад, асбоби насл падид кард.... падару модарро сабаби кавни (ҳастии) фарзанд кард» [9, с.25].

Нақши падару модар дар педагогикаи мардумии Бадахшон баланд буд ва ниёгон падарро «шоҳсутини хона» ва модарро «Каъба» мегуфтанд. Хонаи суннатии мардуми Бадахшон аз 5 сутун иборат буда, сутуни асосиро «шоҳсутун» мегӯянд, ки бе он хона ноустувор аст ва маҳз падарро ба он ташбеҳ медиҳанд. Нақши тарбия дар хона то аҳде мустаҳкам буд, ки фарзанд на танҳо худаш падару модарро эҳтиром мекард, балки дар вақти хонадор шуданаш, аз ҳамсар аз ҳама пеш хоҳиш мекард, панд медод, ки падару модари маро эҳтиром кун, онҳоро чун падар ва модари худ дӯст бидор. Ба ин тариқ духтарони хешро низ насиҳат менамуданд, ки хусуру хушдоманатро ба падариву модарӣ қабул намо, аз гапҳои онҳо сар мапеч, дили онҳоро ба даст овар. Ин пандро писару духтар бечунучаро ба ҷо меоварданд, зеро дар оилаи хеш чунин рафтори неки куҳансолонро мушоҳида мекарданд ва аз таҷрибаи рӯзгори онҳо баҳра мегирифтанд. Тавре Фирдавсӣ менигоранд, ҳурмату эҳтиром намудани падару модар муҳим аст, аммо набояд ин чиз яктарафа бошад, падару модар низ дар навбати худ вазифадоранд, ки нисбат ба фарзандони худ меҳрубон бошанд ва дар оилаи мардуми Бадахшон ин рафтор пурра назаррас буд:

*Чу фармонпазиранда бошад писар,*
*Навозанда бояд, ки бошад падар [3, с.68].*

Тазаккур додан бамаврид аст, ки бо чашми хеш низ медидем, ки падару модари мо нисбат ба волидон, хушдомани хусур ва фарзандони худ чунин рафтор мекарданд. Ин рафтори намунавӣ хиради волои гузаштагонро тараннум мекунад. Дар насиҳати У. Кайковус ба фарзанд низ мавқеи чунин тарбияро баръало мушоҳида метавон кард: «... аз муҷиби хирад бар фарзанд аст худро ҳурмат доштан ва тааҳҳуд (нигоҳубин) кардан ва низ воҷиб аст асли худро тааҳҳуд кардан ва ҳурмат доштан ва асли ӯ ҳам падару модар аст» [9, с.25].

Яке аз омилҳои асосии муваффақ гардидани гузаштагон дар тарбияи фарзанд ва ба даст омадани натиҷаи дилхоҳ ин истифода аз хирад буд. Падару модар на танҳо ба тарбия, балки ба таълими фарзандон низ диққати ҳаматарафа медоданд ва барои донишманд шудани фарзандон саъю талош менамуданд. Мусаллам аст, ки хирад бо омӯзиши дониш ташаккул меёбад ва гузаштагон дар равнақ бахшидани дониш ва хирад саҳми назаррас мегузоштанд. Одами хирадманду хирадгаро соҳибтаҳаммул, хоксор, фурӯтан, бомуҳаббат, ростгӯ ва дурусткор аст ва гузаштагон тавонистанд чунин фарзандонро тарбияву ба камол расонанд. Ба ин маънӣ Кайковус нигоштааст: "Ва он фарзандро, ки мудом хирад раҳнамуни ӯ бувад, аз ҳаққу меҳри падару модар холӣ набошад" [9, с.26].

Мақоми падару модар дар педагогикаи мардумии Бадахшон бағоят баланд буду ҳаст. Гузаштагон панду насиҳат медоданд, ки агар хоҳед, ки Офаридагори хешро бишиносед, муҳим аст, ки ба қадри падару модар бирасед, зеро онҳо офаридагори ҷисмонии шумо мебошанд, шуморо ба дунё оварда, бо заҳматҳои зиёд ба камол расонданд, тарбият карда, соҳиби хонаву оила карданд ва новобаста аз болиғ шуданатон ҳамеша аз шумо муроқибат мекунанд. Дар ин масъала соли 2009 бо марди соҳибэҳироми солхӯрдаи ноҳияи Рошткалъа Доробов Мубораккадам суҳбат доштем. Суҳбати гарму самимии мо дар атрофи мақоми падару модар дар оила буд. Доробов нақл намуданд: "Аз фармони падару модар набояд сар печид, зеро коре, ки бе ризои падару модар анҷом дода мешавад, бенатиҷа аст. Моро падару модар панд медоданд ва ман низ ба шумо панд

медиҳам, ки ҳаққи падару модарро бишиносед, онҳо офаридагори фарзанд дар рӯйи заминанд ва шумо муосирон ин анъанаи некро ба наслҳои оянда интиқол диҳед.” Чунин тарбия меҳру муҳаббати падару модарро дар қалби фарзандон равнақ мебахшид ва таҷрибаҳои кӯдакиву наврасии мо дар оила инро собит намуданд. Ба гӯши хеш шунидаву бо чашми худ дидем, ки мақому манзалати бобову бибӣ дар назди падару модари мо чи гуна аст ва ин рафтори нек худ як мактаби ахлоқӣ барои мо буд. Ин суханҳо дар “Қобуснома” равшан ба назар мерасанд: “Ва зинҳор, эй писар, ки ранҷи падару модар хор надорӣ, ки Офаридгор ба ранҷи дили модару падар бисёр уқубат кунад” [9, с.26]. Нависандаи машҳури рус А. М. Горкий низ падару модарро офаридагори инсон мешуморад ва қайд мекунад, ки бе ҳастии модар ҳастии олам аз имкон дур аст, модар воситаи ҳастии ҳамаи махлуқоти рӯйи олам аст: “Бе офтоб гулҳо намешукуфанд, бе муҳаббат хушбахтӣ нест, бе зан ишқ нест, бе модар шоир нест, қаҳрамон ҳам нест” [10, с.22].

Вижагии дигари тарбияи фарзанд ёд додани некиву некукорӣ буд. Гузаштагони мардуми Бадахшон саховатманду некукор буданд ва фарзандони хешро низ дар ин равия тарбия менамуданд ва нахуст фарзандони болиғ ба падару модар некӣ мекарданду кӯшиш бар он мекарданд, ки қадре ҳам бошад, ҷавоби хизматҳои онҳоро гардонда бошанд. Падару модар талош меварзиданд, то ки фарзандонашон некиродаву саховатпеша бошанд. Ба падару модар, ниёзмандон, шахсони барҷомондаву пир ва дигарон дасти мадад ва саховат дароз намоянд. Дар рафти тадқиқот (соли 2010) бо иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Хушолбеков Хисравбек (тав. 1925, н. Роштқалъа, дорандаи ордени «Ҷанги Бузурги Ватанӣ» дараҷаи 1.) мулоқот доир намудем ва яке аз саволҳо чунин буд: “Саховатмандиву накукории мардуми Бадахшонро чӣ тавр маънидод мекунед?”. Ин марди таҷрибаи рӯзгордида ба саволам чунин посух дод: “Мардуми сарбаланди Бадахшон дар саховат ва некӣ ҳамто надоранд. Ман давраҳои зиёди зиндагӣ: давраи пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ, давраи ҷанг, баъд аз ҶБВ, давраи шукуфоии Шуравӣ, пошхурии он ва сар задани бесарусомониҳо дар кишвар ва даврони Истиқлолияти давлатиро аз сар гузаронидам. Дар ҳеҷ давру замон мардуми Бадахшон аз некӣ кардан даст кӯтоҳ накарданд. Дар замони дороиву нодорамӣ яксон некӣ мекарданд. Бурдаи нонро бе ҳамдигар намехӯрданд. Дар давраи ҷанг боз ҳам мардум иттиҳоду иттифоқ шуда, ба ҳамдигар беш аз пеш некӣ мекарданд. Рӯз меҳнат мекарданд ва бегоҳӣ дар як хона ҷамъ шуда ними нонро бе ҳам тановул намекарданд. Ба фронт мувофиқи имкони худ маводи хӯрока, либосу пойафзол ва амсоли инҳоро ёрдам мекарданд. Ҳеҷ гадову ниёзманд аз хонаи мардуми Бадахшон ноумед намебаромад. Фарзандони болиғ маводи хӯрокаи бадастомадаро ба падару модар, мардуми диёр медоданд. Ин анъана дар давраи зиндагии мо низ аз байн нарафт ва умед дорам, ки шумо низ ин суннатро зинда нигоҳ медоред. Бояд қайд намоям, ки ҳамаи ин аз шинохти қадри падару модар ва тарбияи неки онҳо сарчашма мегирад”. Ин суханонро куҳансолони ноҳияи Роштқалъаи ВМКБ: Шодавлатов Ғуломиддин (тав.1916, н. Роштқалъа, дорандаи Ордени Ленин), Сафаров Неккадам (тав. 25.03.1920 омӯзгор, собиқ директори мактаби миёнаи № 82, н. Роштқалъа), Тиллоев Булбулхон (тав.1930, омӯзгор, собиқ директори мактаби миёнаи № 74, н. Роштқалъа), Доробов Мубораккадам (тав.1922), Лаълбекова Назарбахт (тав.1921, ҳамсари иштирокчии ҶБВ Хушолбеков Хисравбек), Бахтовархонова Зиёдабегим-нафақахӯр ва дигарон низ дар рафти мулоқот тасдиқ намуданд. Шахсони муътабари номбурда дар рафти суҳбат қайд намуданд, ки аввалан некӣ кардан ба падару модар ва дар умум некӣ кардан ба кулли мардум анъанаи неки мардуми Бадахшон аст. Бахтовархонова З. роҷеъ ба ин масъала қайд намуданд: “Дар хурдӣ падару модар моро панд доданд, ки ризқу рӯзиатонро ба 3 қисмат тақсим кунед: қисми аввал ҳаққи модару падар,

қисми 2-юмро ба ниёзмандон дода, қисмати 3-юмро барои худ ва фарзандони худ сарф кунед. Моро чунин тарбия намуданд ва дар партави ин насиҳатҳо амал намудем" Дар "Қобуснома" низ Кайковус ба фарзанди хеш чунин насиҳат кардааст: «Пас, ҳаққи модару падар агар аз рӯйи дин нанигарӣ, аз рӯйи хираду мардумӣ бингар, ки падару модар манбати некиву асли парвариши нафси туанд. Чун ту дар ҳаққи эшон муқассир (гунаҳкор) бошӣ, чунон бувад, ки ту сазои ҳеҷ некӣ набошӣ ва он кас, ки вай ҳақшиноси некии асл набошад, некии фаръро ҳам қадр надонад" [9, с.26].

Аз суҳбат бо куҳансолон, мутолиаи сарчашмаҳои илмиву адабӣ ва таърихӣ равшан гардид, ки гузаштагони Бадахшон дар тарбия ва таълими фарзанд нақши хирадро асосӣ дониста, барои ташаккули хиради хеш саъю талош варзида, фарзандонро низ ба рушди хирад даъват менамуданд. Ба такмили дониш ва маҳорати фарзандон диққати асосӣ медоданд. Барои кӯдакон афсона, ҳикояву ривоятҳои тарбиявиро нақл мекарданд. Афсонагӯӣ дар оилаҳои мардуми Бадахшон то охирҳои асри XX давом дошт. Ба наврасону ҷавонон бошад, панду ҳикмат ва андарзҳоро нақл мекарданд, онҳоро ба хондани китобҳои бадеӣ, нақли мазмуни ин китобҳо ҷалб мекарданд. Саидиброима Асмопарӣ (соли таваллудаш 1936) нақл мекунад, ки дар оилае, ки мо зиндагӣ мекардем, оилаи тавоно буд ва ба чизе ниёз надошт. Аҳли оилаи мо ҳама зиёӣ, донишманду оқил буданд, дар молу мулкашон низ камӣ набуд, аммо сардори оила шоир, маорифчӣ, омӯзгори аввалини Бадахшон Охон Шоҳфутур Муҳаббатшоҳзода моро панд медоданд, ки фарзандонатонро соҳиби хату савод ва илму дониш кунед. Онҳоро дар руҳияи шинохти қадри падару модар тарбият кунед. Ба тавоноии хеш марғур набошед, зеро тавоноӣ бебақо аст, вале дониш безавол. Ин суханони Охон дар қалби мо нақши абадӣ баста, мо низ дар рӯзгори хеш инро мушоҳида намудем. Фарзандони мо аз тариқи дониш ба давлат расиданд, на аз мероси молии мо». Ин суханони нек имрӯз низ дар оилаҳои мардуми Бадахшон дар таълиму тарбияи фарзандон дар руҳияи шинохти ҳаққи падару модар ва ҷанбаҳои дигари ахлоқӣ ҷойгоҳи махсус доранд ва хушбахтона, ин анъана аз тарафи оилаҳои муосир низ идома дорад. Назари Унсурулмаолии Кайковусро оид ба ин нукта чунин аст: "Ва агар ба мол дарвеш гардӣ, ҷаҳд кун, то ба хирад тавонгар бошӣ, ки тавонгарии хирад аз тавонгарии мол беҳтар бошад ва ба хирад мол тавон ҳосил кард ва ба мол хирад ҳосил натавон кард" [9, с.27]. Пас қайд кардан муҳим аст, ки истифодаи хирад дар тарбия ва ҳамзамон, шинохти ҳаққи падару модар дорои аҳамияти хос аст.

Таҷрибаи ҳаёт беҳтарин дарси ибрат аст. Дар зиндагӣ инсоният некиву бадиро бо чашми худ мебинад, мешунавад ва аз он дарси ибрат мегирад. Ба қавли бузургон, «Ҳар киштеро ҳосиле аст ва ҳар амалро подош». Ва агар ин масъалро вобаста ба муносибат нисбат ба падару модар таҳлил кунем, ба он ақида ҳамфикр мешавем, ки аз фарзандони худ дар пирӣ онро интизор бояд шуд, ки нисбат ба падару модари худ раво доштӣ ва амал мекардӣ. Таҷрибаҳои педагогикаи мардумии Бадахшон нишон додаанд, ки рафтори хуби фарзандон нисбат ба падару модар боиси он гардид, ки онҳо низ аз фарзандони хеш муносибати хубро дида хуб муроқибат меёфтанд. Ҳеҷ кас аз фарзанди худ озор ё гила намекард ва ин анъанаи нек то замони мо мақоми худро аз даст нadодааст. Мутаваҷҷеҳ шавем ба гуфтори У. Кайковус: «.... бо падару модари худ чунон бош, ки аз фарзандони худ тамаъ дорӣ, ки бо ту бошанд. Зеро ки он ки аз ту зояд, ҳамон тамаъ дорад, ки ту аз падар дорӣ» [9, с.28].

Панду андарзҳои бузургонро восита кардану фарзанди худро тарбия намудан натиҷаи дилхоҳро ба бор меоварад. Фарзандон тавре дар оилаи гузаштагон тарбия мегирифтанд, ки сухани падару модар барои онҳо ҳам фармон буду ҳам қонун. Тавре Ауалӣ ибни Сино мефармояд: «…Гуфтам: «Аз фармонҳо кадом

фармонро хор набояд дошт?» Гуфт: «Се: аввал фармони Худои азза ва ҷалла; дувум - фармони оқилон; саввум-фармони падару модар» [5, с.85].

Ин таҷрибаи бойи гузаштагон барои ояндагон дарси ибрат аст ва барои пойдор нигоҳ доштан ва тақвияти ин анъанаи неки ниёгон пешниҳод менамоем:

- дар замони ҳар дам тағйирёбанда муҳим аст, ки ин анъанаи неки ниёгонро аз даст надиҳем;

- ташкили табодули таҷриба байни оилаҳои намунавӣ аз сатҳи деҳот то сатҳи шаҳрҳо аз тарафи масъулини кор бо ҷомеаи мақомотҳои маҳаллӣ, ташкилотҳои бонуфузи байналмилаливу ҷамъиятӣ хеле муҳим аст;

- гузаронидани корҳои тадқиқотӣ ва анҷоми рисолаҳои илмӣ дар ин мавзуъ аз тарафи муҳаққиқони ҷавон ва олимон, аъзоёни Академияи хурд, хатмкунандагони донишгоҳҳои олӣ (манзур навиштани рисолахои хамт), магистрантҳо ва дигар соҳибқаламон мақсаднок аст;

- ташвиқу тарғиби ин анъанаи нек дар миёни аҳолӣ, бахусус наврасону ҷавонон;

- дар муассисаҳои таълимӣ дар гузаронидани соатҳои тарбиявию синфӣ, чорабиниҳои беруназсинфӣ, маҳфилҳои илмиву адабӣ баррасӣ намудани ин мавзуъ дорои аҳамияти хос аст;

- сабти видеоӣ ва ё таҳияи филм вобаста ба ин мавзуъ.

**Муқарриз: Булбулов Ҷ. – д.и.п., профессори ДДХ ба номи М.Назаршоев**

**АДАБИЁТ**


1. Абибов А. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон (асри XIX ва аввали асри XX) / А. Абибов. –Душанбе: Дониш, 1971. - 176 с.
2. Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб, ҷиди 1 - 2. – Душанбе 1980.- 300 с.
3. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. -Ҷ. 3. Ҳайати таҳририя: М. Осимӣ, К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, А. Маниёзов, М.Н. Османов, Х. Шарифов, М. Қаноат. – Душанбе: Адиб, 1987. -478 с.
4. Охонниёзов В. Берангӣ хосияти Офаридагор / В. Охонниёзов. - Душанбе, 2010. – 243 с.
5. Дурдонаҳои наср. Тартибиҳандагон: А. Афсаҳзод, А. Алимардонов, Ҷ. Додалишоев. -Душанбе: Ирфон, 1987.- 556 с.
6. Давлатбеков Лоло. Шоҳфутур-адиби донишманд / Л. Давлатбеков –Душанбе, 2012. - 172 с.
7. Саидиброимов Ш. О. Шоҳфутур-азизи дилҳо (мақола) / Ш. О. Саидиброимов // Масъалаҳои илмҳои гуманитарии ИИГ, АТТ. - №2. -2019.- 200 с.
8. Тилло Пулодӣ. Шоирони халқии Бадахшон. –Душанбе: Шарқи Озод, 1999.- 140 с.
9. Унсурмаолии Кайковус. Қобуснома. Ҳайати таҳририя: А. Самадов, Ш. Исрофилниё, Б. Мақсудов, Р. Ваҳҳоб, Н. Зайниддинов. -Душанбе: Маориф, 2016.- 240 с.
10. Фидолиева З. Накши зан-модар дар оила (мақола) / З. Фидолиева // Раҳнамои омӯзгор. - Хоруғ, 2014. -№ 11 (143). -32 с
11. Афзалов Х. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик / Х. Афзалов, Б. Раҳимов. -Душанбе: Маориф, 1994.- 190 с.
12. Шарифов Х. Адабиёти асрҳои миёна // Сухан аз адабиёти миллӣ. Маҷмуаи мақолаҳо / Х. Шарифов. - Душанбе, 2009. – С. 29-97.


## ШИНОХТИ ҲАҚҚИ МОДАРУ ПАДАР ДАР «ҚОБУСНОМА»-И УНСУРМАОЛИИ КАЙКОВУС ВА ПЕДАГОГИКАИ МАРДУМИИ БАДАХШОНИ ТОҶИКИСТОН

Мардуми ориётабори тоҷик ва бахусус, мардуми кӯҳистони Бадахшон ба тарбияи фарзанд аз қадим боз таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, диққати асосиро дар оила ва ҷомеа ба тарбияи фарзанд, дар баробари таълим равона мекарданд. Табиист, ки мардуми ин сарзамин худ соҳиби тарбияи хуби ахлоқӣ буда, саъю талош бар он меварзиданд, ки фарзандони худро тавре тарбия намоянд, то ки намунаи ибрати тамоми мардум бошанд. Ҳар як оила кӯшиш мекард, ки фарзандонашон аз ҳар оилаи дигар хубтар тарбиятёфта бошанд ва дар ин самт муваффақиятҳои калонро ба даст меоварданд. Яке аз самтҳои асосии тарбия, ки мардуми сарзамини Бадахшон ба он диққати асосӣ медоданд, ин шинохти қадри падару модар, ба қадри падару модар расидан мебошад ва он дар системаи тарбияи мардуми Бадахшон ҷойгоҳи махсус дошт. Рушди бемайлони техникаи муосир ва дигар омилҳо ба тарбияи фарзанд, бахусус шинохти падару модар, ҳам таъсири мусбӣ ва ҳам манфӣ мерасонанд. Тарбия дар оилаҳои сокинони мамлакатҳои Ғарб куллан дигар аст ва он ба тарбияи фарзандони дигар кишварҳо таъсири худро мерасонад. Аз ин лиҳоз, дар ин мақола тасмим бар он гирифтем, ки вижагиҳои тарбияи мардуми Бадахшонро бо истифода аз суҳбат ва таҷрибаи

куҳансолони ин макон, дар ҳамбастагӣ бо боби 5-уми «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус мавриди тадқиқ ва таҳлил қарор диҳем. Анъанаи неки ниёгон дар тарбияи насли наврас мақоми асосӣ дошт. Аз ҷумла, истифодаи панду андарзҳои ниёгон, таҷрибаи бойи гузаштагон дар таълиму тарбияи фарзандон бо мақсади баланд бардоштани мақому манзалати падару модар дар оила ва ҷомеа қисмати калидии тарбия буд ва маҳз дар ин мақола оиди ин нукот таҳлилҳои асоснок оварда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** тарбия, падару модар, шинохт, мақом, манзалат, панд, андарз, таҷриба, насиҳат, амал.

## ПОЗНАВАНИЕ РОДИТЕЛЕЙ В «КАБУСНАМЕ» УНСУРУЛМААЛИ КАЙКАВУСА И ПЕДАГОГИКА НАРОДОВ БАДАХШАНА

Таджики по своему происхождению -арийцы, особенно в Бадахшане люди с давних пор в семьях наряду с обучением уделяли особое внимание воспитанию подрастающего поколения. Ясно,что сами бадахшанцы хорошо воспитаны,стараются воспитывать своих детей так,чтобы они были примерными. Каждая семья пред другими семьями, старается достичь успехов в воспитании тем самым достигают больших успехов в этом святом деле. Одна из особенностей семьи в Бадахшане -это уважение родителей, и это имеет особое место в воспитательном процессе. Так как жизнь протекает быстрыми темпоми, развиваются новейшие технологии особое значение приобретает уважение к родителям. Это развитие положительно влияет на подрастающее поколение в плане уважения родителей. Запад в этом деле имеет свои особенности и ясно,что он будет влиять и на другие части света. поэтому мы поставили пред собою задачу исследовать ценности бадахшанских семей со слов старожилов и сравнить их с поэмой «Кобуснаме» Унсурулмаоили Кайковуса. Наследие старшего поколения в процессе воспитания имеет для нас особое значение, в том числе их наставления,богатый опыт в воспитательном процессе с целью повышения роли родителей в семье. В этой статье приведены достоверные факты по этой теме.

**Основные понятия:** воспитание, отец, мать, уважение, место наставление, опыт, наставление, действовать.

## UNDERSTANDING THE ROLE OF PARENTS IN “QABUSNAMA” OF UNSURULMAOLII KAYKOVUS AND THE PEDAGOGY OF THE PEOPLE OF BADAKHSHAN

Tajik Arian people and especially the people of mountains Badakhshan have paid special attention to child rearing, on top of educating children rearing, on top of educating children particular attention was directed towards raising children from the society and families. Naturally, people from Badakhshan have place ethical principle on top and try to parent children in a way that makes them a role model in the community. Each family tried to raise a child that would behave better than those around and most families successed in their mission. One of the most important directions in parenting that people paid special attention to was respect and valuing parents with technological advancements a lot has changed in children’s perception and the level of respect to parents. Technologies have had both positive and negative impact. The way of raising children in western societies is completely different and it has influenced the parenting styles in other countries. The aim of current paper is to describe and research the parenting by linking it to the unit 5 of Kabusnoma of Unsurulmaalii Kaykovus. Positive traditions of our ancestors had main and important role. For example, using proverbs and sayings an rich experience of past generations have helped in elevating the role of parents in the family and society. This paper contains analysis of these main points.

**Keywords**: educating, father, mother, respect, place, proverbs, sayings, experience, advice, doings

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидиброимов Шозодаиброҳим*** – Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи педагогика ва психология. **Суроға**: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ленин, 28
Телефон: **(+992) 935-27-71-71**, E-mail: **shozoda07.71@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Саидиброимов Шозодаиброхим*** - Хорогский государственный университет имени М. Назаршоева, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры педагогики и психологии. **Адрес**: 736000, Республика Таджикистан, город Хорог, улица Ленина, 28
Телефон: **(+992) 935-27-71-71**, E-mail: **shozoda07.71@mail.ru**

**Information about the author: Saidibroimov Shozodaibrokhim -** Khorog State University named after M. Nazarshoev, Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Pedagogy and Psychology. **Address:** 736000, Republic of Tajikistan, Khorog city, Lenin street, 28
Phone: **(+992) 935-27-71-71**, E-mail: **shozoda07.71@mail.ru**

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

### ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ


***Гуломов Т.М.*** Роль социально-политической и культурной деятельности мыслителей Хорасана и Мавераннахра в развитии и адаптации ислама………………………………. ***5***

***Назризода Д.Х.*** Трансформация митинговой кампании весны 1992 г. в Душанбе в вооруженное противостояние.............................................................................................. ***16***

***Холов Х.Х.*** Дипломатия Ирана: основные формы и модели деятельности………………. ***32***

***Мустафаева П.Х.*** Особенности участия Республики Таджикистан в интеграционных процессах стран СНГ (исторический процесс)……………………………………………… ***40***

***Махмадрасулов Б.С., Махмарасулов М.С.*** Физическая культура и спорт таджикского народа в период феодализма………………………………………………………………………. ***48***

***Шарипов С.С.*** Ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини амният (дар қаринаи вазъияти Афғонистон)................................................ ***56***

***Ғуломов А.*** М. Саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар тавсеаи робитаҳои кишвар бо Созмони ҳамкориҳои исломӣ.................................................... ***64***

***Ҳошимов С. Ҳ.*** Ҳамкории СММ бо Афғонистон барои ҳалли низоъ дар ин мамлакат дар аввали асри XXI......................................................................................................... ***72***

***Давлатшоев Р.Ҳ, Мунавваров М.*** Фаъолияти ташкилию ҷамъиятии академик Мулло Эркаев **……………………………………………………………………………………** ***78***

***Салимзода Фатҳиддин Файзиддин*** Нақши тангаҳои аҳди қадим ва асрҳои миёна дар муайян намудани таърихи ноҳияи Данғара................................................................ ***85***

***Нуров Сухроб*** Саҳми профессор О. Боқиев дар омӯзиш ва инъикоси масъалаи мардикорӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ .................................................................. ***93***


### ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ


***Захидов О.Х.*** О специфике философии как науки………………………………………….. ***99***

***Аминов Ф.А.*** Дилеммаи назари илоҳиётӣ ва биологизатории қобилияти инсон дар таълимоти антропологии Афлотун………………………………………………………. ***109***

***Гулов Раҳмоналӣ*** Нақши соҳаи маориф дар тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар системаи маорифи Тоҷикистон **.........................................................................................** ***119***


### ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ – ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ


***Мухаметов Г.Б.*** Общие вопросы функционирования русского языка в Республике Таджикистан…………………………………………………………………………………… ***126***

***Ходжаева С.М., Ходжиматова Г.М.*** Некоторые формы активизация познавательной деятельности студентов национальных групп при работе с текстами по специальности ***134***

***Абдуллоева Т.М.*** Совершенствование навыков конспектирования на занятиях русского языка……………………………………………………………………………………….. ***142***

***Гиёев А.Х.*** Нравственное воспитание студентов профессиональных вузов республики таджикистан как педагогическая проблема………………………………………………. ***149***

***Норбаев Т.С.*** Интегративная сущность активизации познавательной деятельности студентов и оптимизации педагогического процесса в вузе……………………………… ***159***

***Аликулова С.Т.*** О социальных и юридических последствиях наркомании в подростковой среде правонарушителей……………………………………………………………………….. ***167***

***Джалилова М.Г.*** Педагогические основы формирования познавательной активности студентов………………………………………………………………………………………… ***176***

***Давлатов М.И.*** Трудности при изучении видов глагола………………………………… ***185***

***Таирова М.М.*** Психолого-педагогические факторы формирования творческих способностей студентов-дизайнеров швейных изделий……………………………………… ***192***

***Узбекова М.А.*** Педагогические условия развития творческих способностей студентов, обучающихся по специальности дизайн швейных изделий........................................... ***200***

***Тухлиева З.К.*** Развитие коммуникативной компетенции будущих учителей на материале культурных особенностей родной страны и страны изучаемого языка……………………… ***206***

***Хафизова Б.А.*** Цифровые технологии как современное средство эффективного изучения английского языка…………………………………………………………………………… ***213***
***АлиевА Н.Ш.***Основные средства семантизации вербальных единиц речевого этикета…….. ***220***

***Холбобоева Х.Б.*** Оценочная функция контроля как важный фактор активизации познавательной деятельности младшего школьника ……………………………………………… ***227***
***Файзалиев Дж.Дж.*** Файзулло Шарифзода о сущности и содержании интегрированного образования…………………………………………………………………………………….. ***234***
***Раҳимова Г., Манонова Р.А.*** Моҳият, омилҳо, хусусиятҳои синнусолӣ ва давраҳои алоҳидаи инкишоф дар ташаккули шахсият................................................................. ***242***
***Баротзода К.А.*** Ташаккули фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар раванди дарсҳои лабораторӣ-амалӣ ва семинарии методикаи таълими биология................................. ***249***
***Нуралиев М. И.*** Муоширати шахсӣ ва педагогӣ яке аз масъалаҳои акмеологӣ....... ***260***

***Қодирова Д.Т., Тошматов А.Д.***Мазмуни корҳои мустақилонаи донишҷӯёни ихтисоси педагогӣ аз фанни назария ва методикаи таълими физика……………………………. ***268***
***Наимова Д.Д.*** Вижагиҳои амалҳои таълимии иртиботӣ-муоширатӣ зимни таълими забони хориҷӣ ........................................................................................................... ***278***
***Саидзода И.М., Тағоев Ш.Х., Саидҷаҳфаров А.И.*** Асосҳои назариявӣ ва методии истифодаи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим.................................................................................. ***284***
***Рахимов А.А., Кудузова М.А.*** Методҳои гуногуни татбиқи ҳосилаи функсияҳои яктағйирёбандадор дар ҳалли масъалаҳои физикӢ бо ёрии барномаи maple барои ихтисосҳои техникӣ.................................................................................................... ***294***

***Одиназода С.А., Ғаниев Ч.Т., Зиёвуддини Маҳмадалӣ*** Усулҳои технологияи чопи 3D….. ***303***
***Бобоев У. Х., Бандаев С. Г., Бобоев М. У.***Истифодаи усули саволнома барои муайян кардани дараҷаи қобилиятҳои маърифатӣ ва мустақилияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таъсири омилҳои педагогӣ дар ташаккули онҳо……. ***311***
***Бобохонов Ҷ.С.*** Технологияи таълими фосилавӣ ва зарфияти он…………………….. ***324***

***Саидиброимов Шозодаиброҳим*** Шинохти ҳаққи модару падар дар «Қобуснома»-и унсурмаолии кайковус ва педагогикаи мардумии Бадахшони Тоҷикистон……… ***332***

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания **(**www.vestnik-tnu.com**).**

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2022. №7**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.П.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Корректор: П.Х.Латипова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

**Подписано в печать 14.10.2022 г.**